# Робита бо падар

Даҳ сифати дили шумо,
ки ба фарзандонатон
имкон медиҳанд,
то интихоби дуруст кунанд



Ҷош Макдауэлл

# Робита бо падар



Ҷош Макдауэлл

*Дар китоби худ „Робита бо падар“ Ҷош Макдауэлл оиди модели ибтидоии падарӣ, оиди даҳ сифате нақл мекунад, ки барои ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ ва мувофиқат дар муносибатҳо бо фарзандон мусоидат мекунанд. Бо ёрии ваҳйҳои библиявӣ ва намунаҳои равшан шумо оиди тарзи корбурди тамоман нав дар падарӣ мефаҳмед, ки он боиси бунёд гардидани системаи арзишҳо дар фарзандони шумо мегардад ва ба онҳо қобилият медиҳад, то дар зиндагӣ интихоби дуруст кунанд.*

Originally published in English under the title
*The Father Connection* by Josh McDowell.
© 1996 by Josh McDowell
Published by: Broadman & Holman Publishers, Nashville, Tennessee, U.S.A.

© 2004 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

# Пешгуфтори муаллиф



Китоби хуб барои фикр кардан ба одам ёрӣ медиҳад.

Ноширони ин китобе ки ҳоло Шумо кушодед, самимона умед доранд, ки он Шуморо ба андешаҳо водор карда, ёрӣ медиҳад, ки чизеро дар зиндагии худ ба сӯи беҳбудӣ дигаргун намоед.

Махсусан мехостам диққати хонандаи беимонро ҷалб намоям. Нуқтаи назари атеистон ба ҳама хуб маълум аст. Оиди он ки чаро зиндагии худро мувофиқи аҳкоми Китоби Муқаддас сохтан „оқилона“ нест, бисёр чизҳо гуфта шудаанд. Шумо акнун имкон доред қадаме ба сӯи воқеъбинӣ гузошта, далелҳои масеҳиёнро бинед.

Умуман „Новая жизнь“ нашри адабиётро вазифаи аввалиндараҷаи худ намеҳисобад. Мақсадҳои мо он аст, ки дониши шахси оддиро оиди Худо васеъ намоем. Мо мехоҳем ақаллан баъзе стереотипҳо ва хурофотҳо оиди масеҳиятро, ки дар тафаккури бисёрии мо (зодагони кишваре ки атеизм дини давлатии он буд) сахт ҷой гирифтааст, барҳам диҳем.

Ин китоб намунаи хубест. Калимаҳоро оиди он ки Худо зиндагии имондорони Худоро дигаргун мекунад, бодиққат хонед. Ба нақлҳои онҳое ки ба ваъдаҳои Худо бовар карда, мӯъҷизаҳои ҳақиқиро аз сар гузарондаанд, гӯш диҳед.

Шумо яке аз ҳамин гуна одамон шуда метавонед. Агар ҳангоми хондани китоб дар Шумо саволе пайдо шавад, ҳатман онро бо масеҳиёни шиносатон муҳокима кунед. Аз онҳо пурсупос намоед, то аниқ бидонед, ки онҳо ба чӣ ва чаро бовар мекунанд. Муҳаққиқони воқеъбин бошед.

Агар Шумо масеҳӣ бошед, пас мо интизори он ҳастем, ки ин китоб ба шумо ёрӣ медиҳад, то дар қарори тадқиқ намудани Каломи Худо ва дар дарки Наҷотдиҳандаи мо устувор шавед. Мо шод

мешавем, агар он ба Шумо барои дар калисои маҳаллӣ пурсамар хизмат кардан ёрӣ диҳад.

Аммо махсусан он муҳим аст, то ки Шумо баъди хондани ин китоб боз як роҳи ба ҷо овардани ин фармудаи Худоро бубинед: „Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед... ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд“ (Инҷили Матто, боби 28, оятҳои 19-20).

Бо умеди он ки ин китоб барои ҳар касе ки онро мекушояд, баракат шавад.

# Миннатдорӣ



Мехоҳам ба гурӯҳи бебаҳои одамоне ки барои дар воқеият таҷассум намудани ин китоб ба ман ёрӣ додаанд, изҳори миннатдорӣ намоям.

Ба Норм Уэйфилд, ки барои чун падар ташаккул ёфтани ман таъсири калон расондааст. Борикбинӣ ва фаҳмиши ӯ (ки дар китоби ҳамроҳи ӯ навиштаамон *The Dad Difference* акс ёфтааст) дарки он нақши Падари Осмониро, ки Ӯ дар ҳаёт ва падарии ман мебозад, хеле амиқ намуданд. Боварии амиқи Норм оиди зарурати ба шабоҳати Худо зистан дар бисёр мисолҳое ки ман дар ин китоб истифода бурдаам, акс ёфтааст.

Ба Лэрри Кифовер барои ёрӣ дар кор карда баромадани варианти якуми ин дастнавис;

Ба Боб Ҳостетлер барои ёрӣ дар тартибдиҳӣ ва бунёди натиҷаи ниҳоӣ аз варианти якуми дастнавис;

Ба Ҷенис Уиппл аз нашриёти Broadman & Holdman барои дастгирӣ ва баҳодиҳӣ ҳангоми аз тамоми марҳилаҳои нашр гузаштани ин лоиҳа;

Ба Дэйв Беллис, ҳамкори ман дар муддати нуздаҳ сол, барои кор карда баромадани идеяи умумӣ, тарзи корбурди эҷодӣ ва бунёди китоб ва ёрӣ ҳангоми гузаштани лоиҳа аз бисёр монеаҳои хурд ба сӯи анҷомёбӣ;

Ва, ниҳоят, ба занам Дотти ва фарзандонамон — Шон, Келли, Кэйти ва Ҳезер — барои пурсабрӣ, муҳаббат ва дастгирии онҳо дар давоми муддате ки ман падари беҳтар буданро меомӯхтам.

Ҷош Макдауэлл

# Падар будан дар замонҳои душвор




Беш аз бист сол пеш ман бори аввал якумин фарзанди навзодамро ба даст гирифтам.

Ман фикрҳо ва ҳиссиётеро, ки маро он вақт фаро гирифта буданд, хеле хуб дар ёд дорам. Ман ба рӯи духтарам Келли нигаристам. Вай ба ҷойпӯши мулоими зард печонида шуда буд, ва ман ангуштони вайро ҳисоб карда, аз пуррагӣ ва мураккабии бадани хурдакаки вай ба ҳайрат афтода будам. Вай нотавон буд. Ва вай аз они ман буд.

То даме ки ба вай бо муҳаббат ва ваҷд менигаристам, ҳис кардам, ки дар дилам боз як ҳиссиёте пайдо мешавад, ки онро хеле хуб медонистам. Ин тарс буд.

„Ман чӣ кор карда истодаам? — пурсидам аз худ. — Охир, ман намедонам, ки чӣ гуна падар бошам!“

Ман дар хурдсолӣ муҳаббати падарро намедонистам. Ман ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ чиз аз падар намуна гирифта наметавонистам. Ман ягон дафъаеро дар ёд надорам, ки ӯ маро бо худ ба ягон ҷо бурда бошад ё ақаллан муддатеро бо ман гузаронда бошад. Рости гап, ман ӯро бад медидам. Ман дар фермаи оддии шир зиндагӣ мекардам, ки дар наздикии шаҳраке дар штати Мичиган масоҳати 150 акрро ишғол менамуд. Ҳама дар ин шаҳрак якдигарро мешинохтанд ва, албатта, ҳар кадоми онҳо дар бораи бадмастии падари ман медонистанд. Дӯстони навраси ман дар бораи ӯ ҳазлҳо мекарданд, ва ман ҳамроҳи онҳо механдидам, бо умеди он ки ханда дарди маро пинҳон мекунад.

Ман ӯро барои он хиҷолате ки дар ман бедор мекард, бад медидам, ва низ барои рафтори ӯ бо модарам. Баъзан ман метавонистам ба анбор даромада, дар он ҷо модарамро бинам, ки дар рӯи саргинҳо назди говон дароз хобидааст ва чунон сахт шаллоқ хӯрдааст, ки

бархеста наметавонад. Баъзан, ҳангоме ки падар ба хона дар ҳолати мастии ашаддӣ меомад, ман ӯро ба анбор кашида медаровардам ва ба охур баста, дар он ҷо мемондам, то ки „хобида ҳушёр шавад“. Ҳангоме ки ман наврас будам, ман пойҳои ӯро мебастам, ва баъд нӯги озоди ресмонро дар гирди гарданаш мепечондам, бо умеди он ки ҳангоми кӯшиши озод шудан нафасгир мешавад. Модарам баъди як моҳи мактабро хатм кардани ман вафот кард, ва ман дар ин падарамро айбдор меҳисобидам.

Бо вуҷуди он ки Худованд баъди масеҳӣ шуданам ба ман имконияти оштӣ ва якҷояшавиро бо падарам дод, ва ҳатто ба ман имкон дод, ки барои ба Исои Масеҳ бовар кардани ӯ ёрӣ расонам (чордаҳ моҳ пеш аз он ки ӯ аз сактаи дил вафот кард), ба ҳар ҳол, ҳангоме ки ман худам падар шудам, маро ҳисси дардноке тарк намекард, ки ба ин нақш омода нестам.

## Касби тарсовартарин дар ҷаҳон

Агарчи шумо бо падаратон чунин муносибатҳои даҳшатовар надошта бошед ҳам, метавонед қисман бо фаҳмиши ман оиди он ки вазифаи падару модарӣ бисёр вақт кори вазнинтарин дар ҷаҳон мешавад, розӣ шавед. Зиёда аз ин, мутаассифона, дар ҳеҷ куҷо лисензияи падар шуданро дарёфт намудан номумкин аст. Ва бисёрии мо бояд бевосита дар ҷараёни ин кор, бо усули таҷриба ва хатоҳо омӯзанд — ва аксаран маҳз бо хатоҳо! Амалан, чуноне ки касе гуфтааст, бисёрии одамон дар соҳаи падару модарӣ фақат ҳамон вақт ба муваффақиятҳои муайян ноил мешаванд, ки худи фарзандонашон аллакай падару модар шудаанд!

Дар давоми якчанд соли охир ман кӯшишҳо ва дастовардҳои ҳамсафонамро мушоҳида ва муҳокима мекардам — падарони некхоҳеро, ки аз кори падари ҳақиқӣ шудан худро сахт рӯҳафтода ҳис мекарданд. Бисёриҳо иқрор мешаванд, ки онҳо байни муносибатҳои никоҳӣ, ки кӯшишҳои муайянро металабанд, ва болоравӣ дар вазифаи корӣ ва падарӣ роҳгум мезананд. Бисёрии онҳо вобастагиро ба ҷадвали пуршиддати корӣ ва стрессҳое ки ба он алоқаманданд, ҳис мекунанд. Бисёриҳо аз боиси норасоии малакаҳои падарӣ, муносибатҳои мураккаб дар оила ва ё аз боиси муносибатҳои носолим дар кӯдакиашон худро карахт ҳис мекунанд.

Зиёда аз ин, талабот ба падар шудан ҳозир беш аз ҳарвақта ҷиддӣ мебошанд.

Худи мо — ва фарзандони мо — дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки

бисёр вақт ба никоҳи мо, оилаҳоямон ва фарзандонамон таҳдид мекунад. Мо дар давраи маданияте зиндагӣ мекунем, ки ҳақиқати дар Китоби Муқаддас бударо инкор мекунад, ахлоқи библиявиро масхара мекунад, шаҳват ва зӯровариро болобардор ва ҳамду сано мехонад ва бар бадмастӣ ва дағалӣ фақат механдад. Мо дар ҷамъияте зиндагӣ мекунем, ки амалан мафҳумҳои ҳақиқат ва ахлоқро инкор мекунад, ҷамъияте ки бо як тарикe қобилияти фарқ кардани чизи ҳақиқӣ ва дурустро гум кардааст, ҷамъияте ки дар он *ҳақиқат* ба завқи шахсӣ вобаста аст, *ахлоқ* бошад бо афзалшумориҳои инфиродӣ иваз карда шудааст.

Мо бо вазифаи тарсовари тарбияи фарзандони худ дар давраи маданияте ки дар ҳолати бӯҳронист, рӯ ба рӯ мешавем. Тадқиқотҳо ба мо манзараи даҳшатнокеро пешкаш мекунанд, ки дар маълумоти стратегӣ оиди рӯйдодҳои ҳаррӯзаи Америка асос ёфтааст.

- 1000 нафар духтарони навраси бешавҳар модар мешаванд;
- 1106 нафар духтарон аборт мекунанд;
- 4219 нафар наврасон ба бемориҳое ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, гирифтор мешаванд;
- 500 нафар наврасон ба истифодаи маводи мухаддир сар мекунанд;
- 1000 нафар наврасон ба истеъмоли машруботи спиртдор сар мекунанд;
- 135000 нафар кӯдакон бо худ ба мактаб таппонча ва ё дигар силоҳро мебаранд;
- 3610 нафар наврасон мавриди ҳуҷум қарор мегиранд; 80 — ба зӯроварии ҷинсӣ гирифтор мешаванд;
- 2200 нафар наврасонро аз мактаб хориҷ мекунанд;
- 7 нафар бачагонро (аз 10 то 19-сола) мекушанд;
- 7 наврасро (17-сола ва аз он хурдтар) барои куштор ҳабс мекунанд;
- 6 нафар наврасон худкушӣ мекунанд.[1]

Бинобар ин ҳайратовар нест, ки бисёр мардон ба вазифаҳои бо падарӣ алоқаманд бо даҳшат ва ларза менигаранд. Аммо аз бисёр ҷиҳатҳо падарӣ на фақат касби тарсовартарин дар ҷаҳон, балки ҳамчунин касби даркоритарин аст.

## Кори муҳимтарин дар ҷаҳон

Масъалаи иҷро намудани вазифаҳои падарӣ аҳамияти калон дорад, ва ин аҳамиятнокӣ маҳз дар замони мо афзудааст. Муносибатҳои фарзанд бо падар дар ташаккули саломатӣ, инкишоф ва хушбахтии духтар ё писари навҷавон омили ҳалкунанда мебошанд. Ба диққати шумо далелҳои зеринро, ки бо тадқиқоти ҳуҷҷатӣ тасдиқ гардидаанд, пешкаш мекунам:

- Доктор Лорен Мошен аз Донишкадаи миллии саломатии майнаи сар рақамҳои ҳангоми барӯйхатгирии аҳолии ИМА ба даст омадаро таҳлил намуда, дарёфт, ки набудани падар аз ҷиҳати таъсир ба миқдори наврасони қонуншикан омили аз камбағалӣ қавитар мебошад.
- Гурӯҳи муҳаққиқони рафтор аз Донишгоҳи Йел қонуншиканиҳои наврасонро дар 48 ҷамъият аз маданиятҳои гуногун омӯхта, дарёфтанд, ки дар байни калонсолоне ки дар хурдсолӣ онҳоро танҳо модар тарбия намудааст, миқдори ҷиноятҳо ба дараҷаи баландтарин мерасад.
- Доктор Мартин Дейч дарёфт, ки будани падар ва сӯҳбат бо ӯ, хусусан ҳамроҳи оила дар вақти хӯроки шом, боиси давомоти беҳтари кӯдак дар мактаб мегардад.[2]
- Тадқиқоти 1337 духтуроне ки Донишгоҳи Ҷон Ҳопкинсро дар солҳои 1948 ва 1964 хатм намудаанд, нишон доданд, ки норасоии наздикӣ бо волидон барои бемории коронарии дил, варамҳои бадсифат, бемориҳои майнаи сар ва майл ба худкушӣ омили умумӣ мебошад.[3]
- Дар натиҷаи тадқиқи 39 нафар духтарони наврас, ки ба вайроншавии невротикии узвҳои ҳозима (анорексия) гирифторанд, маълум гардид, ки дар 36 нафари онҳо норасоии муносибатҳои наздик бо падаронашон омили умумӣ будааст.
- Муҳаққиқон аз Донишгоҳи Ҷон Ҳопкинс дарёфтанд, ки „духтарони сафедпӯсти наврасе ки дар оилаҳои бепадар зиндагӣ мекунанд... назар ба онҳое ки дар оилаҳои дорои ҳар ду волидон зиндагӣ мекунанд, бо имконпазирии зиёда аз 60% алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ хоҳанд дошт“.[4]
- Тадқиқоти доктор Арманд Николи нишон доданд, ки набудани падар барои аз ҷиҳати эҳсосотӣ ва ё ҷисмонӣ дар кӯдак ташаккул ёфтани мушкилоти зерин ҳиссагузор мебошад: 1) водоркунандаҳои паст барои дастовардҳо; 2) лаззати фавриро барои мукофоти оянда

мавқуф гузошта натавонистан; 3) худбаҳодиҳии паст; 4) майли ба таъсири гурӯҳӣ дода шудан ва қонуншиканӣ кардан.[5]

Дар асоси ҳамкорӣ бо садҳо модарон, падарон ва кӯдакон ман бо ин хулосаҳо пурра розӣ ҳастам. Зиёда аз он, натиҷаҳои ин тадқиқот бо тадқиқоти ба наздикӣ гузарондашуда дар байни ҷавонони калисоҳои инҷилӣ хеле наздиканд.

Ба наздикӣ ман зиёда аз 3700 наврасонро дар калисоҳои инҷилӣ тадқиқ намудам — азназаргузаронии фарогиртарине ки дар байни ҷавонони инҷилӣ ягон вақт гузаронида шудааст. Ин тадқиқот, ки бо ёрии Barna Recearch Group гузаронда шуд, аҳамияти робитаи мутақобили падару фарзандро таъкид намуд.

Аз 3795 нафар ҷавононе ки дар раванди тадқиқот пурсида шуданд, 82 фоиз ҳар ҳафта ба калисои инҷилӣ мераванд ва 86 фоиз гуфтанд, ки ба Исои Масеҳ чун ба Наҷотдиҳанда ва Худованд бовар кардаанд. Аммо дар давоми ин тадқиқот маълум гардид, ки 54 фоизи кӯдакон ва наврасон дар оилаҳое ки ба калисои инҷилӣ мансубанд, хеле кам ё ҳеҷ гоҳ бо падари худ масъалаҳои имон ва динро муҳокима намекунанд (дар муқоиса бо 26 фоизе ки мувофиқи гуфтаашон, хеле кам ё тамоман оиди ин мавзӯъ бо модарашон гап намезананд). Аз чор як ҳиссаи наврасони пурсидашуда хабар доданд, ки *ҳеҷ гоҳ* бо падараш оиди масъалаҳои дорои аҳамияти калон гап намезананд. 42% иқрор шуданд, ки хеле кам ё ҳеҷ гоҳ бо падари худ бо коре машғул намешаванд, ки „фақат барои ману ту“ даркор аст. Ва ҳар як навраси панҷум гуфт, ки падар хеле кам ё ҳеҷ гоҳ ба вай муҳаббаташро зоҳир намекунад.[6]

Дар худи ҳамон вақт тадқиқот нишон доданд, ки наврасони бо падару модари худ „хеле наздик“

- бо имконияти бештар дар зиндагӣ худро „хеле қаноатманд“ ҳис мекунанд;
- бо имконияти бештар аз алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ худдорӣ мекунанд;
- бо имконияти бештар меъёрҳо, ҳақиқат ва ахлоқи библиявиро қабул мекунанд;
- бо имконияти бештар ба калисо мераванд;
- бо имконияти бештар Китоби Муқаддасро хоҳанд омӯхт;
- бо имконияти бештар ҳар рӯз дуо хоҳанд кард.

Ин тадқиқотҳо — на танҳо дар байни ҷавонони масеҳӣ, балки дар байни умуман ҷавонон — аниқ ба он ишора мекунанд, ки робитаи мутақобил бо падар омили ҳалкунандаест, ки ба саломатӣ, инкишоф ва хушбахтии кӯдак таъсир мерасонад. Ин маънои онро надорад, ки модарон муҳим нестанд, аммо ин он далелеро таъкид менамояд, ки дар аксари ҳолатҳо модар бе ин ҳам дар назди кӯдак аст — вай вазифаҳои худро ба ҷо оварда, оиди кӯдакон ғамхорӣ мекунад, бо онҳо гап мезанад, бо онҳо вақт мегузаронад. Дар натиҷа маълум мешавад, ки кӯдакон аз модар айнан ҳаминро интизоранд, ки вай барояшон дастрас, дӯстдор, хушсӯҳбат ва қабулкунанда бошад.

Дар мавриди падар бошад қонуни талабот ва пешниҳод амал мекунад. Дар бисёр ҳолатҳо падар барои кӯдак камтар дастрас аст, ба доираи шавқу рағбатҳои кӯдак камтар ҷалб шудааст ва бо ӯ камтар сӯҳбат мекунад. Азбаски падар ба кӯдак камтар аҳамият медиҳад ва бо ӯ камтар вақт мегузаронад, дар атрофи муносибатҳо бо ӯ тоҷи аҳамиятнокии бештар пайдо мешавад. Ба монанди ҳамаи мо, кӯдакон ба чизи надоштагиашон майлу рағбати зиёд зоҳир мекунанд, ва бисёр вақт онҳо бо падарони худ муносибатҳои наздик надоранд.

Ана барои ҳамин ҳам робитаи мутақобил бо падар, новобаста ба синну сол, омили муҳими ҳаёти кӯдакони шумо мегардад. Падарон, муносибатҳои шумо бо писарону духтаронатон имрӯз омили бӯҳрониест, ки аҳамияти онро тадқиқотҳои илмӣ тасдиқ намудаанд. Он ба нумӯи (калоншавӣ) онҳо дар хирад, инкишоф ва муросо бо Худо ва одамон таъсир мерасонад. Шумо метавонед дар худбаҳодиҳии кӯдаки худ, муносибати ӯ бо атрофиён ва ҳисси мувофиқат бо мақсад бисёр чизҳоро дигаргун кунед.

## Кори олитарин дар ҷаҳон

Агарчи таҷрибаи аввалини падариро ман дар шакли намунаи аз камолот дури падари худам гирифта будам, ман одами хуштолеъ ҳастам, зеро имкон доштам дар тӯли солҳои зиёд аз одамони хуб омӯзам. Дар байни ин одамон зани ман Дотти, ҳамсари олиҷаноб, модари хирадманд ва дӯстдори чор фарзанди мо асоситарин шуд. Ман бисёр чизҳоро аз Дик Дэй, ки барои ман дӯсти наздиктарин шуд (қариб ба монанди писари ман Шон), омӯхтам. Ҳамчунин дӯстам Норм Уэйфилд, ки ҳамроҳаш бисёр китобҳоро навиштаем, барои ман намунаи падари хуби масеҳӣ аст.

Норм ва занаш Винни — волидони панҷ фарзанд мебошанд, ки ҳоло аллакай калонсол шудаанд. Яке аз лаҳзаҳои беҳтарин дар зиндаги Норм вақте рӯй дод, ки писараш Ҷоэл 24-сола буд.

„Тӯйи Ҷоэл барои ман воқеаи махсус буд, — мегӯяд Норм, — зеро ӯ аз ман хоҳиш кард, ки шафери (дӯсти домод) ӯ бошам“. Ҳангоме ки ман дар бари ин ҷавон меистодам, фикрҳоям дар гузаштаи дур буданд. Ман вақтеро ба ёд меовардам, ки Ҷоэл бачаи хурдакак буд, ва ман дар Луисвилл, штати Кентукки, бо диссертатсияи доктории худ машғул будам. Боре ман ба хона омадам ва фаҳмидам, ки дар натиҷаи воқеаи нохуш сари бачаам кафидааст. Ман бо Ҷоэл ба бемористон шитофтам. Ҳамин ки духтурон ба муоина сар карданд, ман бо тарсу нотавонии худ танҳо монда, ба гиря даромадам, зеро фаҳмидам, ки то чӣ андоза писарам барои ман азиз аст ва то чӣ дараҷа ман вайро қадр мекунам.

Ба зудӣ Норм фаҳмид, ки захми Ҷоэл боиси зарари ҷиддӣ набудааст ва писарак зуд ба пуррагӣ сиҳат мешавад. „Аммо дар он рӯз ман барои худ ошкор намудам, — мегӯяд Норм, — ки писарам барои ман чӣ аҳамияте дорад“.

Дар тӯли бист соли оянда Норм тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медод, ки ба Ҷоэл ва чор фарзанди дигараш падари дӯстдор, шавқманд ва бодиққат бошад, ва чунин ба назар мерасид, ки кӯшишҳо дар рӯзи тӯйи Ҷоэл ба нуқтаи авҷи худ расиданд.

„Ҳангоме ки ман дар бари писари 24-солаам меистодам, ки ӯро дӯст медорам ва эҳтиром менамоям, — мегӯяд Норм, — маро шодӣ фаро гирифт. Ман медонистам, ки ӯ, ба монанди хоҳаронаш, Масеҳро эҳтиром намуда, ба Ӯ хизмат хоҳад кард, ва низ медонистам, ки ӯ барои арӯсаш Лиза шавҳари дӯстдор хоҳад буд“.

„Ман нисбати Худованд барои имони Ӯ миннатдории самимӣ ҳис мекардам. Ӯ ба ману Винни барои он ки мо худро ба муҳаббат, хурсандӣ ва тарбияи фарзандонамон бахшидем, подоши нек дод. Ва дар ин раванд кӯдакон дӯстони беҳтарини мо шуданд“.

Ҷоэл падари худро ба таври олӣ қадршиносӣ намуд! Ҷоэл метавонист аз байни ҳамаи дӯстони худ барояш шафер интихоб намояд — аз байни ҳамсинфон, рафиқон аз дастаи варзишӣ, дӯстони давраи кӯдакӣ, — аммо ба ҳар ҳол ӯ падарро интихоб намуд!

Падарӣ метавонад касби тарсовартарин дар ҷаҳон бошад, аммо он ҳамчунин кори муҳимтарин ва беҳтаринест, ки ба одам насиб мегардад. Новобаста ба маҳдудиятҳо ва вазъиятҳои гуногун шумо метавонед падари ҳақиқӣ шавед. Шумо метавонед монеаҳоеро, ки зидди шумо нигаронида шудаанд, бартараф намоед. Шумо метавонед

чунин падаре шавед, ки барои фарзандонатон даркор аст.

Ман мехоҳам шуморо рӯҳбаланд намоям, то ки идеяҳои дар ин китоб баёншуда сабаби водоркунандаи корҳои шумо бошанд. Ман ба нақши мумайиз (эксперт) дар соҳаи падарӣ даъво надорам. Корҳои худи ман дар ибтидо аз ҳеҷ гуна комёбӣ дарак намедоданд. Ба ман (чуноне ки эҳтимол ба шумо ҳам) лозим меомад, ки мубориза барам. Ман борҳо ба нобарориҳо дучор шудаам. Аммо ман бисёр чизҳоро аз дигарон омӯхтам ва умед дорам, ки баъзе маслиҳатҳое ки дар муносибатҳо бо фарзандон барои ман баракат буданд, ба шумо ёрӣ медиҳанд.

Ман, албатта, мефаҳмам, ки шумо дар давоми хондани ин китоб худро нороҳат ҳис карда метавонед, зеро дарк мекунед, ки корҳоятон ба он дараҷае ки бояд бошанд, пурсамар набуданд. Ин табиист: ҳамаи мо тадриҷан беҳтар шуда метавонем. Аммо ман намехоҳам, ки шумо худро айбдор ҳис кунед. Ман ҳамаи мушкилотеро, ки падар ҳар рӯз бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, аз сар мегузаронам. Ва барои аз ҳисси доимии айбдорӣ барканор будан ман кӯшиш кардам се қоидаеро, ки дар мавриди мо муфид буда метавонанд, пайравӣ намоям:

***Аввалан, кӯшиш кунед, ки падариро дар дурнамои мусбат ва некбинона бубинед***. Ба падарӣ чун ба таъсири мусбат, дӯстдор нигаред, ки на танҳо ҳаёти фарзандатонро ғанӣ мегардонад, балки воситае низ хоҳад буд, ки Худованд истифода мебарад, то худатон низ аз ҷиҳати ақлӣ, ҳиссиётӣ ва рӯҳонӣ „калон шавед“. Падариро имконияти хуби ба касе бахшидани ҳаёти худ ҳисобед, бо бовари ба он ки вақти сарфкардаатон баъди солҳои зиёд ва шояд баъди наслҳо самар хоҳад овард.

***Дуюм, калоншавиро чун пайдарҳамии қадамҳои хурде ҳисобед, ки дар давоми зиндагӣ мегузоред***. Имкон надиҳед, ки аз боиси он чизе ки намекунед, ҳисси рӯҳафтодагӣ шуморо фаро гирад, беҳтараш кӯшишҳоро ба он равона кунед, ки кадом қадами хурди навбатиро имрӯз хоҳед гузошт (дар охири ҳар боб мо якчанд саволҳо ва маслиҳатҳои амалӣ пешниҳод мекунем, то ки дар муайян намудани афзалиятҳо дар ақидаҳоятон ва дар ҳаракат ба пеш ёрӣ диҳем). Амалан ин дигаргуниҳои хурд дарҳол боиси пешравиҳои назаррас дар муносибатҳо бо фарзандонатон мегарданд. Ҳамчунин дар ёд нигоҳ доред, ки новобаста ба кӯшишҳои зиёд бисёрии мо ҳеҷ гоҳ аз дастовардҳои падарии худ қаноатмандии пурра ҳис нахоҳем кард. Бинобар ин ҷидду ҷаҳди махсус бояд намуд, то ки самти ҳисси ноқаноатмандиро дигар намуда, онро ба инкишофи тадриҷӣ табдил диҳем, ба ҷои он ки ба рӯҳафтодагӣ ба хастадилӣ дода шавем.

***Сеюм, барои худ онро аниқ кунед, ки худро ба имтиёзҳо ва масъулияти падарӣ бахшед***. Муаллифи таронаҳои Забур ба мо дурнамои хуби ин даъватро медиҳад:

> *Инак, фарзандон мерос аз ҷониби Худованд ҳастанд; самари батн муздест аз ҷониби Ӯ.* (Забур 126:3).

Ҳақиқатан, гоҳо лаҳзаҳое мешаванд, ки баъзеҳо ҳайрон мешаванд, ки оё ҳақиқатан фарзандон мукофот аз ҷониби Худо мебошанд. Аммо, ҳангоме мо оиди он фикр мекунем, ки Худованди тавоно ба зиммаи мо вазифаи ба камолоти масъулиятнок омода намудани ҳаётҳои ҷавонро вогузор намудааст, ин ӯҳдадорӣ маънои абадӣ пайдо мекунад. Падарӣ, бешубҳа имтиёзест, ки Худованд ба мо додааст, — ва имконияти бемисли ба маҳбубонамон рехтани ҳаёти худ.

Азбаски мо сафарамонро якҷоя сар мекунем, ман шуморо даъват мекунам, ки оиди матолиби зерин ба мувофиқат оем: ҳар қадар бароямон душвор бошад ҳам, фарзандонамон ҳар қадар бемасъулият бошанд ҳам, роҳамон моро дар оянда ба ҳар ҷое барад ҳам — мо пурра худро ба имтиёз ва масъулияти падарии оқилона, дӯстдорона, шавқмандона ва хушробита мебахшем.

Дар саҳифаҳои баъдина шумо барои худ даҳ сифатеро ошкор менамоед, ки ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунин падаре бошед, ки худатон мехоҳед, чунин падаре ки фарзандонатон ба ӯ эҳтиёҷ доранд, чунин падаре ки Худованд шуморо даъват менамояд, то чунин бошед. Шумо барои худ сарчашмаи нави қувва ва назари ботиниро ба падарӣ ошкор менамоед, ки дар оянда нақш ва вазифаҳои шуморо ба сатҳи тамоман дигар мебардорад. Ва ба андозаи он ки шумо робитаи мутақобили падариро ҳис мекунед, ғундоштани самари кори беҳтарини ҷаҳонро сар мекунед.

## Мулоҳизаи махсус барои модарон

Ман гумон мекунам, ки бисёр модарон низ ин китобро хоҳанд хонд — ин хеле хуб аст! Ман медонам, ки шумо оиди моҳияти падарии самаранок ақидаҳои худро доред, аммо бо дастовардҳои худ қонеъ нашавед. Ман шуморо даъват мекунам, ки ташаббус нишон диҳед: кӯшиш кунед чунин кунед, ки шавҳаратон ин китобро хонад, ва ҳангоме ки ӯ ин корро мекунад, ӯро дастгирӣ кунед.

Мехоҳам бидонед, ки ҳангоме ман ин китобро ба падарон ирсол медорам, мақсад ва хоҳише надорам нақши муҳими шуморо дар

ҳаёти фарзандонатон кам нишон диҳам. Ман ба аҳамияти тарзи корбурди якҷоя дар иҷрои вазифаҳои волидӣ самимона бовар мекунам: ҳангоме ки модару падар якҷоя кор карда, фарзандонро тарбия мекунанд. Мутаассифона, ман бисёр падаронеро мебинам, ки вазифаҳои падарии худро тамоман ба ҷо намеоваранд. Бисёр мардон бори тарбияро пурра ба дӯши модар гузошта, дар ҳаёти фарзандон нақши фаъол намебозанд.

Бинобар ин ман ин китобро навиштам, то ба падарон ёрӣ диҳам, ки нақши худододи худро фаҳманд ва барои дар оила офаридани қувваи дӯстдор, равонакунанда, эҳтиромкунанда ва устуворкунанда ба занони худ рафиқони ҳақиқӣ бошанд.

Агар шумо модари танҳо бошед, аз он дар хавотир буда метавонед, ки набудани падар (ҷисмонӣ, эҳсосотӣ ва ё ҳар ду дар якҷоягӣ) ба фарзандонатон чӣ таъсире мерасонад. Агар имкон бошад, ин китобро ба падари фарзандонатон диҳед, то бихонад. Пеш аз ҳама дар ҳаққи фарзандонатон ғамхорӣ намуда, ба ҳамсари собиқатон ёрӣ диҳед, то ба қадри имкон падари беҳтар бошад. Охир ин барои манфиати ҳар яки шумост, ва фарзандон шуморо барои ин дӯст хоҳанд дошт.

Агар падари фарзандон дур бошад ва ё намунаи қобили пайравӣ набошад, дар калисоятон шахси тақводор ва камолёфтаро пайдо кунед, ки ба фарзандонатон модели мусбати масеҳиро пешкаш карда тавонад. Шояд, падари бегонае мехоҳад фарзандони шуморо ба чорабиниҳои оилаи худ ҳамроҳ кунад ё кӯшиш кунад, ки барои фарзандонатон дӯст бошад ва бо онҳо мушоракат намояд. Ин китобро хонда, мебинед, ки падар дар ҳаёти ҳар як кӯдак чӣ нақши азиме дорад. Дар оилаҳои бепадар дӯсти оила, ки барои фарзандонатон намунаи мусбат аст, ҷои ӯро пур карда метавонад.

Ва барои ҳамаи модарон: шумо беш аз ҳар каси дигар муайян менамоед, ки фарзандонатон оиди падари худ чӣ тасаввуроте хоҳанд дошт. Шумо ихтиёри комил доред, ки падарро дар муносибатҳояш бо фарзандон дастгирӣ кунед ва ё нақши ӯро кам ҳисобида, дар чашмони фарзандон тамоман корношоям қаламдод намоед. Шавҳаратонро дар кӯшишҳои омӯхтани падарӣ рӯҳбаланд намоед. Ин ба вай лозим аст. Бо суханон низ дастгирӣ кунед — ӯро ва фарзандонро. Амалҳои ӯро (ё норасоии амалҳоро) бо муҳаббат қабул намоед.

Модарон, шумо хеле муҳим ҳастед! Ман дар ҳаққи шумо дуо хоҳам кард — барои кӯшишҳои ёрӣ доданатон ба падар, то чуноне бошад, ки Худованд ӯро офаридааст.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Оё шумо ҳангоми дар хона будан вақтатонро пурра ба фарзандон мебахшед, ё фикрҳоятон бо кор ва чизҳои дигар сахт банд ҳастанд?

2. Шумо чӣ гуна дарёфтед, ки ҳангоме сухан дар бораи нақши шумо меравад, „вазифаҳои падариро ба ҷо намеоваред“? Кадом вазифаҳои муҳимро шумо ба зиммаи модар, муаллимон, сарварони ҷавонон вомегузоред, агарчи дар асл инҳо бояд вазифаҳои шумо бошанд?

3. Оё натиҷаҳои тадқиқот, ки дар ин боб оварда шуданд, бароятон ҳайратовар буданд? Чаро ҳа ё чаро не?

4. Фарзандонатон чиро сарчашмаи ибтидоии маълумот оиди ҳақиқат ва арзишҳои ахлоқӣ меҳисобанд?

5. Оё фарзандонатон шодии муносибатҳои шахсии наздикро бо шумо чун бо падар, ки барои саломатии кӯдак ҳаётан муҳим аст, доранд? Чаро ҳа ё чаро не?

6.* Худро аз самими дил ба имтиёз ва масъулияти падарии масеҳиёна бахшед. Ин китобро бо қалам дар даст хонед ва дар зери фикрҳои асосӣ ва маслиҳатҳои амалӣ хат кашед. Имконияти ташкил намудани гурӯҳи хурди падарони шавқмандро дида бароед, то ки ин принсипҳоро бо онҳо якҷоя муҳокима намоед.

7.* Маълумоти муҳимтарине ки ҳангоми хондани ин китоб донистам, ин буд: ...........................................................................................

.........................................................................................................

.........................................................................................................

8.* Бо кӯдаки худ ман бояд аз ин корҳо сар кунам ............................

..........................................................................................................

* Дар охири ҳар боб ман саволҳо ва маслиҳатҳои амалиро меоварам, то принсипҳои дар ин боб баёншударо аз худ намоед. Агар шумо барои андешаронӣ вақти кофӣ дошта бошед ё ин китобро ҳамроҳи падарони дигар дар гурӯҳ меомӯхта бошед, ман бо исрор маслиҳат медиҳам, ки барои коркарди ҷиддии ҳар як савол вақт ҷудо кунед. Аммо агар вақтатон кам бошад, бо саволҳое кор кунед, ки бо ситорача ишора шудаанд (*).

# Робита бо падар




Агар шумо ба бисёрии одамон монанд бошед,—ҳатто ба онҳое ки таҷрибаи кам ё манфии мушоракат бо падарони худро доштанд — шумо, бе шубҳа, оиди он ки чӣ гуна падар будан мехоҳед, тасаввуроти умумӣ доред. Шумо дар майнаи худ тимсоли муайяне доред, ки шояд хеле рӯякӣ (схематикӣ) аст, аммо бо вуҷуди ин нишон медиҳад, ки падари идеалӣ чӣ гуна аст:

- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш худро ҳимояшуда ва боваринок, маҳбуб ва қабулшаванда ҳис мекунанд.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш фақат дар никоҳ ба алоқаҳои ҷинсӣ ворид мешаванд ва дар ҳаёти оилавӣ ба занон ва шавҳарони худ вафодориро нигоҳ медоранд.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки писарону духтаронаш эътибори мардону занони дорои шахсияти пурраро соҳиб мешаванд — одамони бовиҷдон, ҳалолкор ва меҳнатдӯст.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш метавонанд гӯянд: „Падари ман ҳамеша ваъдаашро ба ҷо меоварад“.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш ба таъсири бади ҳамсолон дода намешаванд, дӯстони хуб пайдо мекунанд, ва низ эҳтиром ва ваҷди ҳамсолонро соҳиб мегарданд.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш истеъмоли маводи мухаддир ва нӯшокиҳои спиртдорро қатъиян рад мекунанд, ва низ ба гурӯҳҳои шубҳанок дохил намешаванд.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки духтари калониаш открыткаи махсусе мефиристад, то чунин бигӯяд: „Падар, ташаккур ба ту барои он ки ҳангоми барои ман ин хеле даркор буд, назди ман

будӣ“; чунон падаре бошад, ки писараш дар тӯи худ аз вай хоҳиш мекунад, ки шафер (дӯсти домод) бошад.

- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки писараш метавонад омада дар наздатон нишинад ва гӯяд: „Падар, ман ҳозир якчанд мушкилоти ҷиддӣ дорам, ва ба ман маслиҳати ту даркор аст“.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки фарзандонаш дарҳол гуноҳҳо ва хатоҳои худро эътироф мекунанд, ба атрофиён бо фаҳмиш ва пурсабрӣ муносибат мекунанд, худбаҳодиҳии баланд ва боварӣ ба худ доранд.
- Шумо мехоҳед чунон падаре бошед, ки метавонад тасодуфан суханони духтарашро шунида монад, ки ба дугонааш чунин мегӯяд: „Ман мехостам чунон шавҳаре дошта бошам, ки ба падарам монанд бошад, то ба ӯ шодӣ ва эҳтироми худро изҳор карда тавонам“.

Ҳамаи мо мехоҳем чунин падарон бошем. Ва ман низ дар ҷавонӣ мехостам маҳз ҳамин гуна падар бошам. *Аммо ман намедонистам, ки чӣ гуна ба ин ноил шавам.* Ман медонистам, ки дар замони кӯдакии ман падарам бо чунин тасвир ҳеҷ умумияте надошт, ва ман метарсидам, ки назар ба он падаре ки будан мехоҳам, бештар ба вай монанд хоҳам шуд. Ман медонистам, ки барои ман намунаи падарӣ хеле даркор буд, модели падаре ки ба ӯ нигариста идеали падарии худро сохта тавонам, падаре ки аз ӯ омӯхта ва ба ӯ тақлид карда тавонам. Бинобар ин ман одамонеро меҷустам, ки ба он типи падар, ки будан мехостам, монанд бошанд. Ва ман онҳоро пайдо намудам.

## Дар ҷустуҷӯи намуна (модел)

Яке аз намунаҳои аввалини падар — ва мусбаттарин — барои ман Дик Дэй буд, ки ӯро пештар номбар карда будам. Ман бо Дик соли 1960, ҳангоме ки ҳар дуи мо дар семинария таҳсил мекардем, вохӯрдам. Дик якчанд сол аз ман калонтар буд, зан ва чор фарзанд дошт. Ба монанди ман вай низ падари майзада дошт ва дар шароити душвор калон шуда буд. Вай дар синни қариб сисолагӣ ба Масеҳ имон овард ва ба даъвати Худованд оиди хизмат ҷавоб гуфта, ба семинария дохил шуд. Ман ва Дик ҳангоми аниқ кардани фанҳои меомӯхтаамон бо ҳам вохӯрдем, ва дарҳол ба ҳамдигар таваҷҷӯҳи тарафайн ҳис намудем. Мо дӯстони ҳақиқӣ шудем, ва ба зудӣ ман худро узви оилаи Дик ҳис мекардагӣ шудам. Ман ба хонаи ӯ гоҳо дар вақтҳои тамоман номуносиб медаромадам, масалан пагоҳӣ соати 6.30 ва ё бегоҳӣ баъди соати 11, то ки бо ӯ оиди чизе сӯҳбат кунам,

ки онро ба ақидаи ман, мавқуф гузоштан номумкин буд. Дик ҳамеша пурсабрӣ, меҳрубонӣ ва муҳаббат зоҳир менамуд — он сифатҳое ки дар кӯдакӣ бо онҳо хеле кам вохӯрда будам.

Муносибати Дик ва Шарлотта бо ҳамдигар ва бо фарзандон ба ман таассуроти калон гузошт. Онҳо бо ҳар яки фарзандон муносибатҳои наздик, мустаҳкам ва боваринок доштанд. Ман бо ҳайрат ва шавқ мушоҳида мекардам, ки онҳо бисёр вақт бо табассум, бо ханда, якдигарро ба оғӯш гирифта, аз мушоракат бо ҳамдигар чӣ ҳаловате мебурданд (амалан гуфтан мумкин аст, ки ман дар хонаи Дик вақтро гузаронда, оғӯш гирифтанро омӯхтаам). Ман дар Дик он намунаи падарро медидам, ки ягон вақт худам чунин будан мехостам. Дар пеши ман модели аниқ ва мушаххаси он касе буд, ки ман монанди ӯ будан мехостам.

Дертар, ҳангоме ки ману Дик аъзоёни (дар тарҷумаи русӣ „Новая жизнь“) шудем, роҳҳои мо муваққатан аз ҳам ҷудо шуданд. Ман дар тамоми Амрико ва Канада дар коллеҷҳо лексияҳо мехондам ва, ниҳоят, бо Дотти вохӯрдам. Ҳангоме ки ману ӯ мунтазам бо ҳам вохӯрданро сар кардем, ман ба он таваҷҷӯҳ намудам, ки ӯ бисёр вақт оиди оилаи худ сухан меронд ва изҳор медошт, ки падар, модар ва бародару хоҳар барояш чӣ аҳамияте доранд. Баъди якчанд моҳ, ҳангоми таътили мавлудӣ, ман бо оилаи Дотти шинос шудам.

Гуфтан душвор аст, ки дар рӯзҳои аввали муносибатҳоямон маҳз чӣ маро ҷалб менамуд — шиносоӣ бо Дотти ё шиносоӣ бо падари ӯ. Ман фаҳмидам, ки чаро Дотти падарашро ин қадар дӯст медорад. Ӯ шахси оддӣ буд, ки аз дигарон ҳеҷ фарқияте надошт (вай ба назар ҳатто пуритан тобида метавонист), аммо комилан равшан буд, ки чаро Дотти вайро ин қадар дӯст медорад ва эҳтиром менамояд. Ман аз худи аввал чӣ маъно доштани падар ва шавҳари дӯстдорро аз вай омӯхтам. Ман шахсеро дидам, ки фарзандонаш ба ӯ бо эҳтиром муносибат мекунанд, ба ӯ боварӣ мекунанд ва чунон хуб тарбия ёфтаанд, ки ман аз мушоракат ва дӯстӣ бо онҳо ҳаловат мебурдам. Дар тӯли солҳои зиёд намунаҳои ин одамон бароям модели он буданд, ки ман чӣ гуна падар будан мехостам. Онҳо ба ман сифатҳои падариро нишон доданд, ки ман тамоми умр ба онҳо эҳтиёҷ доштам ва мехостам худам онҳоро дошта бошам ва ба оилаи худ зоҳир намуда тавонам. Ёрии аз ин шахсон гирифтаам бебаҳост, аммо фақат баъди солҳои зиёд ман донистам, ки намунаи хеле хубтар ва роҳи хеле беҳтаре ҳаст, то чунон падаре шавам, ки мехостам.

## Падари идеалӣ

Норм Уэйфилд, дӯст ва ҳаммуаллифи ман, ки дар боби якум номбар шуд, яке аз он одамонест, ки ба ман ёрӣ доданд, то ба фаҳмиши даркшуда ва устувори нақши худ ва сарчашмаи падари ҳақиқӣ шудан оям. Агарчӣ кӯдакиву наврасии Норм ба кӯдакиву наврасии ман монанд набуд, ӯ бо як қисми ақидаҳои ман оиди ҷустуҷӯи модели падарӣ ҳамфикр буд. Норм инро ба таври зерин мефаҳмонад:

> Танҳо ҳамон вақте ки ман ба синни балоғат расидам, бо падарам муносибатҳои гарм ва дӯстона барпо карда тавонистам.
>
> Вазифаи кории падарамро доимо фишорҳо ва нобарориҳо ҳамроҳӣ мекарданд. Ӯ дар мушоракат бо фарзандон душворӣ мекашид, ва бо ӯ наздик шудан барои мо хеле душвор буд.
>
> Ман дар ёд дорам, ки дар синни дувоздаҳсолагӣ ба Исои Масеҳ имон овардам — дар айни ҳол ман дар оилаи худ аввалин масеҳӣ шудам. Аммо бо мурури он ки ман тимсоли хаёлии муҳаббати Падари Осмониро нисбати худ меофаридам, аз он худдорӣ карда наметавонистам, ки ин муносибатҳоро дар шакли он муносибатҳое ки байни ман ва падари заминиам буданд, тасаввур намоям. Азбаски чунин метобид, ки падари ман ҳеҷ гоҳ аз ман қаноатманд набуд, ман ҳис мекардам, ки Худованд низ ба ман ҳамин гуна муносибат мекунад. Ва ман гӯё мешунидам, ки Худованд мегӯяд: „Норм, чаро ту ислоҳ намешавӣ? Чаро ман бояд туро тоқат намоям? Канӣ, тайёр шав, вагарна...“
>
> Шумо метавонед таъсири чунин тасаввурро ба худбаҳодиҳии наврас тасаввур кунед, дар бораи нодуруст фаҳмидани муҳаббати Худованд бошад ҳоҷати гап ҳам нест! Кӯдакон бисёр вақт чунин меҳисобанд, ки Худо онҳоро айнан ба монанди он ки падар бо онҳо муносибат мекунад, қадршиносӣ менамояд. Агар падар дӯстдор, меҳрубон ва ғамхор бошад, Худо низ дар тасаввури онҳо дӯстдор, меҳрубон ва ғамхор аст. Аммо агар падар дуршуда, хунук ва „бо корҳои муҳимтар банд“ бошад, эҳтимол кӯдакон ҳис мекунанд, ки Худо дастнорас аст ва ба онҳо чун ба шахсиятҳо комилан таваҷҷӯҳ надорад.
>
> Ман то дами аз синни чилсолагӣ гузаштанам бо ҳамин тасаввури барғалат оиди Худованд мезистам. Сипас Ӯ дар ҳаёти ман баъзе вазъиятҳоеро ворид намуд, ки муносибатҳоямро бо Ӯ тамоман дигаргун карданд. Ман барои худ ошкор намудам,

ки Ӯ Худованди дӯстдор, ғамхор ва ҳаётан таваҷҷӯҳкунанда аст. Ва он чиз қобили зикр аст, ки маҳз ба шарофати ин вазъиятҳо ниҳоят девори байни ману падарам фурӯ ғалтид, ва мо тавонистем беш аз ҳар вақти дигар бо ҳам наздик шавем. Баъди кушоиши нави худ оиди табиати Худо ман қалам ба даст гирифта, таронаҳои Забурро хондам ва ҳар як зикри калимаи „Худованд“-ро ишора намудам. Баробари хондани ин оятҳо ман фаҳмидам, ки қариб ҳамаи зикршавиҳо ба тасвири бевосита ё бавоситаи Падари Осмонии мо дахл доранд. Баъди муддате ман якчанд саҳифаи блокнотамро аз ин тасвиркуниҳо пур кардам. Дар онҳо симои Он Касе ки бисёрии мо „падари идеалӣ“ ҳисобида метавонанд, баръало намоён буд. Хулосаи ман? Сифатҳои асосии падарӣ, ки ба Худованди мо хосанд, маҳз ҳамон сифатҳое мебошанд, ки Ӯ мехоҳад дар падарони ҳозираи масеҳӣ бинад.

Ман илоҳиёти падариро кашф намудам, ки Худи Худованд дар он нақши намунаро дошт!

*Худо Падари намунавӣ аст!* Дар ҷустуҷӯи модели падарӣ ман ду намунаи хубтаринро пайдо намудам. Аммо Норм ба ман ёрӣ дод, то бубинам, ки ман намунаи беҳтарин, нусхаи асл, меъёри падарии самаранок — Худи Худовандро ба назар нагирифтаам. Симои хаёлии падаре ки ман шудан мехостам — шояд схематикӣ, аммо пурра равшану возеҳ — дар асл симои Падари Осмонии ман буд, ки сарчашмаи ҳар инъоми нек аст (Яъқ. 1:17).

Ӯ „Як Худои Падар аст, ки ҳама чиз ба воситаи Ӯст, ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем“ (1Қӯринтиён 8:6). Ӯ ба инсони аввалин нафаси ҳаётро дамид, ва Одам якумин „писари Худо“ гардид (Луқо 3:37). Аз ин лаҳза ҳар кадоми мо ба шабоҳат ва сурати „Ӯ ки Падари туст, молики туст, Ӯ туро офарид“ (Такрори Шариат 32:6), офарида шудаем. Амалан аз „Рӯзи Якум“ Худованд на фақат бо ҳар яки мо муносибатҳои мисли Падар — фарзанд доштан мехост, балки Ӯ ҳамчунин намунаи онро пешкаш намуд, ки падарии ҳақиқӣ чӣ гуна бояд бошад.

Ӯ Падари меҳрубон аст ва мехоҳад ба Ӯ „Або“ гуфта муроҷиат намоем, ки ин калима арамӣ буда, маънояш „Падар“ аст (Румиён 8:15, Ғалотиён 4:6). Ӯ Падари гӯшкунанда аст ва ба мо имкон медиҳад, ки ба Ӯ далерона чун ба „Падари Осмонӣ“ муроҷиат намоем (Матто 6:9). Ӯ Падари дӯстдор аст, ки муҳаббати падарии Худро ҳангоми ғӯтаи таъмиди Писараш Исо озодона ва боваринок нишон

дод, ки он вақт бо овози раъдмонанд гуфт: „Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст“ (Матто 3:17). Ӯ Падари ҳама (Эфсӯсиён 4:6) ва худи тасвияи падарӣ аст, сарчашмаи ҳама чизи нек, хушоянд ва шоёни пайравӣ.

Бинобар ин агар одам падари хуб ва ҳақиқӣ шудан хоҳад, пас дар ҷустуҷӯи меъёр ва намуна бояд ба Худо Падар муроҷиат намояд. Он тавсифоте ки ман меҷустам — ва пайдо намекардам (дар падари худ), ба Худованд хосанд. Он нишонаҳое ки дар Дик Дэй ва падари Дотти дида ба ваҷд меомадам, бароям ҷолиб буданд, зеро нишонаҳои Падари Осмонии маро инъикос мекарданд. Сифатҳое ки мехостам нисбати фарзандонам зоҳир намоям, сифатҳое мебошанд, ки табиати Падари Осмонии маро акс менамоянд.

Ин фаҳмиш ва дарк маро хеле дигаргун намуданд ва ба ман қувват доданд. Ман дигар худро намунаи маъюбшудаи падари заминии худ ҳис намекардам. Акнун ҷустани намунаи ибрат ба ман даркор набуд (агарчи чун пештара аз муносибатҳои мавҷуда бисёр чиз мегирифтам ва аз дастовардҳо меомӯхтам). Ман акнун кӯшиш намекардам дар тасаввури худ тимсоли онро бисозам, ки падар бояд чӣ гуна бошад ё ман бояд чӣ гуна падар бошам. Ҳамаи кӯшишҳо ва фикрҳои ман нисбати падарӣ пурра дар Худо, Падари идеалӣ ифода меёбанд!

## Сарчашма барои падар

Бо вуҷуди он ки ин фаҳмиш бисёр чизҳоро дигаргун намуд, ман мебоист бисёр чизҳоро меомӯхтам. Ман гӯё ба саёҳати шавқовар равона шудам, ки пур аз кашфиёт аст, зеро ман қарор додам, ки сифатҳои Худо Падарро беҳтар фаҳмам. Ман дарк менамудам, ки ин на танҳо дониши маро оиди Ӯ амиқ мегардонад, балки ҳама чизи даркориро ба ман меомӯзад ва барои падари ҳақиқӣ шудан ёрӣ мерасонад. Бо мурури он ки алоқаи ман бо Худованд қавӣ мегашт, робитаи ман бо фарзандон низ тақвият меёфт ва самаранокии муносибатҳоям ва ҳамкориро бо онҳо афзун менамуд.

Калиди чунин робитаи мутақобили падарӣ фаҳмиши он аст, ки Худо Падар на танҳо *модели* бемонанди падарии самаранок аст. Он ҳамчунин *сарчашмаи* тамомнашавандаест барои он ки шумо тавонед чунон падаре шавед, ки будан мехостед. Робитаи мутақобили падарӣ на тақлид, балки *якшавӣ* аст. Ин на донистани „чӣ гуна“, балки донистани „*Кӣ*“ мебошад! Робитаи мутақобили падарӣ маҷмӯи нави *қоидаҳои* падарӣ нест; бисёр китобҳо ҳастанд, ки ба рӯзномаи мо

(„имрӯз чӣ бояд кард“) танҳо сатрҳои нав илова мекунанд ва дар онҳо гуфта мешавад, ки агар падари сазовор будан хоҳед, шумо *бояд* чӣ кунед, ё чӣ карданатон *лозим* аст. Равобити мутақобили падарӣ чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар илова ба нақши падариатон метавонанд шумо, фарзандонатон, оилаатон ва ояндаатонро дигаргун кунанд.

Ман дарёфтам, ки ҳар қадар робитаи ман бо фарзандон қавитар мегардид, қобилияти ба фишори ҳамсолон муқобилат намудан, қарорҳои оқилона қабул намудан, ба хоҳишҳои падар бо эҳтиром муносибат кардан ва ба қоидаҳои ӯ итоат намудан меафзуд. Чунин метобад, ки муносибатҳои мустаҳкам ва наздик бо падар на танҳо фарзандонро водор менамоянд, то ҳаёти солим, хушбахтона ва тақводорона ба сар бурдан *хоҳанд*, балки низ ба онҳо *қобилияти* чунин рафтор намуданро медиҳанд. Боварӣ, ҳимоянокӣ ва қаноатмандие ки аз муносибатҳои кӯдакон бо волидонашон бармеоянд, барои муқобилат намудан ба васвасаҳое ки дар мактаб ва ё дар байни ҳамсолон вомехӯранд, ба онҳо қувват медиҳанд.

Дар сатҳи баландтар низ дар муносибатҳои ман бо Худо Падар як чизи ба ин монанд ба амал меояд. Ҳангоме ки муносибатҳои ман бо Ӯ қавӣ ва мустаҳкаманд, ман на танҳо хоҳиши бештар дорам падари хуб бошам, балки ба воситаи Рӯҳулқудс, ба воситаи ҳузури Ӯ бо ман ва дар ман барои ин дастгирӣ пайдо мекунам. Ҳамин тариқ, Ӯ на танҳо бароям модели нақшии падар аст, балки низ чун сарчашма ба ман хизмат мекунад. Агар Забур 27:7-ро ба тарзи дигар баён кунем: „Худованд қуввати ман ва сипари ман аст, чун Падар; дилам ба Ӯ таваккал намуд, ва ман мадад ёфтам“.

## Сохтани робитаи мутақобил

Дӯсти ман воқеаеро нақл кард, ки ҳангоми дар радиостансияи мактабӣ диск-жокей буданаш бо ӯ рӯй додааст. Ин радиостансия тамоми тобистон кор мекард, ва Боб мебоист пагоҳӣ соати 7:30 омада, асбоби паҳнкунандаи мавҷҳоро (асбоби калоне аз радиостансияи тиҷоратӣ, ки барои дар радиуси ҳашт-даҳ мил паҳн намудани барномаҳо сигналҳои радиоро ба манораи наздиктарин интиқол медод!) ба кор андозад. Баъди якчанд дақиқа асбоб пурра дар ҳолати корӣ мешуд, ва Боб бо барномаи чорсоата ба эфир мебаромад. Дар он пагоҳии муайян Боб худро беандоза заковатманд ҳис мекард. Интихоби мусиқиҳоро илҳомнок номидан мумкин буд. „Часпоишҳо“-и ӯ, яъне раванди бо аввали суруди навбатӣ пӯшондани анҷоми як суруд ба асари санъат монанд

буд. Сухангӯиҳои ӯ дар байни сурудҳо пур аз ҳазлҳо ва мулоҳизаҳои зарифона буданд. Ӯ худро боваринок ва ҳатто андаке густох ҳис мекард. Ин то он даме буд, ки ӯ лавҳаеро гирифт, то тафтиши ҳарсоатаи нишондодҳои асбобҳоро ба ҷо оварад.

Асбоби паҳнкунандаи мавҷҳо кор намекард. Боб асбобҳоро тақ-тақ зад ва симҳои гуногунро кашида дид. Баъд вай ба девор нигарист.

Вилкаи калони барқӣ ба розетка гузошта нашуда буд. Ба як тариқи нофаҳмо вилка ҷудо шуда буд. Ва тамоми пагоҳӣ ҷудо буд! Баромади олӣ ва зарифонаи Боб ба аудиторияе расид, ки фақат аз як кас иборат буд: худи ӯ! Охир, асбоби паҳнкунандаи мавҷҳо ба сарчашмаи энергияи барқ пайваст набуд.

Дар бобҳои минбаъда даҳ сифати Худо Падар — сарчашмаи қувва барои ҳар як масеҳӣ — тасвир карда мешаванд, ки ҳамкории Ӯро бо фарзандонаш тавсиф медиҳанд ва барои нақш ва вазифаҳои ҳар як падар намунаи ибрат мебошанд. Ҳар як боб на танҳо сифати муайяни Падарро баён менамояд, балки низ ба шумо ёрӣ медиҳад, то ин сифатро бо мадади Рӯҳулқудс дар зиндагии худ истифода баред.

Биёед якҷоя қарор медиҳем, ки хислати Падари Осмониамонро чун намуна нисбати фарзандон қабул намоем. Ман комилан боварӣ дорам, ки ин қарор ба он вақт ва қуввае ки талаб карда мешавад, меарзад, зеро шумо ба фарзандонатон на фақат намунаи олии Падарии Худои моро пешкаш менамоед, балки худатон барои онҳо падаре мешавед, ки сазовори муҳаббат ва эҳтироми фарзандон аст, шахсе ки фарзандон ба ӯ боварӣ мекунанд, шахсе ки аз мушоракат бо фарзандон ҳаловати самимӣ бурда метавонад, аз онҳо фахр мекунад ва аз дӯстии онҳо лаззат мебарад.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Андаке вақт сарф намуда, муайян намоед, ки шумо чӣ гуна падар будан мехоҳед. Ҳар як тасвияро то дараҷае анҷом диҳед, ки манзараи натиҷавии умедҳо ва мақсадҳоятон ҳосил шавад (ҳангоми зарурат варақи алоҳидаро истифода баред):

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

   Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки.........................................

2. Кӣ барои шумо намунаи мусбаттарини падарӣ буд? Ҳамаро дар як варақ номбар кунед, ва дар назди ҳар як ном нависед ки намунаи онҳо чиро ба шумо омӯзонд.

3.* Шумо чӣ гуна метавонед муносибатҳоятонро бо Падари Осмониатон беҳтар кунед? Он чиро, ки ба фикратон, дуруст аст, нависед.

   ☐ Мунтазам дуо кардан ва хондани Китоби Муқаддасро сар кунед.

   ☐ Одати мунтазам дуо кардан ва хондани Китоби Муқаддасро аз нав сар кунед.

- ☐ Мунтазам дуо кардан ва хондани Китоби Муқаддасро давом диҳед.

- ☐ Мунтазам бо дигар одамоне ки Падарро дӯст медоранд, барои бузургдошти Ӯ ва барои дӯстӣ вохӯред.

- ☐ Ба гурӯҳи дуокунандагон, гурӯҳи омӯзиши Китоби Муқаддас ва/ё гурӯҳи масъулият ҳамроҳ шавед.

4. Агар шумо ҳанӯз ин корро накардаед, ду ё се падари дигарро интихоб намоед, ки ба ташкили гурӯҳ бо шумо розӣ ҳастанд. Ин китобро омӯзед ва масъалаҳои онро якҷоя дида бароед, барои якдигар дуо кунед ва дастгирӣ намоед ва ба сӯи зинаҳои баландтари падарии масеҳиёна ҳаракат кунед.




# Муҳаббати беқайду шарт ва қабули падар

Якчанд сол пеш ман розӣ шудам, ки дар ассамблеяи мактабӣ дар Феникс, штати Аризона баромад кунам. Аз боиси баъзе душвориҳо бо ҷадвал ва ҷои баргузорӣ ба ман лозим омад, ки бо ҳамаи хонандагон якҷоя вохӯрӣ гузаронам, ҳол он ки онҳо хеле сершумор буда ба ягон аудитория намеғунҷиданд. Бинобар ин ҷамъомад дар ҳавои кушод баргузор гардид ва ман дар болои санги калоне истода ба тӯдаи иборат аз 1000 хонанда, ки дар ҳавлии мактаб дар рӯи алаф нишаста буданд, муроҷиат намудам.

Ҳамин ки ман ба сухан оғоз намудам, ба ҷойи истодагии ман гурӯҳи панкҳо, ки мӯйҳояшон рангкардашуда ва дар либосҳояшон занҷирҳои зиёде буданд, омада, дар масофаи тахминан ҳашт метр истоданд. Баъзе муаллимон ва хонандагон ин гурӯҳро бо диққат мушоҳида менамуданд, ва шояд интизори он буданд, ки аз онҳо ягон нохушие сар мезанад. Аммо ман суханамро давом додам ва баромади худро бо муваффақият анҷом додам.

Ҳамин ки ман аз санг фаромадам, сардари гурӯҳ назди ман давида омад ва тамоман наздик истод. Дар байни тӯда садои хавотиромез шунида шуд, ва ҳазор ҷуфт чашмон ман ва ин ҷавонро мушоҳида мекарданд.

Ба ҳар ҳол бисёрии бачагони ин гурӯҳ наметавонистанд ашкҳоеро, ки аз чашмони ин панк мерехтанд, бинанд, ҳеҷ кас хоҳишашро, ки мехост ман ӯро ба оғӯш гирам, намешунид. Ҳангоме ки ман наздик омада, ӯро ба оғӯш гирифтам, ва ҷавон сарашро ба китфи ман гузошта, гиря кард, ҳама ба ҳайрат афтоданд.

Ин оғӯшгирӣ тақрибан як дақиқа давом кард; — барои панк ин оғӯшгирии тӯлонӣ буд! Ниҳоят вай аз ман худро дур гирифт ва бо чашмони ашкбор фаҳмонд: „Падарам ҳеҷ гоҳ маро ба оғӯш

намегирифт ва намегуфт, ки маро дӯст медорад“.

Ин ҷавон ташнаи муҳаббати падар буд ва ба хотири он мегирист. Вай муҳаббат ва қабулкуниеро мехост, ки фақат падар дода метавонад. Намуди рафтори густохона фақат воситае буданд барои ба худ ҷалб намудани диққат — он чи вай аз падари худ надида буд.

## Он чи ба кӯдак беш аз ҳама даркор аст

Ман чунин қиссаҳоро садҳо ва ё ҳатто ҳазорон бор шунидаам ва ё шоҳиди онҳо будаам. Ман дард ва ноумедии ҷавононеро дидаам, ки падаронашон намехоҳанд ё наметавонанд муҳаббат ва қабулкунии худро ба фарзандони худ изҳор намоянд.

Боре ман дар фестивали калони мусиқӣ ва конфронси мактабӣ, ки дар фермае дар штати Вирҷиния баргузор гардиданд, ба миқдори зиёди наврасон муроҷиат намуда, сухан меронидам. Боре пагоҳӣ ҳангоми муҳокимаи масъалаи аҳамият ва арзиши баъди никоҳ сар кардани алоқаҳои ҷинсӣ ман ба гурӯҳи наврасон, ки тақрибан аз 12000 иборат буд, гуфтам, ки ҳар яки онҳо махсус аст ва маслиҳат додам, ки арзиши беандоза баланд доштани худро фаромӯш накунанд, ва агар касе онҳоро ҳақиқатан дӯст дорад, ин арзишнокиро эътироф мекунад ва онро эҳтиром намуда, то никоҳ алоқаи ҷинсӣ намекунад.

Дертар дар ҳамон рӯз ман ба духтараки малламӯи тақрибан дувоздаҳсола диққат додам, ки аз паси ман меомад. Ман истодам ва пурсидам: „Ту бо ман гап заданӣ ҳастӣ?“.

Вай шармгинона ҷавоб дод: „Оё шумо ҳақиқатан фикр мекунед, ки ман махсус ҳастам?“ Ман дарҳол ҷавоб додам: „Ҳа! Худованд туро махсус офаридааст, ҳеҷ гоҳ инро фаромӯш накун“. Сипас ман бо эҳтиёт ва меҳрубонона ӯро аз китфонаш оғӯш кардам. Банохост вай гиря кард.

„Шумо тасаввур карда наметавонед, ки ман инро то чӣ андоза муддати дароз интизор будам!“ — гуфт вай. — Модар ва падари ман панҷ сол пеш ҷудо шуданд, ва падар ҳеҷ гоҳ маро ба оғӯш намегирифт ва намегуфт, ки ман махсус ҳастам“.

Баъди панҷ рӯз ҳангоме ки ман ба фурудгоҳи ҳавоӣ равона будам, посбон ба ман хатчаеро дода гуфт, ки онро духтараки хурде барои ман овардааст. Дар ин хатчаи бо диққат қатшуда ҳамагӣ шаш калимаи бо фломастери сурх навишташуда буд:

*Ташаккур барои муҳаббат ба ман ... Корин*

Ин духтарак ташнаи муҳаббат ва қадршиносӣ буд, ки онро фақат падар зоҳир намуда метавонад ва онро вай надида буд.

Аз андеша оиди он ки Корин бо мушкилоташ танҳо нест, дилам реш мешуд. Наврасон борҳо ба ман мегуфтанд: „Падарам ҳеҷ гоҳ меҳри худро ба ман зоҳир намекунад" ё „Падарам фақат ҳангоми ягон кори бад карданам ба ман диққат медиҳад".

Ман борҳо шунидаам, ки падарон писарону духтарони худро „девона", „аҳмақ" ва ё аз ин ҳам бадтар меноманд.

Ман падаронеро дидаам, ки дар майдончаи бейсбол ва ё баскетбол ба фарзандони худ хашмгинона ва ё масхараомез дод мезананд.

Ман дар оилаҳое меҳмон шудаам, ки падарон дар давоми хӯрокхӯрӣ ҳеҷ гоҳ ба писаронашон муроҷиат намекунанд ва онҳоро ба сӯҳбати умумӣ ҷалб наменамоянд.

Ман падаронеро медонистам, ки амалан ба духтарони худ ҳеҷ аҳамият намедоданд, ба истисноии танқиди тарзи либоспӯшии онҳо ва ё наҳ задани ҷавононе ки бо онҳо вомехӯранд.

Ман падаронеро мушоҳида намудаам, ки норасоиҳо ва гуноҳҳои фарзандонашонро бо овози баланд ба бегонагон мегуфтанд, ҳатто агар фарзандон дар наздикӣ буда, ин суханонро шунида метавонистанд.

Ва мутаассифона, ман холигии эҳсосотиеро медидам, ки дар фарзандон аз боиси амалҳо ва ё баръакс, аз беамалии онҳо пайдо шудааст. Фарзандон — новобаста ба синну сол — ба тасдиқи аҳамиятнокии худ, ба ҳисси муҳаббат ва қадршиносӣ эҳтиёҷ доранд. Худованд дар назар дорад, ки ин эҳтиёҷоти комилан табиӣ ва солим пеш аз ҳама дар хона — аз ҷониби падару модар қонеъ карда мешаванд. Аммо агар падару модар ин ташнагӣ ба муҳаббат ва қадршиносиро қонеъ накунонанд, кӯдак кӯшиш мекунад, ки ин холигии эҳсосотиро бо ягон чизи дигар пур кунад, ва ин роҳ метавонад боиси чунин рафторе гардад, ки шахсияти кӯдакро хароб мекунад ё ба вай зарари калон мерасонад. Падаре ки ба фарзанди худ муҳаббат ва қадршиносӣ зоҳир намекунад, на таъсири бетараф, балки манфӣ мерасонад.

Ва, бе шубҳа, ман намехоҳам чунин падар бошам. Ман мехоҳам падаре бошам, ки фарзандонаш худро маҳбуб ва даркорӣ ҳис мекунанд ва ҳамчун ҷавонони ҳимояшуда, ба худ боварӣ дошта ба воя мерасанд, ки метавонанд дигаронро дӯст доранд ва эҳтиром намоянд.

Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари Осмонии ман ҳаст.

## Муҳаббати азалӣ, беҳудуд ва ҷовидон

Бисёр одамони пиронсол ва ҷавоне ки ман бо онҳо сӯҳбат кардаам, дарк намекунанд, ки Худованд онҳоро ҳанӯз то масеҳӣ шуданашон дӯст медошт. Ҳангоме ки мо ҳанӯз дар торикӣ гумроҳ буда, ба Худо душманӣ доштем, Ӯ моро дӯст медошт ва барои мо мурд (ниг. Эфсӯсиён 5:8; Румиён 5:8). Ӯ моро *дарҳол*, аз аввал дӯст дошт (1Юҳанно 4:19). Ӯ то дами „пок шудан"-и мо интизор нашуд. Ӯ то дами ба интизориҳои Ӯ ҷавобгӯ шудани мо интизор нашуд. Ӯ то даме ки „аз мо фахр карда тавонад", интизор нашуд. Ӯ моро ҳамин тавр ҳам дӯст медошт.

Аммо ин ҳанӯз на ҳамааш аст. Ӯ муҳаббати Худро ба мо *изҳор* менамуд. Ӯ на аз он падаронест, ки фарзанди худро ба оғӯш гирифтан ё „ман туро дӯст медорам" гуфтан наметавонанд. Ӯ на аз он падаронест, ки доимо „корҳои муҳимтар" доранд. Ӯ моро *дӯст медорад* (Румиён 8:32). Ӯ муҳаббати Худро ба мо ба воситаи Калом (Юҳанно 1:14) изҳор намуд; Ӯ муҳаббати Худро ба мо дар салиб исбот намуд; Ӯ бо хуни Худ оиди муҳаббат ба мо навиштааст.

Падар моро на фақат аз аввал, балки ҳамчунин *абадӣ* дӯст медорад (Ирмиё 31:3). Муҳаббати Падар ба мо пурра, доимӣ ва номаҳдуд аст. Мо бо амалҳо сазовори он шуда наметавонем. Мо аз он барканор буда наметавонем. Мо онро нобуд карда наметавонем. Ҳангоме ки мо ба Ӯ итоат намекунем, Ӯ метавонад аз мо дилхунук шавад, ё ҳангоме ки аз Ӯ дур мешавем, ғамгин шавад, ва ё ҳангоме ки гуноҳ мекунем, афсӯс хӯрад, аммо Ӯ *ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ* дӯст доштани моро бас намекунад. Муҳаббати беҳудуди Падари мо чунон аст, ки

> *... на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад* (ниг. Румиён 8:38,39).

Ана ин маҳз ҳамон намуди падар аст, ки ман будан мехоҳам! Ман мехоҳам, то фарзандони ман донанд, ки ман онҳоро қабул мекунам ва дӯст медорам. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки ҳанӯз то он вақте ки онҳо маро дӯст дошта тавонанд, ман онҳоро дӯст медоштам. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки ман онҳоро ҳанӯз ҳангоми навзод буданашон дӯст медоштам. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки муҳаббати

ман ба онҳо беҳудуд аст ва ба кори мекардаи онҳо ва кӣ будани онҳо вобаста нест.

Ва низ мехоҳам, то онҳо донанд, ки муҳаббати ман ба онҳо аввалиндарача аст. Касбу кори ман на зиёда аз онҳо арзиш дорад. Майлу рағбатҳои ман аз онҳо камтар қимат доранд. Дӯстони ман на зиёда аз онҳо аҳамият доранд. Мартабаи ман дар калисо ва ё дар ҷамъият на зиёда аз онҳо аҳамият дорад. Муҳаббати ман ба онҳо дар ҷои аввал меистад.

Ниҳоят, ман мехоҳам, то фарзандонам донанд, ки муҳаббати ман ба онҳо ҷовидонист. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки новобаста ба ҳар он чи рӯй медиҳад, ман онҳоро дӯст медорам ва қабул менамоям. Ба онҳо зарур нест, ки муҳаббати маро сазовор шаванд. Онҳо аз муҳаббати ман барканор буда наметавонанд. Онҳо онро нобуд карда наметавонанд.

Ман ҳамин гуна падар будан мехостам. Аммо, албатта, чунин намуди падарӣ дар бисёрии одамон ба таври табиӣ пайдо намешавад, ва, шояд, дар ман камтар аз ҳама дида мешавад. Ин он чизест, ки ман ҳанӯз бояд омӯзам.

## Барпо намудани фазои муҳаббат ва қабулкунии беҳудуд

Барои ҳар гуна падар *ҳеҷ чизи* муҳимтар аз омӯхтани муҳаббати беҳудуд ва қабулкунӣ нест. Бояд гуфт, ки агар фарзандатон муҳаббати беҳудуд ва қабулкунии шуморо эҳсос накунад, пас вай худро дар ҳимоя ҳис нахоҳад кард. Дастрас будани фарзанди ҳимоянашуда хеле кам дида мешавад (агар умуман бошад). Фарзанди ҳимоянашуда бо шумо ошкоро нахоҳад буд. Ӯ оиди он чи дар мактаб рӯй медиҳад, ошкоро ба шумо нақл намекунад. Духтаратон оиди рафтори ҷавон ҳангоми вохӯрӣ ба шумо нахоҳад гуфт. Ҳар қадар бештар ба фарзандонатон қабулкунии беҳудуди худро изҳор намоед, ҳамон қадар бештар онҳо хоҳиши бо шумо гап задан, ошкоро будан, фикрҳо, хавотириҳо ва мушкилоти худро ба шумо гуфтан хоҳанд дошт.

Албатта, қабулкунии беҳудуд осон буда наметавонад. Амалан, рости гап, он садфоиза буда наметавонад. Фақат Худо метавонад пурра қабул кунад. Мо гуноҳкорем ва имкониятҳоямон дар қабул кардани фарзандон маҳдуданд, аммо ин сустиҳои моро бо қувваи Рӯҳулқудс бартараф намудан мумкин аст. Ӯ ба мо сифатҳоеро медиҳад, ки аз мавҷудияти онҳо дар худ ҳатто пай намебурдем.

Пас, чӣ гуна ба ин ноил шавем? Чӣ гуна ба фарзандонамон муҳаббати беҳудуд ва қабулкуниро изҳор намоем — монанди муҳаббате ки Падарамон ба мо зоҳир мекунад? Равшан аст, ки бояд аз дуои самимӣ ва умедвории доимӣ ба Худованд сар кунем. Агар мо бо Худо ба воситаи Рӯҳулқудси Ӯ алоқаманд бошем, тадриҷан, ҳафт қисми таркибии муҳаббати беҳудуд ва қабулкуниро бошуурона ва мақсаднок амалӣ гардонда, эҳтиёҷоти фарзандонамонро низ қонеъ гардонда метавонем.

## Ифода намудани меҳр

Яке аз роҳҳои асосии қонеъ намудани эҳтиёҷи кӯдак ба муҳаббати беҳудуд зоҳир намудани меҳр аст. Дар оғӯшгирии оддӣ ва ё бӯса, якчанд суханони меҳрубонона ва ё нигоҳи дӯстдорона қувваи ғайриоддӣ ҳаст.

Дар китоби худ (The Total Man) Дэн Бенсон чунин лаҳзаҳои кӯдакии худро ба ёд меоварад:

> Ман он оғӯшгириҳои оилавиро, ки ҳангоми кӯдакиам дар ошхонаамон хеле бисёр рӯй медоданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ман акнун роҳгардиро омӯхта будам ва то дари ошхона қадам зада, метавонистам бинам, ки падар модарамро ба оғӯш гирифтааст (ин дар оилаи мо бисёр рух медод). Ин ба ман эҳсосоти хуш мебахшид. Ин чунон муъҷизаосо буд, ки ман мехостам ба онҳо ҳамроҳ шавам. Ва инак ман сӯи онҳо давида, пойҳои онҳоро ба оғӯш мегирифтам. Падару модар ҳамеша бо хушнудӣ маро ба оғӯш мегирифтанд. Агар ягон нафари бародаронам дар он наздикӣ бошад, вай ҳам гоҳо ба мо ҳамроҳ мешуд ва оғӯши оилавӣ калонтар ва калонтар мешуд. Падару модар хонаи пурмуҳаббат ва роҳатафзо бунёд намуда буданд (на ба воситаи насиҳатҳо, балки бо намунаи худ). Падар ҳамеша дар нигоҳ доштани фазои муҳаббат ва шодӣ аввалин буд.[1]

Албатта, тарзҳои гуногуни зоҳир намудани меҳр бевосита худи муҳаббати беҳудуд нестанд. Баъзе падару модароне ки фарзандони худро ба оғӯш мегиранд ва мебӯсанд, ба онҳо муҳаббати беҳудуд надоранд. Аммо оғӯшгириҳо ва бӯсаҳо метавонанд ба падар ёрӣ диҳанд, то ба фарзандонаш „ман туро чуноне ки ҳастӣ, дӯст медорам“ гӯяд.

## Аз нотакрории ҳар як кӯдак ба ваҷд омадан

Худо ҳар яки моро комилан нотакрор офаридааст. Фақат андеша намоед: аз панҷ миллиард аҳолии сайёраи мо ягон касе нест, ки айнан монанди шумо бошад. Ва ҳеҷ кӯдаке нест, ки ба писар ва ё духтари шумо шабоҳат дошта бошад.

Падари Дотти, ки ӯро дар боби дуюм зикр карда будам, фардияти фарзандонашро ба таври хеле оддӣ таъкид менамуд. Ӯ метавонист ба Дотти гӯяд: „Ту маҳбубтарин духтари калони ман ҳастӣ!“ Сипас ӯ метавонист ба хоҳари хурдии вай муроҷиат намояд: „Ту маҳбубтари духтари хурдии ман ҳастӣ!“ Ӯ ба бародари Дотти мегуфт: „Ту маҳбубтарин писари ман ҳастӣ“. Ин метавонад хеле оддӣ ва ҳатто соддалавҳона тобад, аммо ин ба фарзандон таъсир мекунад ва яке аз усулҳоест, ки падар бо ёрии он махсус будани фарзандонашро таъкид менамояд.

Шунидани он аламовар аст, ки падар ба фарзандаш чунин мегӯяд: „Чаро ту монанди бародарат шуда наметавонӣ?“ ва ё „Хоҳарат ҳеҷ гоҳ дар фанни математика душворӣ намекашид!“ Аз нотакрории ҳар як фарзанд ба ваҷд омада, фардияти ӯро (қиёфа, истеъдодҳо ва лаёқатҳои фақат ба ӯ хосро) таъкид намудан хеле беҳтар аст. Агар шумо омӯхтани фарзандонатонро сар кунед, дар онҳо бисёр нишонаҳои мусбатро пайдо мекунед: хандаи таъсирбахш, қобилияти дӯст пайдо кардан, рӯҳи ҳамдардӣ, овози хуши сарояндагӣ, табассуми пурнур, дӯст доштани ҳайвонот. Ҳатман хурсандӣ ва ваҷди худро аз нотакрории фарзандатон изҳор намоед.

## Эътирофи аҳамиятнокии шахсии кӯдак

Ба кӯдаки шумо ҳисси аҳамиятнокии худ даркор аст. Ҳар як инсон бояд ҳис кунад ва бовар намояд, ки шахсияти ӯ арзиши баланд дорад.

Падарон эътирофи арзишнокии шахсии фарзандашонро бо роҳҳои гуногун ифода намуда метавонанд. Яке аз роҳҳои муҳимтарин якҷоя вақт гузарондан мебошад. Вақт аҳамиятнокиро инъикос менамояд. Чуноне ки ман борҳо такрор карда будам, фарзандон калимаи „муҳаббат“-ро на ба монанди падару модар талаффуз мекунанд: онҳо бо ин калима мафҳуми „*вақт*“-ро ифода мекунанд. Ин барои ман мушкилии махсус аст, зеро ман қариб нисфи вақт дар хона нестам. Аммо ман бисёр кӯшиш мекунам, ки инро ҷуброн намоям ва аз рӯи имконият фарзандонро бо худ мегирам ва ҳар рӯз ба хона занг

мезанам, ва ҳангоме ки аз сафар бармегардам, фарзандонро ба кафе мебарам.

Боре рӯзи якшанбе ман барои дар назди бозингарони Сан Диего Чарҷерз (San Diego Chargers — дастаи бейсболбозон — тавзеҳи тарҷумон) дар калисои хурди онҳо баромад кардан даъват шуда будам. Ман писарамро бо худ гирифтам, ва баъди анҷоми баромад мо дар нишастгоҳи стадион ҷой гирифтем. Даста барои мо дар қатори якум дар пеши майдон ҷой дод. Панҷоҳ ҳазор тамошобинон стадионро пур карданд ва ғурриши тӯда гӯшкаркунанда буд.

Ман Шонро ба оғӯш гирифта, гуфтам: „Ба ҳамаи ин одамон нигар, дӯстам“. Шон ба ақиб тоб хӯрд, то ҳамаро бинад, хусусан онҳоеро, ки дар баландӣ буданд. Шояд, ба чашмони ин писараки даҳсола чунин метобид, ки дар стадион тамоми ҷаҳон ҷамъ омадааст.

„Оҳо, падар, — нидо кард Шон, — ин ҷо мардуми зиёдест!“

„Ҳа, албатта. Аммо медонӣ чӣ? Ту барои ман аз ҳамаи ин одамон бештар аҳамият дорӣ. Писарам, ақидаи ту оиди ман чун падар, бароям аз ақидаи ҳамаи ин панҷоҳ ҳазор одамон бештар аҳамият дорад!“

Чашмони Шон калон шуданд. Вай боз тамоми стадионро аз мадди назар гузаронд. Сипас вай бо ваҷди кӯдакона нидо кард: „Наход, падар? Бештар аз ҳамаи онҳо?“ Вай ба сари зонуям нишаст ва худро хеле ҳимояшуда ва аҳамиятнок ҳис кард. Дар он лаҳза Шон фаҳмид, ки вай барои ман арзиши хеле баланд дорад.

## Дар кӯдак реша пайдо кунондани аҳамиятнокӣ ва мансубият

Агар фарзандонамон ҳис кунанд, ки дар хонаи худ даркор нестанд, онҳо ҷои дигареро меҷӯянд, ки онҳоро қабул мекарда бошанд. Баъзеи онҳо ба монанди панке ки ман дар Феникс вохӯрдам, гоҳо бо ҳамсолони худ гурӯҳҳо ташкил медиҳанд (ки гоҳо аз дигар гурӯҳҳо хеле фарқ мекунанд). Дигарон ба дастаҳои авбошони кӯчагӣ, ки дар онҳо ҳисси мансубият хеле инкишоф ёфтааст, ҳамроҳ мешаванд. Сеюмиҳо эҳтиёҷ ба мушоракатро бо алоқаҳои ҷинсӣ пурра карданӣ мешаванд. Сю, толибаи синфи болоӣ, фаъолияти ҷинсии худро чунин маънидод мекунад: „Ман худро хеле танҳо ҳис мекардам. Падару модар ҳамеша бо коре банд буданд ва барои ман вақт пайдо намекарданд. Ҳангоме ки бо Тед шинос шудам, ман дар ҳолати ваҷд будам. Ӯ ба суханҳои ман гӯш медод. Ӯ маро ба оғӯш мегирифт ва тасалло медод. Ва чунин ба назар мерасид, ки ҳақиқатан оиди ман ғамхорӣ мекунад“.

Дӯсти ман Дик Дэй ва занаш Шарлотта, ки оиди онҳо дар боби гузашта нақл карда будам, сағираеро аз Корея ба писарӣ гирифтанд ва ӯро Тимоти ном доданд. Пас аз он ки Тимоти ба Америка омада, дар хонаи Дэйҳо зиндагӣ мекард, моҳҳои зиёд гузаштанд, то даме ки вай ба оилаи наваш ва ба маданияти амрикоӣ одат кард. Боре, ҳангоме ки Тимоти ҳанӯз кӯшишҳои ба тарзи нави зиндагӣ одат карданро давом медод, Дик аз вай пурсид: „Тимми, оё ту мохостӣ ба Корея баргардӣ?"

„Оҳ, не", — ҷавоб дод Тимми.

„Чаро?" — пурсид Дик.

„Чунки ман худро дар ин ҷо одами махсус ҳис мекунам", — изҳор дошт Тимми.

Шумо ба фарзандонатон ин ҳисси мансубият, ҳисси онро дода метавонед, ки онҳо қисми муҳими оилаи шумо мебошанд. Чунин боварӣ ба онҳо қувват медиҳад, то ба ҳисси беҳимоя будан, таъсири манфии ҳамсолон ва барвақт сар кардани муносибатҳои ҷинсӣ муқобилат намоянд. Муҳаббат ва қабулкунии пурраи шумо гӯё чунин мегӯянд: „Ту ба мо тааллуқ дорӣ, мо туро қадр мекунем" ва барои ҳисси арзишнокӣ ва худбаҳодиҳии баланди кӯдакон асос мегузоранд.

## ЭЪТИРОФИ АРЗИШНОКӢ НОВОБАСТА БА РАФТОР

Ҳангоме ки писари ман Шон дувоздаҳсола буд, вай дар ҳайати дастаи бейсболи лигаи хурд бозӣ мекард. Як ҳафта пеш аз саршавии мавсими бозиҳо дар ман идеяе пайдо шуд, ки ба вай — ва ба рафиқонаш аз дастаи бейсбол — нишон диҳам, ки ман онҳоро қабул мекунам. Ман 12 купон харидам, ки бо онҳо дар тарабхонаи маҳаллӣ яхмос гирифтан мумкин буд, ва онҳоро ба тренери онҳо бурда додам.

„Тренер, — гуфтам ман, — ин купонҳо барои бачагон".

„Ташаккур, — гуфт тренер бо табассум, — ин хеле хуб аст. Мехостам, ки ҳарчи бештар падарон чунин таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Ман онҳоро баъди ғалабаи аввалинашон ба яхмосхӯрӣ мебарам".

„Не, тренер, — гуфтам ман, — ман мехоҳам, ки онҳо баъди мағлубияти аввалинашон ба яхмосхӯрӣ раванд".

Ӯ бо ҳайрат ба ман нигарист. Ман дидам, ки суханони ман ба консепсияи ӯ оиди ғалабаҳо, мағлубиятҳо ва мукофотҳо барои бозии хуб мувофиқат намекунанд. Сипас ман фаҳмондам.

„Ман намедонам, ки дар шумо чӣ тавр аст, — гуфтам ман, — аммо, азбаски ман фарзандонамро тарбия мекунам, онҳоро фақат аз рӯи дастовардҳояшон баҳо додан намехоҳам. Ва намехоҳам кӯшишҳои

онҳоро баробари он гузорам, ки онҳо ба шабоҳати Худованд сохта шудаанд. Ман бовар мекунам, ки писари ман ба сурат ва шабоҳати Худованд офарида шудааст ва ӯ дорои аҳамияти беандоза аст, ки бо бозии бейсбол ҳеҷ умумият надорад. Ҳатто агар ӯ дар умраш дар ҳеҷ ягон бозӣ иштирок намекард, ман ба ҳар ҳол ӯро худи ҳамин гуна дӯст медоштам ва ҳурмат мекардам".

Тренери Шон ба ман дуру дароз дақиқкорона нигарист. Ниҳоят вай ҳиссиёти худро чунин баён карда тавонист: „Хайр, ин ба роман монанд аст!"

Ӯ ба ваъдааш вафо кард. Пас аз он ки даста бори аввал мағлуб шуд, вай ба ҳар яке яктогӣ купон дод, ва онҳо ҳама ба яхмосхӯрӣ рафтанд.

Шон барои ин яхмос ба ман камаш панҷ бор миннатдорӣ изҳор намуд. Ба ғайр аз ин, дар давоми ду ҳафтаи минбаъда се рафиқи ӯ низ барои ин ба ман ташаккур баён намуданд. Махсусан Ҷосси ном писарак дар ёдам монд, ки ӯ чунин гуфт: „Ташаккур барои яхмос, ҷаноби Макдауэлл. Ин хеле хуб буд! Барои шумо аҳамият надорад, ки мо ғолиб меоем ё мағлуб мешавем — шумо моро ба ҳар ҳол дӯст медоред".

Маънои ин амали ман маҳз дар ҳамин буд. Ман мехостам ба Шон ва дӯстонаш фаҳмонам, ки новобаста ба чигунагии баромадҳояшон дар бозиҳо онҳоро дӯст медорам, қабул мекунам ва қадршиносӣ менамоям. Ва ин дар он асос ёфтааст, ки ҳар кадоми онҳо ба сурат ва шабоҳати Худованд офарида шудааст, бинобар ин арзиш ва аҳамияти беандоза дорад.

## Тарбияи дарки лаёқатҳои худ

Ба кӯдакон дарки афзуншавандаи лаёқатҳои худ даркор аст, то ки худро дар оилаҳояшон дӯстдошта ва қабулшуда ҳис кунанд. Дар ниҳоди ҳамаи кӯдакон хоҳиши рафтори хуб намудан ҳаст. Мо ҳамчун волидон метавонем кӯшишҳои фарзандони худро дастгирӣ намоем ва аз дастовардҳои онҳо хурсанд шавем. Мутаассифона, якчанд сабабҳои имконпазир вуҷуд доранд, ки кӯдак ба дарки лаёқатҳои худ ба осонӣ намерасад.

Калонсолон майл ба он доранд, ки кӯдаконро бо меъёрҳои худ андоза кунанд. Мо аз кӯдак интизори он буда наметавонем, ки ӯ дар сатҳи лаёқатҳои калонсолон амал хоҳад кард. Ман аз духтари худ интизори он нестам, ки вай мошинамонро ба монанди ман хуб шуста тоза мекунад.. Ҳангоме ки писари ман хурдтар буд, ман чунин

намеҳисобидам, ки вай ҷойхоби худро ба монанди ман хуб ба тартиб даровarда метавонад. Ман бояд ҳамеша маҳдудияти имкониятҳо, донишҳо ва фаҳмиши онҳоро ба назар гирам.

Ва, албатта, мо наметавонем интизори он бошем, ки фарзандони мо бе машқ ҳама чизро меомӯзанд. Барои дуруст ба тартиб даровардани ҷойхоб, шустани автомобил ва ё даравидани алафи сабзазор чӣ лозим аст? Аммо бисёр падару модарон фармонҳо медиҳанд, бе он ки чизеро фаҳмонанд. „Ту акнун ба қадри кофӣ калон шудаӣ, то ки худат ҳуҷраатро ба тартиб оварӣ. Инро бикун! Ва хуб бикун!“

Ҳангоме мо ба кӯдакон мефаҳмонем, ки дар ин ё он мавриd чӣ кардан даркор аст, бояд ба он низ омода бошем, ки онҳо аз ӯҳдаи коре набаромада метавонанд. Агар кӯшишҳои онҳо нобарор шаванд, мо бояд онҳоро дастгирӣ намоем ва ба анҷом додани вазифаи гузоштaшуда рӯҳбаланд кунем, шояд ҳатто бо ёрии худамон. Барои он чи аллакай карда шудааст, онҳоро *таъриф намоед* ва *фаҳмонед*, ки чаро корро бояд анҷом диҳанд: „Аз берун мошин хуб тоза карда шудааст! Аммо даруни онро ҳанӯз хубтар ба тартиб овардан даркор. Биё ҳар дуямон салони мошинро бо чангкашак тоза кунем“.

Дар баробари вазъиятҳои гуногуни оилавӣ омилҳои берунӣ ҳам вуҷуд доранд, ки низ ба кӯдак дар донистани лаёқатҳояш таъсир мерасонанд. Мо дар ҷамъияти рақобат зиндагӣ мекунем. Мо доимо ҳис мекунем, ки моро бо дигарон ва лаёқатҳои онҳо муқоиса мекунанд — дар ҷои кор, дар мактаб, дар толори варзиш. Мутаассифона, ҳамеша касе ёфт мешавад, ки ягон корро андаке аз мо беҳтар ба ҷо меоварад. Бисёрии мо дар ин ё он соҳаи ҳаёт дар зинаҳои на он қадар баланди рақобат ҷойгир ҳастем, ва аз ҳамин сабаб, ҳангоме ки моро доимо бо одамони болаёқаттар муқоиса мекунанд, худбаҳодиҳии мо паст мешавад.

Тарбияи ҳисси дарки лаёқатҳои худ дар фарзандондамон вазифаи давомнок буда, муносибати хуб андешидашуда ва ба нақша даровардашударо металабад. Ҳамчунин он аз мо металабад, ки дар ҳаёти фарзандонамон чун *намунаи мусбат* иштироки фаъол дошта бошем, ва ба дастовардҳои баландтари онҳо дарҳол диққат дода, дар зикри нобарориҳояшон шитоб накунем. Мо бояд ба онҳо ёрӣ расонем, то қимати аслии қувва ва лаёқатҳояшонро дарк кунанд ва ба маҳдудиятҳои мавҷуда бе паст задани худ тан диҳанд. Падар имконияти хуб дорад, ки дар оила муҳити мусбатро ба вуҷуд оварад: ба фарзандон дар зоҳир намудани қувваашон ёрӣ диҳад, лаёқатҳои онҳоро тарбия ва инкишоф диҳад ва дар онҳо дарки онро талқин кунад, ки онҳо кистанд ва то чӣ андоза аҳамият ва қимат доранд.

Чунин фарзандон барои то никоҳ сар кардани ҳаёти ҷинсӣ кӯшиши камтар хоҳанд дошт. Имконияти дар ҷустуҷӯи муҳаббат ва дилбастагӣ ба муносибатҳои носолим дода шудани онҳо хеле камтар хоҳад буд. Имконияти исёнкории онҳо низ камтар хоҳад буд. Ва имконияти таҳти фишори ҳамсолон қарор гирифтани онҳо низ камтар хоҳад буд.

Баръакс низ гуфтан мумкин аст: чунин фарзандон дар масъалаи ҷинс меъёрҳои баландтар хоҳанд дошт. Бештар имконпазир аст, ки онҳо ба муносибатҳои солим дохил мешаванд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар мактаб пешқадам шаванд ва баъдтар дар соҳибкорӣ низ муваффақият дошта бошанд.

Ҳамаи ин, албатта, орзуи ҳар як падар аст. Аммо ин дастовардҳо худ аз худ пайдо шуда наметавонанд. Онҳо ҳамчунин фақат дар натиҷаи кӯшишҳои инсонӣ пайдо намешаванд. Онҳо фақат ҳамон вақт пайдо мешаванд, ки мо — ба воситаи дуоҳо ва умед ба Рӯҳулқудс — бо Падари худ робита дошта бошем, ки Ӯ моро дӯст медорад ва қабул мекунад ва барои зоҳир намудани сифатҳое ки ба падарон бояд хос бошад, қодир мегардонад, то чунон падароне бошем, ки будан мехоҳем ва Падари Осмонӣ бароямон чунин падар аст.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Баъди нақл оиди Корин ном духтараки дувоздаҳсола зикри Ҷош оиди баъзе мисолҳои суханон ва ё амалҳои вайронкунандаи падарон ҳаст, ки ӯ дидааст, шунидааст ва ё медонад. Дар саҳифаи 33 ба рӯйхат нигаред — оё шумо низ чунин тамоюл доред ва ҳамин гуна рафтор мекунед? Агар ҳа, пас вақт сарф намуда, аз назар гузаронед, ки ин амалҳоятон ба боварии фарзандон оиди муҳаббат ва қабулкунии шумо чӣ таъсире мерасонанд.

2. Чаро фарзандони шумо аз нуқтаи назари Худованд махсус мебошанд? Ҳар як фарзандро ном гирифта, оиди вай фикр кунед, ва рӯйхатеро иборат аз панҷ сабаб тартиб диҳед, ки чаро ин фарзанд барои Худованд ва *барои шумо* комилан махсус аст. Сипас воситаеро муайян намоед, ки ба воситаи онҳо метавонед хулосаҳоятонро ба ҳар як фарзанд расонед.

3.* Оиди ҳар як фарзандатон ном ба ном фикр кунед, ва ба худ саволи зерин диҳед: оё ин кӯдак медонад, ки шумо ӯро дӯст медоред ва қабул менамоед? Шумо инро аз куҷо медонед?

4.* Оиди ду чорабиние фикр кунед, ки дар ин ҳафта барои ҳар яки фарзандонатон карда метавонистед ва онҳо ба фарзандонатон ёрӣ медиҳанд, то фаҳманд, ки шумо онҳоро қабул мекунед ва дӯст медоред — на дар асоси он чи онҳо мекунанд, балки дар асоси он ки онҳо *кистанд*. Кай ва чӣ гуна шумо ин идеяҳоро амалӣ мегардонед?

# Покии падар



Чанде пеш ман аз як падари масеҳӣ, ки ӯ баромадҳои маро шунидааст, мактубе гирифтам. Ӯ навиштааст, ки ӯ ва занаш ҳамеша тамоми корҳои имконпазирро барои волидони сазовор будан мекарданд. Онҳо аъзоёни калисои хуб буданд ва ҳамеша аз фарзандони худ фахр мекарданд. Аммо, гуфта мешуд дар мактуб, ба наздикӣ онҳо оиди духтари калониашон чизеро шуниданд, ки осоиштагии онҳоро вайрон кард.

Ин падар духтари навраси худро чун духтараки ситорагарм тасвир намуд, аммо гуфт, ки ӯ ҳеҷ гоҳ мавриди таваҷҷӯҳи писарон набуд. То ба қарибӣ. Аввал ӯ бо писаре аз дастаи футбол вомехӯрдагӣ шуда, қариб аз худи аввали шиносоияшон бо ӯ алоқаи ҷинсӣ намудааст. Баъд вай ин писарро тарк карда, бо дигаре вохӯрданро сар кардааст. Баъди чанде, чуноне ки падари ӯ ба ман навиштааст, ӯ қариб бо ҳамаи ҳайати даста ҳамхоб шудааст.

„Ҷош, — навиштааст ба ман падари бадбахт, — онҳо духтари маро чун хонумаи махсуси «дастагӣ» аз даст ба даст медодаанд!“

Ин барои ҳар гуна падар чун хоби даҳшатнокест. Ҳеҷ падар намехоҳад ба ҷои ин шахси бадбахт бошад. Ҳеҷ падар намехоҳад, ки фарзандаш аз ҷиҳати шаҳватпарастӣ беҳимоя бошад. Ҳеҷ падар намехоҳад, ки писар ё духтараш ҳаёти ҷинсии худро то никоҳ сар кунанд. Ва ҳеҷ падар намехоҳад, ки фарзандонаш дар никоҳ вафодориро ба ҳамсарон нигоҳ надоранд.

Аммо чӣ кор кунем, то имконияти дар ҳаёти *мо* ба миён омадани чунин вазъияти даҳшатоварро кам кунем? Чӣ гуна ба он ноил шавем, ки писарон ва духтаронамон оиди муносибатҳои ҷинсӣ қарорҳои оқилона қабул кунанд. Мо чӣ кор карда метавонем? Мо бояд ба чӣ рӯ оварем? Ва мо чӣ гуна ёрӣ дода метавонем?

## ОМИЛҲОЕ КИ ПАДАР МУАЙЯН МЕКУНАД

Падар имконияти аввалин ва қавитарини ташаккул додани ақидаҳо ва рафтори ҷинсии фарзандонро дорад. Мувофиқи тадқиқоти гузарондашуда таъсири падар ба воситаи се омил зоҳир мегардад.

*Ҳозир будани падар.* Ҷерри Адлер менависад: „Тахмин карда мешавад, ки беш аз нисфи кӯдакони амрикоӣ, ки дар солҳои 1970 ва 1980 зода шудаанд, қисми вақташонро фақат бо модар мегузаронанд. Тадқиқоти Бюрои барӯйхатгирии аҳолӣ нишон дод, ки соли 1994 16,3 миллион кӯдакони амрикоӣ фақат бо модар мезистанд — ва 40 фоизи онҳо камаш дар муддати як сол падарашонро надидаанд“.[1] Ҳузур доштан ва ё надоштани падар дар инкишофи муносибатҳо ва рафтори кӯдак дар масъалаҳои ҷинсӣ омили муайянкунанда аст. Чуноне ки дар боби як зикр шуда буд, муҳаққиқон аз Университети Ҷон Ҳопкинс дарёфтанд, ки „духтарони сафедпӯсти наврасе ки дар оилаҳои бепадар зиндагӣ мекунанд... назар ба онҳое ки дар оилаҳои дорои ҳар ду волидон зиндагӣ мекунанд, бо имконпазирии зиёда аз 60% алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ хоҳанд дошт“.[2] Таъсири дар хона ҳузур доштани падарро писарон низ ҳис мекунанд; муҳаққиқ Роберт Биллингем аз Университети штати Индиана тахмин мекунад, ки писарони бе падар калон мешуда „стереотипҳоро аз намоишҳои телевизионӣ ва аз кинофилмҳое ки муносибатҳои кӯтоҳмуддатро тасвир менамоянд, бисёртар чун намуна оиди чӣ гуна рафтор намудани мард қабул менамоянд“.[3]

***Диққати падар.*** Дар китоби худ „Падар: Шахсият ва Қувва“ Кристофер Андерсон натиҷаҳои тадқиқи 700 нафар занонеро меоварад, ки дар клубҳои стриптиз ва барҳои дорои барнамаҳои эротикӣ кор мекунанд. Агарчи ба интихоби касби онҳо манфиатҳои иқтисодӣ таъсир расондаанд, Андерсон менависад: „Бисёрии ин занҳо иқрор шуданд, ки пеш аз ҳама онҳо мехостанд диққати мардро ба худ ҷалб намоянд, ки онро дар кӯдакӣ ҳеҷ надидаанд“.[4] Муаллиф боз ҳам дуртар рафта, мавҷудияти робитаи мутақобилро байни набудани диққати падар ва рафтори ҷинсии ин занон тахмин мекунад.

***Наздикии падар.*** Ду тадқиқоте ки Хизмати Ҷош Макдауэлл дар солҳои 1987 ва 1994 ба ҷо овардааст, аниқ ба он ишора мекунанд, ки фаъолияти ҷинсии барвақт ва бетартибии алоқаҳо дар байни наврасоне (ҳам писарон ва ҳам духтарон) ки бо падаронашон робитаи наздик доранд, хеле камтар мешаванд. Ин тадқиқотҳо (ва бисёр дигар тадқиқотҳо) дар назар доранд, ки робитаи наздик бо падар дар

муайян намудани он ки оё писар ё духтар пеш аз никоҳ ба алоқаҳои ҷинсӣ дода мешаванд ё не, омили бӯҳронӣ мебошанд.

## Таъсири сеюми бузургтарин

Аммо агар ҳар кадоми ин се омили ба падар вобаста мавҷуд набошанд ва ё хеле кам бошанд, падар дар байни таъсиркунадаҳои дигаре ки ба меъёрҳои рафтори ҷинсии наврасон таъсир мерасонанд, шахси сеюми зиёдатӣ мешавад.

**Таъсири ҳамсолон**. Гурӯҳи ҳамсолон, бе шубҳа, ба наврас таъсири бузург дорад. Маданияти ҷавонони мо нисбати арзишнокии шахсӣ, шаҳват, мансубият ва қабулшавӣ муносибати худро пешниҳод мекунад. Дар китоби худ „Падари хайрхоҳ" Фрэнк Мартин воқеаеро меоварад, ки аз маслиҳатчии машҳури соҳаи мушкилоти оилавӣ шунидааст:

Духтари 16-сола ба қабули ӯ омада, оиди аввалин таҷрибаи шаҳвонии худ нақл мекард, ки дар синни 13-солагӣ рӯй дода буд.

> „Ман аз нақлҳои дӯстонам оиди шаҳват то дараҷае хаста шуда будам, ки хостам худам таҷриба карда бинам, ки ин чӣ будааст, — сар кард вай, — бинобар ин ҳангоми яке аз шабнишиниҳо ба ҷавони хушнамуде наздик шуда, аз вай пурсидам, ки оё бо ин кор машғул шудан намехоҳад". Сипас ҳар дуи онҳо ба хонаи хоб рафтанд ва баъди якчанд дақиқа ин духтарак бакораташро аз даст дод. „Ин тамоман на он чизе буд, ки ман интизор будам, — гуфт вай ба маслиҳатчӣ, — аммо ба ҳар ҳол ман донистам, ки ин чист ва акнун метавонистам бо дӯстонам дар ин бора гап занам".[5]

Қувваи таъсири ҳамсолон дар фаъолияти шаҳватпарастии наврасон асоситарин ва ҳалкунанда аст, хусусан дар он ҳолатҳое ки наврас аз як ё якчанд омилҳои зикршудаи падарӣ маҳрум бошад. Муоинаи ҳазор наврас нишон дод, ки 76% онҳо тайёранд дар масъалаи алоқаҳои ҷинсӣ ба қадри кофӣ дур раванд, то худро ботаҷриба ҳис намоянд ва аз қатор дур набошанд.[6] Дар бисёр ҷамъиятҳо, мактабҳо ва гурӯҳҳои фарзандони шумо фишоре ки барои ба „дербии ҷинсӣ" ҳамроҳ шудан водор мекунад, даҳшатовар буда метавонад.

Таъсири воситаҳои ахбори умум. Омӯзиши умумимиллии наврасон дар доираи маъракаи „Интизор шудан чӣ даркор?", ки дар соли 1987 гузаронда шуд, нишон дод, ки ҳамсолон дар рафтори наврасон омили

таъсиркунандаи рақами як мебошанд. Аммо кӣ ба „ҳамсолон“ таъсир мерасонад? Бисёрии наврасон маълумотро оиди шаҳват ва алоқаҳои ҷинсӣ на аз волидон, на аз калисо, на аз мактаб, балки аз сели барномаҳои телевизионӣ, филмҳо, рок мусиқӣ, ва нашрияҳои даврӣ мегиранд, ки вақтҳои охир беш аз пеш сатҳӣ ва ошкоротар шудаанд.

*1. Телевизион.* Воситаҳои ахбори умум дар бунёди тасаввуроти ҷинсии наврас асоситарин ва муайянкунанда мебошанд. Чунин қудратро бар ҷавонон чӣ медиҳад? Далелҳои зеринро дида мебароем: бачаи синни томактабӣ дар назди телевизор назар ба вақте ки донишҷӯй дар аудитория мегузаронад, бештар мешинад. Дар натиҷаи яке аз тадқиқотҳо маълум гардид, ки ҳар як бачаи синни томактабӣ дар як ҳафта то 20 соат телевизор тамошо мекунад, хонандагони синфҳои ибтидоӣ — 22 соат. „Ягона вақтгузароние ки аз ин тӯлонитар аст, хоб мебошад. Ҳангоме ки наврасон 18-сола мешаванд, маълум мегардад, ки онҳо дар назди телевизор аз ҳама ҷои дигар бештар вақти худро гузарондаанд, ҳатто аз мактаб ҳам бештар“.[7] Дигар тадқиқот чунин баҳо медиҳад: — то вақти хатми мактаб навраси миёна 22 ҳазор соатро бо тамошои телевизор мегузаронад. Ин миқдор аз соатҳои дарсии 12 соли хониш зиёдтар аст.

*2. Мусиқӣ.* Хонандагони синфҳои 7-12 дар тӯли тақрибан 10500 соат мусиқии рок гӯш мекунанд. Миқдори умумии соатҳои дарсии мактаб бошад ҳамагӣ 500 соат аз ин зиёдтар аст.[8] „Наврасон ба расонаҳои хабарӣ хеле таъсирпазиранд. Таъсири мутақобили калонсолони воқеӣ ва наврасон ҳозир аз ҳарвақта камтар аст, зеро дӯстон ва моделҳои нақшии онҳо, ки расонаҳои хабарӣ барояшон пешкаш мекунанд, ба онҳо таъсири бештар доранд“.[9]

*3. Кино ва видеофилмҳо.* Бисёрии ҷавонони мо оиди фаъолияти шаҳватпарастӣ консепсияи худро тартиб додаанд, ки дар кино ва видеофилмҳои дидаашон асос ёфтааст. Онҳо дарк намекунанд, ки муҳаббати озод ва алоқаи тасодуфии ҷинсӣ тарафи дигар низ дорад. Агар наврасон ақидаи худро дигар карда натавонанд, дар ниҳояти кор ба онҳо лозим меояд, ки нархи гаронеро пардозанд. Як духтарак оиди ин нарх чунин мегӯяд:

> Филмҳо ва намоишномаҳои хаёлӣ ба мо оиди варшикаст ва дилҳои шикаста нақл мекунанд, ки натиҷаи алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ ва шаҳвати то никоҳ мебошанд. Оиди натиҷаҳои интихоби нодурусти шарики ҷинсӣ ҳеҷ чизи хуб гуфтан имкон надорад. Бе шубҳа, вазнинтарин ва душвортарин санҷише ки

ман аз сар гузарондаам, душвортар аз ҷарроҳии ҷиддӣ, анализҳо барои мавҷудияти бемории саратон ва аз кор холишавиҳои зиёд анҷомёбии муносибатҳои ҷинсӣ бо марди зандор буд.[10]

Ин суханон дили маро мехарошанд. Ин суханон маро метарсонанд. Ин суханон маро маҷбур мекунанд ба фарзандандонам ёрӣ диҳам, то аз омили таъсиркунандаи ҳамсолон ва воситаҳои ахбори умум эмин бошанд. Ин суханон дар ман хоҳишеро пайдо мекунанд, ки дар ташаккули ақидаҳои фарзандон оиди фаъолияти ҷинсӣ на омили сеюм, балки якум ва ҳалкунанда бошам.

Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш нуқтаи назари Худовандро оиди шаҳват медонанд. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш оиди фаъолияти ҷинсӣ тасаввуроти солим ва пурра доранд. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки бо фарзандонаш оиди масъалаҳои ҷинсӣ ва оиди покӣ гап мезанад, ва ӯ онҳоро аз фишор ва васвасаҳои давраи наврасӣ ва ҷавонӣ эмин нигоҳ дошта метавонад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш муносибатҳои ҷинсиро фақат дар никоҳ сар кардан мехоҳанд. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш ба ҳамсарони худ вафодоранд.

Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари ман ҳамон хел аст.

## Намунаи покӣ

Аҳкоми Худованд, ки ба воситаи Каломи Ӯ дода шудаанд, талаботи Ӯро оиди покӣ муайян менамоянд. Худо ба воситаи шариат гап мезад ва меъёри Худро хеле равшан баён намудааст: Нопокии шаҳватпарастӣ (яъне ҳама гуна фаъолияти ҷинсии берун аз никоҳи қонунӣ) вайрон кардани фармудаҳои зерин аст:

> *Аз зино парҳез кунед* (Аъмол 15:29).

> *Аз зино бигрезед* (1Қӯринтиён 6:18).

> *Зинокорӣ накунед* (1Қӯринтиён 10:8).

> *Лекин зино ва ҳар гуна нопокӣ ва тамаъкорӣ набояд дар байни шумо ҳатто зикр ёбад, чунон ки ба муқаддасон муносиб аст* (Эфсӯсиён 5:3).

*Пас, андоми заминии худро: зино, нопокӣ, ҳирс, ҳаваси бад ва тамаъкориро, ки он бутпарастист, бикушед* (Қӯлассиён 3:5).

*Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед ва аз зино парҳез кунед* (1Таслӯникиён 4:3).

Ғамхории Худовандро оиди покӣ пай набурдан душвор аст. Аммо бисёр вақт сарфи назар карда мешавад, ки ин ғамхорӣ на танҳо оиди талаботи Худо, балки оиди он низ мегӯяд, ки Ӯ чиро қадр мекунад. Худо покиро қадр мекунад. Ӯ доимо мекӯшид аҳамияти ин арзишро ба халқи Худ расонад: Ӯ талаб мекард, ки ҳангоми сохтани сандуқи аҳд фақат тиллои холис истифода шавад; Ӯ таъин намуда буд, ки барои бухур фақат лодани пок истифода шавад; Ӯ барои қурбонӣ факт ҳайвоноти покро талаб менамуд; Ӯ дили пок (Матто 5:8), дини пок (Яъқуб 1:27) ва муносибатҳои покро (1Тимотиюс 5:2) талаб менамуд.

Зиёда аз ин, дар аҳком ҳақиқат оиди Худи Худованд кушода мешавад: гуфта мешавад, ки Падари комил Худ пок аст. „Ва ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед дорад, худро пок менамояд, чунон ки Ӯ пок аст" (1Юҳанно 3:3). Томас Треветэн покии Худовандро дар чунин суханони хотирнишин тасвир менамояд:

> Ва Худованд ҳақиқатан аз ҳама гуна бадӣ дур, ҷудо мебошад. Афзалияти ахлоқии Ӯ мутлақ аст. Хислати Ӯ, ки дар иродаи Ӯ ифода ёфтааст, меъёри мутлақи ахлоқи покро ташаккул медиҳад. Худо муқаддас аст, ва барои тамоми мавҷудот намунаи мутлақи ҳар чизи нек мебошад. Аз берун он тазодест бо ҳамаи офаридаҳои Худ. Аммо аз дил Ӯ маркази пурнури покии мутлақ аст.[11]

Азбаски Худо пок аст, нопокии шаҳвонӣ дар назди Ӯ гуноҳ аст. Подшоҳ Довуд, ки бо Батшобаъ гуноҳ карда буд, дертар тавба кард; ӯ ба Худо иқрор шуд: „Ба Ту ва танҳо ба Ту хато кардаам, ва пеши назари Ту бадӣ кардаам..." (Забур 50:6). Магар Довуд он чизро сарфи назар кард, ки гуноҳи ӯ ба дигар одамон низ таъсир кард, масалан боиси марги шавҳари Батшобаъ ва кӯдаке шуд, ки Батшобаъ ба Довуд зода буд? Не, Довуд дарк менамуд, ки ҳангоме бо Батшобаъ гуноҳ кард, ин гуноҳе буд пеши назари Оне ки шариатро муқаррар намудааст. Корҳои ӯ ба Худо номақбул буданд, зеро покии Ӯро таҳқир

менамуданд. Дигар хел карда гӯем, бар хилофи маданияти ҳозира, фишори ҳамсолон ва расонаҳои хабарӣ, Падари идеалӣ мегӯяд, ки *покӣ хуб аст.*

Падари идеалӣ ба нигоҳ доштани покӣ даъват мекунад, зеро Ӯ покиро қадр мекунад. Ӯ покиро барои он қадр мекунад, ки Худаш пок аст.

Ман маҳз ҳамин гуна падар будан мехоҳам. Ман мехоҳам, ки онҳо ваҷди худро аз бадахлоқӣ ва фасодкориҳо, ки дар маданияти онҳо, гурӯҳҳои ҳамсолон ва дар расонаҳои хабарӣ бисёр ба назар мерасанд, инкор кунанд. Ман мехоҳам, то онҳо бидонанд, ки ман покиро қадр мекунам, чуноне ки Падари Осмонӣ, ки ман ба Ӯ хизмат менамоям ва ба Ӯ тақлид кардан мехоҳам, онро қадр мекунад. Ман мехоҳам, ки онҳо ҳамаи он хубиеро, ки аз покӣ бармеояд, бинанд. Ва ман мехостам, то онҳо меъёри илоҳиро дар худи ман бубинанд.

Албатта, гуфтани ин назар ба иҷро кардан осонтар аст. Аммо ба ҳар ҳол ман наметавонистам мустақилона ба ин ноил шавам. Ин дуоҳо ва умед бастан ба Рӯҳулқудсро металабад, ки баъд Ӯ метавонад дар ман амал намояд ва дар кӯшишҳои ман ҳозир бошад, бо мурури он ки ман ба ин чиз ноил шудан мехоҳам:

## Диққат ва меҳр зоҳир намоед

Боре ман дар тӯли як ҳафта дар яке аз калисоҳои калонтарин ва бойтарини инҷилии ИМА конфронс мегузарондам. Ман соатҳои махсуси маслиҳатҳоро барои 42 нафар хонандагони синфҳои миёна ва болоӣ ба нақша дароварда будам. Аввалин саволе ки онҳо медоданд, ин буд: „Ҷош, бо падари худ чӣ кор кунам?“ Ҳангоме ман аз онҳо мепурсидам, ки онҳо чиро дар назар доранд, онҳо чунин мегуфтанд: „Ӯ барои ман ҳеҷ гоҳ вақт надорад“, „Ӯ ҳеҷ гоҳ маро бо худ намегирад“, „Ӯ ҳеҷ гоҳ бо ман гап намезанад“ ва „Ӯ ҳеҷ гоҳ ҳамроҳи ман бо коре машғул намешавад“. Ман аз ҳамаи 42 нафар пурсидам, ки „Оё бо падари худ гап зада метавонӣ?“ Ва фақат як кас ҷавоби мусбат дод. Ин наврасон, чун бисёриҳо дар замони мо, ташнаи диққат ва меҳри падарони худ шудаанд. Ин „камии муҳаббат“ ба фарзандон ва волидон таъсир расонда, доираи такроршавандаи шумеро ба вуҷуд меоварад — волидоне ки меҳрашон камӣ мекунад, фарзандонеро калон мекунанд, ки ба муҳаббат боз ҳам бештар мӯҳтоҷанд. Ва натиҷаҳои ин харобиовар буда метавонад.

Фарзанди шумо ба диққати шумо мӯҳтоҷ аст. Баъзан ман фарзандони худро баъди мактаб пешвоз мегирам ва мо дар ягон ҷо

якҷоя хӯрок мехӯрем. Сайругашти нимсоата дар наздикии хона ё ба кафеи наздиктарин барои яхмос рафтан имконияти хубе медиҳанд, то ба фарзандонатон диққат зоҳир намоед ва ба онҳо нишон диҳед, ки онҳо бароятон хеле муҳиманд. Дӯсти ман Норм Уэйфилд оиди яке аз ташаббусҳои худ ҳангоми хурд будани фарзандонаш нақл мекунад:

> Боре ҳангоме ки аҳли оилаи ман рӯзи якшанбе баъди аз калисо баргаштан хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрданд, ман ба фарзандон гуфтам: „Ман имрӯз ба ҳар кадоми шумоён чизе тӯҳфа кардан мехоҳам“. Чашмони фарзандон аз ваҷд ва интизорӣ пурнур шуданд. — Ман ба ҳар кадоми шумоён нимсоатӣ вақт тӯҳфа мекунам. Дар тӯли ин муддат ман ҳар он чиро, ки мехоҳед, ҳамроҳи шумо мекунам. — Онҳо дар ҷавоб чунон бо нидои баланд изҳори хурсандӣ намуданд, ки ки гӯё ман ба онҳо қуттиҳои тӯҳфаҳоро дода бошам.
>
> Ман аз Эми пурсидам, ки чӣ кор кардан мехоҳад. „Ман фақат мехоҳам бо ту сайругашт кунам“. Ва мо дар атрофи маҳалла сайругашт намудем ва яхмос низ хӯрдем.
>
> Ҳангоме ки мо ба хона баргаштем, Ҷоэл гуфт, ки дар алафзори назди хона бо ман гӯштингирӣ кардан мехоҳад. Ва мо дар тӯли ним соат гӯштингирӣ кардем.
>
> Баъд ман аз Ҷилл, ки мебоист ба боғча рафтанро сар мекард, пурсидам, ки чӣ мехоҳад, то барояш бикунам. Ӯ гуфт: „Ман мехостам дар болои зонуҳои ту дар креслои калони верандаи паси хона нишинам ва ту бароям чизе бихонӣ“. Ва ман барояш хондам.
>
> Дар ин рӯз ман фаҳмидам, ки вақти мо барои фарзандон чӣ тӯҳфаест. Ҳангоме ки ин вақт саховатмандона ва бо хурсандӣ дода мешавад, баъдтар он самарҳои фаровон меоварад.

Ба фарзандони шумо — новобаста ба синну соли онҳо — ҳамчунин меҳри шумо даркор аст. Ман ҳақиқатан боварӣ дорам, ки оғӯши падар ва наврас — писар ё духтар — дар соҳаи покии ҷинсӣ аз ҳар як омили ҷудогона кори бештар карда метавонад. Шумо ҳеҷ гоҳ наметавонед фарзандонатонро беш аз андозаи даркорӣ ба оғӯш гиред, ба ростӣ, ҳеҷ гоҳ. Аҳамият надорад, ки онҳо чандсола ҳастанд ва то чӣ андоза калонанд: фарзандон дар ҳар синну сол ба меҳр эҳтиёҷ хоҳанд дошт. Дар чунин чизи содда, чун оғӯш гирифтан, табассум кардан ва суханони зерин қувваи азиме ниҳон аст: „*Ман туро дӯст медорам!*“

## Дар муҳокимаи масъалаи ҷинс ошкоро бошед

Раванди мушоракат байни шумову писар ва ё духтаратон хеле муҳим аст, агар шумо чунин меҳисобед, ки бояд ба фарзандон дар ташаккули муносибати солим вобаста ба шаҳватпарастӣ ёрӣ диҳед.

Шумо ва занатон имконияти аввалин ва беҳтарин доред, ки фарзандонро чун шахсиятҳои комил ба воя расонед. Агар шумо имкониятҳои ошкоро ва мусбати мушоракат дошта бошед, сарвати ҳимояи ҷинсии шумо ба ҳамаи муносибатҳо ранг мебахшад. Писаратон аз шумо ёд мегирад, ки мард будан чист ва бо зан чӣ тавр бояд муносибат намуд. Ӯ бовариро ба худ ҳис мекунад, зеро дар наздаш яке аз намунаҳои беҳтарин ҳаст. Духтаратон ба худ эҳтиром доштанро меомӯзад ва назокати занонаи худро ҳифз менамояд, зеро ҳамеша мебинад, ки шумо аз вай ба ваҷд меоед. Бо мурури он ки духтаратон калонтар мешавад, дар ӯ асоси солиме пайдо мешавад, ки имкон медиҳад мардони дигарро, ки бо онҳо муносибат хоҳад дошт, баҳо диҳад. Ӯ ба фишори мардон кам таъсирпазир мешавад, зеро эътибори ҳаёт ва муҳаббати шумо барояш ҳимояи хуберо таъмин менамоянд. Ӯ бо онҳое ки ба ҷинси мухолиф тааллуқ доранд, муносибат карданро ёд мегирад.

Оиди ҷиҳати шаҳвонии ҳаёти мо сухан ронда тавонистани шумо дар муносибатҳои шумо бо фарзандон унсури муҳим аст. Мо ба Китоби Муқаддас мурочиат намуда, оиди муҳокимаи покии шахсӣ ва ахлоқи ҷинсӣ ҳамроҳи фарзандонамон дарси ибрат омӯхта метавонем. Дар Масалҳо аз боби 3 то 7 ба фарзандон фармуда шудааст, ки ба хиради волидон гӯш андозанд. Ба волидон ҳеҷ гоҳ фармуда нашудааст, ки бо фарзандон оиди муносибатҳои ҷинсӣ гап зананд. Дар назар дошта шудааст, ки волидон бо фарзандонашон дар ин бора *гап мезананд*. Дар муошират бо фарзандон дар ин соҳаи хеле муҳими ҳаёти онҳо то чӣ андоза пеш рафтаед?

Барои волидоне ки дар муошират дар ин соҳа ба ёрӣ мӯҳточанд, якчанд сарчашмаҳои хубе ҳастанд. Яке аз китобҳое ки мо тавсия мекунем, „Сӯҳбат бо фарзандон оиди муҳаббат, муносибатҳои ҷинсӣ ва вохӯриҳо“ [„Talking With Your Kids About Love, Sex and Dating“] мебошад, ки онро Барри ва Кэрол Сент-Клэр навиштаанд. Ин китоб роҳнамоест барои волидон оиди қадам ба қадам муҳокима намудани ин мавзӯъҳо бо фарзандон дар сатҳҳои гуногун вобаста ба синну сол. Боз як сарчашмаи хуб се китобе мебошанд, ки ки онҳоро Барри Сент-Клэр ва Билл Ҷоунс барои наврасон навиштаанд ва ман онҳоро таҳрир намудаам: „Вохӯриҳо: интихоб мекунем (ва) ғолиб (мешавем)“

[„Dating: Picking (and Being) a Winner“], „Секс: хостани чизи беҳтарин“ [„Sex: Desiring the Best“] ва „Муҳаббат: то ки он бардавом бошад“ [„Love: Making It Last“]. Ҳамчунин сабти видеоӣ ҳаст, ки „Биёед оиди муҳаббат ва муносибатҳои ҷинсӣ гап мезанем“ [„Let’s Talk About Love and Sex“] ном дорад. Пешниҳод карда мешавад, ки ин сабти видеоиро дар якҷоягӣ бо китобе истифода баред, ки онро баъди дидани видеокассета ба наврасi худ бояд диҳед. Ин китоб, ки „Бо муҳаббат, падар“ [„Love, Dad“] ном дорад, маҷмӯаи мактубҳоест, ки ба писарам ва духтарам навиштаам. Дар онҳо оиди паси сар намудани мушкилот дар муносибатҳои ҷинсӣ ва васвасаҳо гуфта мешавад.

Аҳамияти мушоракат дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ масъалаеро ба миён мегузорад, ки ҳар як падар бо он рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Агар мо дар муносибатҳои ҷинсӣ нобоварӣ ва нороҳатӣ дошта бошем, ин мушкилотро ба фарзандон мегузаронем. Агар мард дар муҳите калон шуда бошад, ки дар он зан таҳқир карда мешуд, ӯ ҳамин гуна муносибатҳо ва ҳиссиётро ба духтаронаш мегузаронад ва ин онҳоро барои мардон осебпазир мегардонад. Аммо агар шуморо ёд дода бошанд, ки мард бояд боқувват, камгап ва беҳиссиёт бошад, писаронатон ин сифатҳоро аз шумо мегиранд.

Аммо дар ёд нигоҳ доред, ки дар доираи муносибатҳои вайронкунанда ва манфӣ мондани мо ҳатмӣ нест. Бо ёрии илҳоми Рӯҳулқудс мо воқеан метавонем ҳиссиёт, муносибатҳо ва амалҳои нав, озодшударо ташаккул диҳем. Ин боиси он хоҳад шуд, ки фарзандон тарзи зиндагии хурсандона ва пур аз муҳаббатро қабул мекунанд.

## Намуна гирифтан аз меъёрҳои покии илоҳӣ

Агар фарзандони шумо бинанд, ки падар аз меъёрҳои покии илоҳӣ намуна мегирад, инкишоф додани ин меъёрҳо барои онҳо осон мешавад. Падаре ки доимо бо занаш муносибатҳои хуб дорад, назокати занонаи ӯро эътироф мекунад ва дар ҳаққи ӯ бо эҳтиёт ғамхорӣ мекунад, барои мувозинати эҳсосотии фарзандонаш таҳкурсии устуворе мегузорад. Падаре ки аз баҳодиҳии дунявии муносибатҳои ҷинсӣ дурӣ меҷӯяд — ва ин дар рафтор ва нуқтаи назари ӯ инъикос меёбад, — барои фарзандонаш аз покии илоҳӣ намуна мегирад.

Яке аз воситаҳои самарабахштарини дар фарзандонамон бунёд намудани меъёрҳои покии илоҳӣ — ба онҳо нишон додани чигунагии намуди солими муносибатҳои ҷинсӣ аст. Бисёр волидон дар

муҳокимаи ин масъалаҳо чунон хиҷолат мекашанд, ки фарзандон тасаввуроте пайдо мекунанд, гӯё муносибатҳои ҷинсӣ — ҳатто дар никоҳи қонунӣ — як чизи ифлос мебошанд (ё ақаллан „чизе ки дар бораш гап намезанем"). Аммо агар фарзандонамон донанд, ки муносибатҳои ҷинсӣ як қисми муносибатҳои пок ва беҳтарине мебошанд, ки шумо бо ҳамсаратон доред, ин ба онҳо ёрӣ медиҳад, то нисбати масъалаҳои ҷинсӣ муносибати солим дошта бошанд, ки ба хости Худованд мувофиқ аст. Дар китоби мо „Чӣ гуна барои фарзандонатон қаҳрамон шуда метавонем" [„How to Be a Hero to Your Kids"] мо бо ҳаммуаллиф Дик Дэй ҳикояи зеринро меоварем:

> Дик замонеро ба ёд меоварад, ки Шарлотта (занаш) муваққатан ба Ғарби Миёна рафта буд, то дар конфронси занон дар Wheaton College баромад кунад. Вай тақрибан як ҳафта дар он ҷо буд, ва мебоист ба Сан-Диего бо рейси соати шаш бармегашт. Ҳангоме ки Дик ба сафар аз Ҷулиэн ба Сан-Диего тайёрӣ медид — масофаи байни онҳо тақрибан 90 километр аст — ӯ ба Тимми ва Ҷонатан, ки он вақт наврас буданд, муроҷиат намуд: „Бачаҳо, шабро танҳо гузаронданатон лозим меояд! Шумо оиди ин чӣ фикр доред? Хонаи бародаратон хеле наздик, дар ҳамин кӯча аст, ва агар даркор шуда монад, метавонед ба ӯ занг занед. Ман мехостам модаратонро пешвоз гирифта, шабро дар меҳмонхонаи Сан-Диего гузаронам".
>
> Тимми ба падар нигарист, ва баъд табассум намуд. Ӯ дӯстона ба китфи Дик зада, гуфт: „Албатта, падар! Албатта, рафтан гир!"[12]

Фарзандони Дик дар муоширати волидон намунаеро мединанд, ки зебоӣ ва покии муносибатҳои ҷинсиро дар никоҳ (чуноне ки Худованд андешида буд) танҳо тақвият медоданд.

## Омӯзондани меъёрҳои покии илоҳӣ

Ҳангоме ки духтарам Келли 15-сола шуд, ман он кореро кардам, ки якчанд сол боз дар орзуи он будам. Ман Келлиро ба вохӯрӣ даъват намудам. Ман махсус аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба вохӯрӣ биёяд, то баъд бо мошин омада, ӯро пешвоз гирам. Ман барои ӯ дари мошинро кушодам ва пӯшондам, баъд мо ба ресторани хуб рафтем, ман курсиро барояш пеш овардам, ва ҳангоми хӯроки шом оиди мавзӯъҳои барояш шавқовар сӯҳбат кардам. Баъди ин мо мувофиқи интихоби ӯ

ба як ҷое барои хуш гузарондани вақт рафтем.

Дар охири вохӯрӣ ман ба Келли фаҳмондам, ки ҷавоне ки ӯро ба вохӯрӣ даъват мекунад, агар ҳақиқатан ӯро эҳтиром кунад ва барояш ғамхорӣ намояд, бояд ҳамон тавре рафтор кунад, ки ман кардам. Баъд ман дигар духтаронамро низ ба чунин вохӯриҳо даъват кардам. Писарамон Шон ба вохӯрии аввалини Худ занам Доттиро даъват намуд; ман ба ӯ фаҳмондам, ки бояд чӣ кунад ва чӣ гуна дар тӯли тамоми бегоҳ диққат ва таваҷҷӯҳи худро зоҳир намояд.

Ин вохӯриҳо фақат яке аз усулҳои ман буданд, ки ман барои омӯзондани меъёрҳои покӣ истифода мебурдам. Ҳамчунин ман имкониятҳоеро, ки телевизион, филмҳо, воқеаҳои ҳаррӯза ва тӯйҳо дар оилаи мо ё дӯстонамон пешкаш менамоянд, истифода мебурдам, то ки бо фарзандонам меъёрҳои Худовандро оиди покии муносибатҳои ҷинсӣ муҳокима намоям. Зимни намунаҳои дигар ман ба граффити (навиштаи девор) низ мурочиат карда, диққати фарзандонро ба калимаи қабеҳи дар девор навишташуда ҷалб намудам, то фаҳмонам, ки ин калима он чиро, ки Худованд чун як чизи беҳтарин офаридааст, таҳқир мекунад; ва ба ин гуфтаҳо такя намуда, оиди покӣ ва муқаддасии муносибатҳои маҳрамона дар никоҳи қонунӣ сухан меронам.

## Хурсандӣ аз покиро бо ҳам бинед

Яке аз воситаҳое ки покии Худовандро инъикос менамоянд ва ба инкишофи меъёрҳои шахсии покӣ дар фарзандонатон мусоидат мекунанд, доимо бо ҳам дидани хурсандиҳо ва натиҷаҳои мусбати покӣ мебошад (ва низ ишора ба натиҷаҳои манфии бадахлоқӣ).

Ман кӯшиш мекунам ҳар як имкониятро истифода барам, то ба фарзандонам нишон диҳам, ки риоя намудани покӣ роҳи кӯтоҳтарин ба дилхушӣ ва қонеъшавӣ аст, дар ҳоле ки бадахлоқӣ ҳатман боиси ҳисси гуноҳкорӣ, дилмондагӣ ва рӯҳафтодагӣ мешавад. Ман ба онҳо хотиррасон мекунам, ки меъёрҳои покии илоҳӣ, ки Худованд андешидааст, онҳоро аз ҳомиладории нодаркор ва бемориҳои ҷинсӣ ҳифз мекунад, ва низ осудагии рӯҳро таъмин менамояд. Ман мекӯшам дар онҳо ақидаеро ташаккул диҳам, ки покӣ дар муносибатҳои ҷинсӣ онҳоро аз осебпазирӣ ҳифз мекунад, ва низ муҳити бовариро байни шавҳар ва зан таъмин менамояд. Ман ба фарзандонам мегӯям, ки покӣ — ҳам пеш аз никоҳ ва ҳам баъд, дар никоҳ, — ба пайдо шудани наздикии ҳақиқӣ байни шавҳар ва зан мусоидат мекунад ва онҳоро аз натиҷаҳои бадахлоқӣ: шубҳаҳо аз якдигар, дилмондагӣ,

андӯҳ, стресс, рӯҳафтодагӣ ва бисёр ҳиссиётҳои дигари вайронкунанда ҳифз менамояд.

Чанде пеш Кейти ба ман бо ҷиддият гуфт: „Падар, ташаккур барои он ки ту маро дӯст медорӣ“.

„Ту чиро дар назар дорӣ?“ — пурсидам ман.

„Ту ҳамеша ба ман рост мегӯӣ, — гуфт вай. — Ту бо ман оиди муносибатҳои ҷинсӣ ва натиҷаҳои гуногуни он гап мезадӣ, ва ман бисёр наврасонеро медонам, ки интихоби нодуруст мекунанд ва намефаҳманд, ки дар оянда ҳоли онҳо чӣ мешавад“. Ӯ суҳбатро давом дода, гуфт, ки мехоҳад, то ҳамаи дӯстон ва ҳамсинфонаш чунин падар дошта бошанд, ки бо онҳо оиди хурсандии покӣ ва натиҷаҳои бадахлоқӣ рӯйрост гап мезада бошад.

Мо, падарон, вазифаи муҳим ва муқаддас дорем: ба фарзандон фаҳмиш, эҳтиром ва инъикоси меъёрҳои илоҳии покиро талқин намудан. Ин кор аз таъсири Рӯҳулқудс ба зиндагии худи мо сар мешавад, ва қувваи Ӯ ҳамроҳи кӯшишҳои мо имкон медиҳанд, ки ба фарзандонамон диққат ва меҳр зоҳир намоем ва дар масъалаҳои муносибатҳои ҷинсӣ бо онҳо ошкоро бошем, ва худамон ба намунаи меъёрҳои илоҳии покӣ пайравӣ намуда, доимо ба фарзандон ин меъёрҳои илоҳиро омӯзонем, ва дар ҳар мавриди мувофиқ хурсандии покиро бо ҳам бинем.

Бо мурури он ки мо ин корро мекунем, бо ёрии Худо, фарзандонамон ба ҳар гуна фишорҳо — аз тарафи ҳамсолон, ҷамъият ва ҳатто гормонҳои худашон муқобилат намуданро ёд мегиранд — то ки фаъолияти ҷинсиро фақат дар никоҳ сар кунанд. Онҳо ба инкишоф додани нуқтаи назари солим ва парҳезгорона нисбати муносибатҳои ҷинсӣ хубтар омода мешаванд. Бо имконияти бештар ба онҳо муяссар мешавад, ки аз озурдагиҳои дил ва фоҷиаҳо, ки аз боиси қабули қарорҳои бефикрона дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ рух медиҳанд, барканор бошанд. Ва онҳо беҳтар тайёр мешаванд, ки дертар, дар никоҳ, ба занону шавҳаронашон вафодор бошанд.

Ва мо ба ҳамин тариқ робитаи устуворро бо фарзандонамон барпо менамоем, ва ин робита ба мо ёрӣ медиҳад, то он гуна падароне бошем, ки будан мехоҳем ва Падарамон моро он гуна дидан мехоҳад.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Шумо чӣ фикр доред, ҳамсолон ба ақидаҳои фарзандонатон оиди масъалаҳои ҷинсӣ чӣ гуна таъсир мерасонанд? Шумо оиди таъсири расонаҳои хабарӣ чӣ гуфта метавонед? Оиди таъсири худ чӣ? То ҳадди имкон муфассал ҷавоб диҳед.

2. Панҷ самтро, ки барои тарбияи меъёрҳои илоҳии покӣ ёрӣ мерасонанд (чуноне ки дар ин боб тасвир шудааст), аз назар гузаронед. Дар хатҳои зерин назди калимае ки ба фикратон, мувофиқ аст, аломати салиб гузоред, то ки муваффақиятҳои худро дар соҳаҳои зайл баҳо диҳед:

   Ман ба фарзандонам диққат ва меҳр зоҳир менамоям

   ..........................................................................................

   Ҳамеша баъзан ҳеҷ гоҳ

   Ман масъалаҳои ба муносибатҳои ҷинсӣ дахлдорро ошкоро муҳокима мекунам

   ..........................................................................................

   Ҳамеша баъзан ҳеҷ гоҳ

   Ман аз меъёрҳои илоҳии покӣ намуна мегирам

   ..........................................................................................

   Ҳамеша баъзан ҳеҷ гоҳ

   Ман саъй мекунам меъёрҳои илоҳии покиро омӯзонам

   ..........................................................................................

   Ҳамеша баъзан ҳеҷ гоҳ

Ман хурсандии покиро ба фарзандон мефаҳмонам ва ба натиҷаҳои бадахлоқӣ ишора менамоям

..........................................................................................................

Ҳамеша баъзан ҳеҷ гоҳ

3. Аз он чи дар боло зикр шуд, ду самтро муайян намоед, ки мехостед дар он соҳаҳо беҳбудиҳо ба даст оваред, ва фикр кунед, ки барои ин чӣ кор карда метавонед. Оё ягон хел фикрҳо ҳастанд, ки аз ҷумлаҳо ва намунаҳои ин боб қабул карда метавонистед, то ба шумо ёрӣ расонанд? Агар ҳа, зери ин идеяҳо хат кашед ва иҷрои ҳарчи тезтари онҳоро ба нақша гиред.

4.* Дар тӯли шаш ҳафтаи оянда бо ҳар яке аз фарзандон ақаллан ду „Вохӯрӣ бо падар" гузаронед. Чунин як кореро, ки фарзандонатон ба ҷо овардан мехостанд, ба нақша гиред ва дар тӯли вохӯрӣ тамоми диққати худро ба он равона кунед. Ба худ ва ба фарзандон хурсандӣ оваред!

Ҳангоми вохӯрии аввалин шумо чӣ кор мекунед?..............................

Ин вохӯрӣ кай воқеъ мешавад? ........................................................

Ҳангоми вохӯрии дуюм чӣ кор мекунед?............................................

Ин вохӯрӣ кай воқеъ мешавад? ........................................................

# Ростии падар




Вақте ки духтари ман Келли дар синфи чорум мехонд, якчанд ҳамсинфонаш ҳангоми дар синф набудани муаллима аз мизи ӯ чизеро гирифтанд. Кӯдакон фақат мехостанд бо ин чиз бозӣ кунанд, аммо ба зудӣ он шикаст, ва кӯдакон онро ба ҷояш дар миз гузоштанд.

Муаллима ба синф баргашта, дид, ки он чиз шикастааст, ва аз духтаре пурсид, ки чӣ ҳодиса шудааст. Духтарак зери таъсири ҳамсолон дурӯғ гуфт. Баъд муаллима ба Келли муроҷиат кард, ва ӯ ба саволҳо софдилона рост ҷавоб дод, агарчи аз тарафи ҳамсолон фишорро ҳис мекард — онҳо аз ӯ хомӯшона талаб менамуданд, ки чун духтараки якум онҳоро ҳимоя кунад.

Рӯзи дигар ман Келлиро ба ресторани дӯстдоштаамон ба хӯрокхӯрӣ бурдам ва ба вай гуфтам, ки аз ӯ фахр мекунам, зеро ӯ бо вуҷуди фишори ҳамсолон ва нохушиҳои имконпазир дуруст рафтор намуд.

Аз он вақт ман борҳо аз софдилии фарзандонам фахр менамудам, хусусан барои он ки то чӣ андоза дар замони мо кам шудани ин сифатҳоро мефаҳмам. Пурсиши ба наздикӣ гузарондашуда нишон дод, ки ҳоло дар байни хонандагони синфҳои болоӣ дурӯғгӯӣ васеъ паҳн шудааст. Ҳангоми гузарондани ин пурсиш дар байни хонандагони синфҳои миёна ва болоӣ қариб 80% онҳо иқрор шуданд, ки гоҳ-гоҳ ноинсофона рафтор менамоянд, масалан, вазифаҳои хонагиро рӯйбардор мекунанд ва ё ҳангоми кори контролӣ ба дафтари ҳамроҳонашон менигаранд.[1] Пурсиши умумимиллӣ, ки дар байни наврасон ва ҷавонони тақрибан бистсола гузаронда шуд, муайян намуд, ки қариб нисфи онҳо (44%) бовар доранд, ки „дурӯғ гоҳо даркор аст“.[2] Ва households дуздиҳои майда дар универсамҳо (ва дигар шаклҳои дуздии майда) дар байни наврасони баъзе мактабҳо ва ҷамъиятҳо ҳатто мӯд шудааст.

Чунин намудҳои рафтор ва ақидаҳо на танҳо дар байни „кӯдакони душвортарбия“ дида мешаванд. Он ба бисёрии кӯдаконе ки ба калисо мераванд, кӯдакони масеҳӣ ва кӯдакон аз оилаҳои масеҳӣ хос аст.

Тадқиқоте ки дар доираи „Дуруст ва нодурустро аз ҳам фарқ кунон“ [Right from Wrong] гузаронда мешавад, сатҳи ба андозаи хавфнок баланди фиреб ва дурӯғгӯиро дар байни ҷавонони масеҳӣ ошкор намуд. Пурсиши 3795 наврасон дар калисоҳои масеҳии инҷилӣ нишон дод, ки аз ҳар се кас ду нафар (66%) иқрор шуданд, ки дар тӯли се моҳи гузашта „ба волидон, ба муаллим ва ба дигар калонсолон дурӯғ гуфтаанд“. Андаке камтар — шаш кас аз ҳар даҳ нафар (59%) иқрор шуданд, ки дар давоми се моҳи гузашта дӯст ё ҳамсоли худро фиреб додаанд. Зиёда аз сеяки онҳо (36%) иқрор шуданд, ки дар ҳамин муддат ҳангоми имкиҳонҳо ё корҳои контролӣ ба фиреб рӯ овардаанд, ва қариб шашяки онҳо (15%) хабар доданд, ки ба қарибӣ пул ё ягон моликияти дигарро дуздидаанд.

Ин тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҷавонони мо фиребро роҳи „осонтар“ барои пеш рафтан меҳисобанд. Онҳо дурӯғгӯиро воситае меҳисобанд, ки ҳамсолонро ҳайрон мекунад ва боиси таҳсини волидон мегардад. Онҳо ҳатто боварӣ надоранд, ки дурӯғ гуфтан бад аст — зеро оқибатҳои бади дурӯғгӯӣ ва ҳамчунин натиҷаҳои мусбати ростқавлиро хеле кам мебинанд.

Аммо ман мехоҳам, ки фарзандонам дигар ақидаҳо дошта бошанд. Ман мехоҳам, ки писар ва духтаронам шахсиятҳои комил шаванд. Ман намехоҳам, ки онҳо дурӯғ гӯянд. Ман намехоҳам, ки онҳо ба ман ва ё ягон каси дигар дурӯғ гӯянд. Ман намехоҳам, ки онҳо чизҳои ба онҳо тааллуқнадоштаро гиранд, хоҳ он компакт диск бошад ё вақти корӣ. Ман мехоҳам, ки онҳо рост гӯянд. Ман мехоҳам, ки онҳо ҳаёти софдилона ба сар баранд. Ман мехоҳам, ки онҳо бо корҳои худ машғул шуда, осуда зиндагӣ кунанд, ва чунин кор кунанд, ки ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо боиси эҳтироми атрофиён шавад.[3]

Ва ман мехоҳам он гуна падаре бошам, ки чунин зиндагиро меомӯзонад ва меофарад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш ростқавлӣ ва бовиҷдонии ӯро дар ёд доранд. Ман мехоҳам падаре бошам, ки фарзандонаш ӯро барои хислати мукаммалаш эҳтиром менамоянд. Ман мехоҳам ҳамон гуна падаре бошам, ки Падари ман ҳаст.

## Симои падар

Ҳазорҳо сол пеш Парвардигор дар кӯҳи дури нимҷазираи Сино бо Мусо вохӯрда ба ӯ фармуда буд:

*Дуздӣ накун.*
*Дар ҳаққи ёри худ шаҳодати дурӯғ надеҳ.*
(ниг Хуруҷ 20:15,16).

Баъд ба Мусо бештар кушода шуда, Парвардигор ин аҳкомро такрор менамуд ва тақвият дода, ба халқи Худ муроҷиат менамуд:
Дуздӣ накунед ва мункир нашавед, ва ба якдигар дурӯғ нагӯед.

*Ва ба исми Ман қасами дурӯғ нахӯред...*
*Ҳаққи ёри худро нахӯр ва ғоратгарӣ накун...*
(ниг. Ибриён 19:11-13)

Худованд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медод, то халқи Ӯ хуб дарк намояд — ба воситаи аҳком, — ки дурӯғ, фиреб ва дуздӣ то чӣ андоза нафратоваранд. Ин фармонҳо ҳамчунин принсипҳоеро ба мо ошкор менамоянд, ки Худо онҳоро қадр мекунад, — ростқавл, ошкоро ва лоиқи боварӣ будан. Худо ростқавлиро қадр мекунад. „Даҳони дурӯғгӯй назди Худованд зишт аст, — навишта буд Сулаймон — вале росткорон ба Ӯ мақбуланд“ (Масалҳо 12:22).

Аммо принсипи ростқавлӣ модарзод намешавад, зеро аз табиат ва хислати Худованд бармеояд. Оё шумо он рӯзеро дар ёд доред, ки дар аввали ин боб нақл кардам, ҳангоме духтарамро барои дар вазъияти душвор ростқавлӣ/бовиҷдонӣ нишон доданаш ба ресторан бурдам? Он пагоҳӣ ман назар ба таҳсин намудани рафтори ӯ чизи бештареро ноил шуданӣ будам.

Аввал ман ба ӯ гуфтам, ки аз ӯ фахр мекунам. Сипас аз ӯ пурсидам: „Азизакам, чаро дурӯғ гуфтан чунин бад аст?“

„Зеро дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ин бад аст“, дилпурона ҷавоб дод ӯ.

„Аммо, — давом додам ман, — чаро дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ин бад аст?“

„Зеро Худо чунин гуфтааст“, — чунин буд ҷавоб.

„Чаро Ӯ чунин гуфтааст?“ — пурсидам ман.

Ӯ ба ман чунон нигарист, ки гӯё ба забони хориҷӣ савол дода бошам. Ниҳоят ӯ гуфт: „Ман намедонам“.

Ман дастони ӯро дошта, ба чашмонаш чашм дӯхтам. Ман мехостам боварӣ ҳосил кунам, ки ӯ он чиро ки гуфтанӣ ҳастам, мефаҳмад ва дар ёд нигоҳ медорад. „Зеро ки Худо ростӣ аст, Келли. Ростӣ аз табиати Ӯ бармеояд, ва ҳамаи он чи ба табиати Худованд мухолифат дорад, гуноҳ аст“.

Ростқавлӣ/бовиҷдонӣ дуруст аст (бевиҷдонӣ бад аст), зеро Худованд ростқавл аст. Ҳақиқат ва ростӣ — на он чизест, ки Худо мекунад, балки он чизест, ки Ӯ дорад. Дар суруди охирини Мусо гуфта мешавад: „Ӯ Кӯҳпора аст, амалиёти Ӯ комил аст, зеро ки ҳамаи роҳҳои Ӯ одилона аст; Ӯ Худои амин аст ва ноинсофӣ надорад, Ӯ одил ва ҳаққонист“ (Такрори Шариат 32:4).

Ӯ „Худоест, ки наметавонад дурӯғ бигӯяд“ (Титус 1:2). Ҳангоме ки Худо чизе ваъда медиҳад, мегӯяд Павлус, метавонед ба он такя кунед, зеро „дурӯғ гуфтани Худо мумкин нест“ (Ибриён 6:18). Агарчи ростқавлӣ метавонад ба гадоӣ барояд, чуноне ки Ювенал гуфтааст, меъёри универсалӣ ва абадии ҳақиқат вуҷуд дорад, ки ноустувор ва дигаргун намешавад. „Худо барҳақ аст, — мегӯяд Китоби Муқаддас, — агарчи ҳар одам козиб бошад“ (Румиён 3:4).

Азбаски Худо ростқавл аст, дурӯғ ба табиати Ӯ зид аст. Азбаски Худо ростқавл аст, фиреб ба Ӯ мухолиф аст. Азбаски Худо ростқавл аст, дуздӣ таҳқири Ӯст. Худованд ростқавл аст, дар Ӯ ҳеҷ дурӯғе нест. Маҳз табиати Ӯ ростқавлиро чун фазилат муайян менамояд ва фиребу ноинсофиро — чун бадӣ.

Ман мехоҳам, то фарзандонам донанд, ки Худо ростқавл аст, ва ҳамаи он чи ба Худо шабоҳат дорад, — хуб аст, ва ҳар он чи ба Ӯ зид аст, — бад. Ман дар падарии худ симои Худои ҳақиқиро инъикос намудан мехоҳам, ва ман мехоҳам, ки фарзандонам симои Ӯро ба воситаи ростқавлӣ ва мукаммалӣ инъикос намоянд. Ман мехоҳам, то онҳо фаҳманд, ки ростқавлӣ ҳақиқатан тарзи беҳтарини рафтор аст, зеро он ба Худо писанд меояд, табиати Ӯро инъикос менамояд, ва низ табиати Ӯро ба атрофиён нишон медиҳад.

Бори дигар такрор мекунам, ки калиди ба даст овардани ҳамаи ин ҳамон робитаи мутақобили падарӣ мебошад, ки мо оиди он гап зада будем. Ин робитаи мутақобил аз ман алоқамандии доимиро бо Падар талаб мекунад — ба воситаи дуоҳо ва мурочиатҳои ҳаррӯза ба Ӯ, ба воситаи итоат ба Ӯ. Сипас ман ба вуҷуд овардани робитаи падарӣ бо фарзандонро сар мекунам ва ба онҳо симои Падари моро ба воситаи зуҳуроти гуногун намоиш медиҳам, аз ҷумла:

## Намунаи ҳаёти мукаммал

Худованд ба Исроил намунаеро дод, то ба фарзандонамон ҳақиқатро омӯзонем, ҳангоме гуфт:

> *Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худои ягона аст. Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор. Ва ин суханон, ки имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар дили ту бошад* (Такрори Шариат 6:4-8).

Чуноне ки мебинед, Худо аниқ мегӯяд, ки агар мо арзишҳои библиявиро, ки ростқавлӣ, бе шубҳа, ба қатори онҳо дохил мешавад, ба фарзандонамон расонданӣ бошем, бояд ин арзишҳоро дар ҳаёти худ намуна созем. Пеш аз он ки суханони Ӯро ба дилу ақли фарзандонамон ҷой карданӣ шавем, аввал онҳо бояд дар дилҳои *мо* бошанд. Дар китоби худ „Алафҳои бегонаро канда партофта, ва ниҳолҳоро эҳтиёт карда“ [„Pulling Weeds, Planting Seeds“] муаллиф Дэннис Рэйни оиди падари худ чунин мегӯяд:

> Азбаски ман писари мутаассиршаванда будам, сифатҳои падари худро хеле бештар аз он чи ӯ гумон карда метавонист, ба худ қабул намудаам. Дар солҳои хатарноктарини наврасӣ ӯ барои ман намуна ва қаҳрамоне буд, ки ман ба ӯ хеле эҳтиёҷ доштам — ва имрӯз ҳам бароям ҳамин гуна аст. Ӯ бароям аҳамияти кори вазнин ва шодиро аз боиси вазифаи иҷрошуда ошкор намуд. Ӯ ба ман нигоҳ доштани ӯҳдадориҳои дарозмуддатро ёд дод. Ман ҳеҷ гоҳ наметарсидам, ки волидони ман метавонанд ҷудо шаванд. Падари ман ба модарам меҳри беандоза дошт. Ман худро боваринок ва ҳимояшуда ҳис мекардам.
>
> Аз ҳама муҳимаш он буд, ки ӯ ба ман чӣ будани хислатро нишон дод. Ӯ ҳамеша ба таври даркорӣ рафтор менамуд, ҳатто агар ҳеҷ кас ӯро мушоҳида накунад ҳам. Ман ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки ӯ оиди аз андозҳо пинҳон намудани даромадҳо гап зада бошад — ӯ ҳамеша андозҳоро месупорид ва дар ин бора норозигӣ изҳор наменамуд. Ӯ шахсияти мукаммал буд. Ман ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки ӯ дурӯғ гуфта бошад, ва чашмони ӯ ҳамеша дар ҷавоб ҳақиқати пурраро талаб мекарданд. Симои хаёлии хислати ӯ то ҳол ҳаёти имрӯзаи маро бо қувва таъмин менамояд.[4]

Ман маҳз ҳаминро мехоҳам. Ман мехоҳам, ки фарзандон дар ман симои Падарамро бинанд. Ин маънои онро дорад, ки агар ман нахоҳам, ки духтарам дуздӣ кунад, бояд дар кафе пули хӯрокро дуруст диҳам, ҳатто агар пешхизмат хато карда, кам ҳисоб карда бошад ҳам. Ин маънои онро дорад, ки агар ман нахоҳам, ки писарам дурӯғ гӯяд, набояд идеяи ҳамкори худро истифода бурда, ҳамчун идеяи худ қаламдод намоям. Ин маънои онро дорад, ки агар ман нахоҳам, ки фарзандони ман дурӯғ гӯянд, худам бояд ҳамеша рост гӯям, ҳатто агар ин хеле душвор бошад ва ё маро ба ҳолати ногувор мононда тавонад ҳам. Ва ба ғайр аз ин, ман бояд на танҳо ҳангоми дар наздам будани фарзандон чунин кунам, балки вақти набуданашон низ — зеро онҳо ҳамеша маро мушоҳида мекунанд, хоҳ инро донам ё надонам.

## Тарбияи ошкорой ва дастрас будан

Дӯстам Норм Уэйфилд оиди даврае нақл кард, ки писараш Ҷоэл чандин нохушиҳоро аз сар мегузаронд, ва сабабаш қарори бефикрона қабулкардаи ӯ буд. Боре онҳо якҷоя ба сайругашт рафтанд, ва Ҷоэл мушкилоти худро ба падар гуфт. Дар давоми нақл Норм воқеаеро аз ҳаёти худ ба ёд овард, ки вай низ ба ҳамин гуна ҳолате дучор шуд ва бефикрона амал намуда, оқибатҳои онро аз сар мегузаронд.

Норм воқеаи худро ба Ҷоэл нақл карда, ба ӯ ёрӣ дод, то бубинад, ки агарчи ба амалҳои писараш саҳлангорӣ карда наметавонад, рафтори писарашро аз баландии бегуноҳӣ доварӣ намекунад. Ростқавлӣ ва ошкоро будани Норм ба Ҷоэл имкон дод, то бубинад, ки падар мехоҳад на довар, балки дӯсти ӯ бошад. Ин Ҷоэлро ба ошкороии бештар рӯҳбаланд намуд ва ба Норм имкон дод, ки ба писараш дар ҳалли мушкилот ёрӣ диҳад.

Амалан дар фарзандон тарбия намудани бовиҷдонӣ аз мо талаб мекунад, ки дар назди онҳо бовиҷдон бошем. Пурсиши наврасони ба калисо меомада, ки ман дар аввали боб ба он истинод намудам, ошкор намуд, ки 37% наврасон гуфтанд, ки хеле кам ва ё *ҳеҷ нашунидаанд*, ки волидон ноҳақ буданашон ва ё нодурустии рафторашонро эътироф карда бошанд. Агар мо дар муносибат бо фарзандон ростқавл будан нахоҳем, ба фарзандон оиди зарурати ростқавлӣ гап задан маънои зиёд надорад. Бовар кунед, ман медонам, ки ноҳақ будани худро эътироф намудан хеле душвор мебошад, аммо агар мо фарзандони қадркунандаи шахсиятро тарбия карданӣ бошем, ин хеле даркор аст.

Ба наздикӣ ману занам бо фарзандон аз Калифорния ба Техас кӯчидем, ва духтари 15-солаам Кейти муддати зиёд аз ӯҳдаи паси сар кардани натиҷаҳои он намебаромад. Боре бегоҳӣ Кэйти мулоҳизаеро баён намуд, ки қисман мубoризаи дохилии ӯро ифода менамуд, ва ман хашмгин шуда, якчанд суханони дағалона гуфтам.

Ӯ ба ҳуҷраи худ рафт, ман ба ҳуҷраи хоби худ. Баъди 15 дақиқа Дотти маро бедор карда, гуфт: „Бояд аз Кейти бахшиш пурсӣ, ту бо суханонат ӯро сахт ранҷондӣ“.

Аз боиси хоҳиши сахти хоб доштанам (ва низ аз сабаби ғурур) ман фақат гуфтам: „Не, ман ин масъаларо пагоҳӣ ҳал мекунам“.

Аммо Дотти исрор менамуд: „Аммо ба ҳар ҳол ту бояд ҳозир ин корро кунӣ“.

Ман хестам, ба ҳуҷра назди духтарам рафтам ва аз ӯ бахшиш пурсидам. Ман иқрор шудам, ки ноҳақ будам, ки ба вай на ба таври даркорӣ ҷавоб додам, ва гуфтам, ки хеле афсӯс мехӯрам. Ман боварӣ дорам, ки ин лаҳзаҳои ростқавлии душвори ман барои муносибатҳоямон ва барои фаҳмиши ӯ оиди ростқавлӣ назар ба ҳама гуна амалҳои ман аҳамияти бештар доштанд.

Ҳангоме ки мо хашмгин мешавем, бояд ростқавлона дар назди Худо ва фарзандонамон иқрор шавем ва агар имкон бошад, вазъиятро ислоҳ карда, ба пеш ҳаракат кунем. Фарзандон инро эҳтиром мекунанд. Онҳо инро дар ёд нигоҳ медоранд. Ва ҳатто метавонанд дар оянда худашон ҳамин тавр рафтор кунанд.

## Тарбияи ростқавлӣ

Ҳангоме ки ман дар тамоми Амрико сафар карда, дар доираи маъракаи „Дурустро аз нодуруст фарқ кунон“ дар калисоҳо баромад мекардам, садҳо хонандагони мактабҳо ва коллеҷҳоро даъват менамудам, ки ба ақидаи ман ҳамроҳ шаванд. Дар назди аудитория истода, ман аз хонанда мепурсидам: „Оё ту масеҳӣ ҳастӣ?“

Бисёр вақт ҷавон „Ҳа“ мегуфт. Сипас мепурсидам, ки оё волидонат имон доранд?

Ва боз ҷавоб мусбат буд.

Баъд ман чунин савол медодам: „Фарз мекунем, ту ба вазъияте афтодаӣ, ки танҳо дурӯғ туро аз оқибатҳои нохуш халос карда метавонад. Оё ту дурӯғ мегуфтӣ?“

Ман дар ёд надорам, ки касе гуфта бошад, ки дурӯғ намегӯяд — ва ин дар пеши тамоми калисо буд! Ман дар коллеҷи асосии библиявӣ дар Канада будам ва боварӣ доштам, ки дар он ҷо натиҷаи баръаксро

пайдо мекунам. Аммо дар назди 3000 шунаванда писарак гуфт: „Ҳа, дурӯғ мегуфтам“ (ӯ ақаллан дар мавриди ноинсофии тахминшавандаи худ ростқавл буд).

Баъди он ки ҷавонон чунин эътироф карданд, ман пурсидани онҳоро давом медодам: „Оё волидон ба шумо ёд додаанд, ки дурӯғ гуфтан бад аст?“

„Ҳа“, — мегуфтанд онҳо.

„Хуб, — давом медодам ман, — онҳо чӣ гуна ба шумо ёд медоданд, ки дурӯғ гуфтан бад аст?“

Доимо чунин ҷавоб садо медод: „Онҳо ба ман мегуфтанд, ки дурӯғ гуфтан бад аст, зеро дар Китоби Муқаддас чунин навишта шудааст — «дурӯғ нагӯй»“.

Ва дар ин ҷо ман саволи муҳимтарини тамоми сӯҳбатро медодам: „Чаро дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки дурӯғ нагӯй?“ То ҳол ягон бор нашунидаам, ки касе ба ман ҷавоб дода бошад.

Шумо мебинед, чӣ шуда истодааст? Фарзандони мо аҳкомро медонанд, масалан „дурӯғ нагӯй“, аммо онҳо фақат ҳаминро медонанд. Онҳо худи ҳақиқатро намебинанд. Онҳо Он Касеро, ки ин ҳукмро додааст, намебинанд.

Ана барои чӣ ман боварӣ дорам, ки мо бояд ҳама гуна имкониятро истифода барем, то дар кӯдакон фаҳмиши аҳамиятнокии бовиҷдониро талқин намоем, ва ба онҳо фаҳмонем, ки ростқавлӣ барои он хуб аст, ки Худо бовиҷдон аст.

Масалан, шумо метавонед ахборро гӯш карда ва ё садо додани сигнализатсияи зидди duzдидани мошинро шунида, гӯед, ки агар ҳар кас чун Худованд бовиҷдон (ростқавл) мебуд, ҷаҳони мо то чӣ андоза аз ҳозира фарқ мекард (он гоҳ ба мо даркор намебуд, ки дарҳоро қуфл кунем, ашёҳоро бо занҷирҳо бандем ва ба мошинҳо сигнализатсияи зидди duzдидан монем). Чунин мавридҳо метавонанд фаҳмиши фарзандонро қавитар кунанд, ки Худо бовиҷдон ва пур аз ҳақиқат аст, ва ҳангоме ки мо худ бовиҷдон ҳастем, ба Ӯ эҳтироми худро зоҳир менамоем. Шумо ҳамчунин метавонед барои харидкунӣ баромаданҳои худро истифода баред, то ки фаҳмиши бовиҷдониро (ростқавлӣ) тақвият диҳед. Бигузор фарзандони хурдсол худашон пули харидро ба касса диҳанд ё ба автомати савдо тангаро партоянд, ва шумо дар ин ҳол кӯтоҳакак оиди беҳтарин тарзи рафтор будани бовиҷдонӣ (ростқавлӣ) гап мезанед. Бо фарзандони калонсолтар оиди онро муҳокима кунед, ки магазинҳо маҷбуранд зарари duzдиҳои хурдро бо баланд кардани нарх ҷуброн кунанд, ва чӣ гуна аз ин сабаб идеали бовиҷдонӣ зарар мебинад.

## Ҳавасманд намудани бовиҷдонӣ

Ҳангоме ки фарзандонамон хурдсол буданд, ману занам дарк намудем, ки мо бисёр вақт ҳангоми аксуламал ба баъзе вазъиятҳо бевиҷдониро (дурӯғгӯӣ) дар онҳо тарбия менамудем.

Масалан, агар мо ба ҳуҷра даромада яке аз фарзандон ва лампаи шикастаро медидем, мепурсидем: „Лампаро ту шикастӣ?“ Ё ҳангоме ба садои фарёди кӯдак давида рафта медидем, ки яке аз кӯдакон гиря мекунад ва дигаре ӯро ором карданӣ мешавад, мо қариб ҳамеша мепурсидем: „Ту хоҳаратро задӣ?“

Боре мо фаҳмидем, ки ҳангоми чунин муносибат ҷавоби ростқавлона додани фарзандон душвор аст. Мо гӯё чархаккҳои хурдеро, ки дар майнаи кӯдакон давр мезананд, дидем: *Ман ҷавоби ростқавлонаро ба ин савол медонам; ин ҷавоби ростқавлона ба ман нохушӣ меоварад; ман кӯшиш мекунам дурӯғ гӯям ва мебинам, ки оё ин ёрӣ медода бошад.*

Ба мо чунин намуд, ки чунин саволҳоро дода, мо дар кӯдакон бевиҷдониро (дурӯғгӯӣ) ҳавасманд менамоем. Ба онҳо лозим меомад, ки дурӯғ гӯянд. Бинобар ин мо қарор додем ба онҳо барои ҷавобҳои ростқавлона додан имкони бештар диҳем. Мо чунин мепурсидем: (ҷиддӣ, аммо на бо оҳанги хашм): „Ин лампаро ту шикастӣ, ҳамин тавр не?“ ё „Чаро ту хоҳаратро задӣ?“ Тактикаи пештараи мо боиси ноинсофӣ мешуд, усули нав бошад ростқавлиро ҳавасманд менамуд.

Дертар мо дигар роҳҳои ҳавасманд кардани бовиҷдониро ошкор намудем. Мо дарк кардем, ки танқид ва ҷанҷолҳо усулҳои беҳтарин нестанд. Мо бояд кӯшишҳои ба кӯдакон пешниҳод намудани рӯйхати тайёри қоидаҳо ва нишондодҳоро маҳдуд намоем. Гоҳ-гоҳ кӯдакон бояд хашмгинии моро аз беитоатии якравонаашон бинанд, аммо ин набояд зуд-зуд ба амал ояд ва бо суханони неке ки сифатҳо ва хусусиятҳои мусбати кӯдаконро қайд менамоянд, ҷуброн карда шавад.

## Мукофот барои бовиҷдонӣ

Солҳои аввали падарии маро хеле хуб ҳисобидан мумкин нест. Ман гумон мекардам, ки ӯҳдадории мо, волидон, асосан аз он иборат аст, ки кӯдаконро аз гуноҳ боздорем. Ман ба худ мегуфтам: „*Агар ман кӯдакро ҷазо надиҳам ва эрка (нозпарвард) кунам, ин ба Худо писанд намеояд*“. Ман бераҳм набудам, аммо солҳои аввал падари „хеле сахтгир“ будам. Ҳангоме ки онҳо хатоҳо содир мекарданд, ман

дарҳол таъна мекардам ва ҳангоми корҳои хуб карданашон таҳсин наменамудам.

Масалан, тасаввур мекунем, ки ман дар кабинети худ нишаста китоб менависам. Кор бо осонӣ пеш меравад ва ман калимаҳои даркориро зуд пайдо карда истодаам. Ин дам Дотти медарояд ва мегӯяд: „Азизам, Шон ҳозиракак аз мактаб омад, дар табел ҳамаи баҳоҳояш аъло мебошанд".

„Азизакам, ин хеле хуб аст, — шояд ҷавоб медодам ман, — ҳозир ман дар мобайни боб ҳастам. Ман бо ӯ ҳангоми хӯроки шом гап мезанам".

Ҳангоми хӯроки шом ман метавонистам табели ӯро ба ёд оварда, дар ин бора гап занам, аммо фаромӯш ҳам карда метавонистам. Аммо агар Дотти даромада чунин мегуфт: „Азизам, Шон ҳозир Кейтиро барои ба ҳуҷрааш даромадан зад", ман дарҳол рафта, ба таҳлили ин воқеа сар мекардам. Ногоҳ он бобе ки ман аз болои он меҳнат мекардам, аҳамиятнокии худро гум мекард. Ва ин масъаларо то хӯроки шом мавқуф гузоштан ғайриимкон метофт. Ман мебоист *дарҳол* ин масъаларо ҳал мекардам.

Имрӯз, ҳангоме ки ман дар тамоми кишвар назди наврасон баромад мекунам, метавонам баҳо диҳам, ки аз ҳар 20 наврас 15 нафарашон ба ман мегӯянд, ки дар хонаи онҳо маҳз ҳамин тавр аст. Агар онҳо рафтори бад кунанд, диққати волидонро хеле тезтар ҷалб мекунанд. Фақат ҳангоме ки духтарам 10-сола шуд, ман фаҳмидам, ки чӣ кор карда истодаам.

Боре ман китоберо бо номи „Менеҷери моҳир" [„One Minute Manager"] хондам. Муаллифон менеҷерҳоро даъват менамуданд, то ба тобеони худ чунон рафтор намоянд, ки „онҳоро ҳангоми ягон кореро дуруст анҷом доданашон дарёбанд", ва миннатдориву сипосгузории худро баён намоянд. Ин суханон ақидаи маро тамоман дигаргун намуд ва ман барои худ „шиори нави падарӣ"-ро гирифтам: „Кӯшиш кун, ки онҳоро ҳангоми ягон кореро дуруст анҷом доданашон дарёбӣ". Ҳангоме ман медидам, ки Келли вазифаи хонагиро иҷро мекунад, ман ба вай мегуфтам: „Офарин, ба ман маъқул аст, ки ту ба дарсҳо хуб тайёрӣ мебинӣ". Ҳангоме ман ба ҳуҷра даромада медидам, ки Кейти бозичаҳояшро мегундорад, мегуфтам: „Кейти, ман шодам, ки ту барои бозичаҳоят ғамхорӣ мекунӣ". Ин усул, ки аз дарёфтани кӯдакон ҳангоми ягон кори хуб карданашон иборат буд, ба муносибати ман бо онҳо таъсири зиёд расонд, ва ман гумон мекунам, ки ин кор рафтори мусбати онҳоро тақвият дод.

Хусусан ман мекӯшидам ин усулро нисбати зоҳир намудани бовиҷдонӣ амалӣ гардонам. Ман кӯшиш мекунам лаҳзаҳои ростқавлии фарзандонамро аз мадди назар дур нагирам, то ки онҳоро барои ин подош дода тавонам. Намоиши қаҳрамононаи ростқавлиро интизор шудан ҳатмӣ нест, ин метавонад фақат ба касса дуруст супурдани пул ва ё дарҳол баргардондани қарз бошад. Баъди чунин зуҳурот ман дар изҳори таҳсин ва подошҳо хасисӣ намекунам, масалан, иҷозати як соат дертар ба хоб рафтан ва ё „иловаҳо“ ба кисапулии ҳарҳафтаинаи онҳо. Фақат барои он ки бигӯям: „Ман ростқавлии (бовиҷдонӣ) туро қадр мекунам“.

## Шодӣ аз бовиҷдониро бо ҳам дида

Ман ҳамчунин ягон имкониятро барои он истифода мебарам, то ба фарзандонам вазъиятҳои гуногунеро нишон диҳам, ки бовиҷдонӣ ва мукаммалӣ моро ҳимоя мекунанд ва ба манфиати мо мебошанд. Ман мекӯшам нишон диҳам, ки меъёрҳои илоҳии покӣ чӣ гуна метавонанд ҳақиқатан натиҷаҳои беҳтарин дошта бошанд, ва дар айни ҳол ба одамон зарар нарасонанд ва онҳоро ақиб напартоянд.

Ман ба онҳо ёдрас мекунам, ки ҷавононе ки мувофиқи меъёрҳои бовиҷдонӣ рафтор мекунанд, аз бори айбдорӣ халос мешаванд; ҳангоме ки шумо бовиҷдон ҳастед, ба шумо лозим намеояд, ки доимо ба ақиб нигаред.

Ман кӯшиш мекунам ба фарзандонам он ҳақиқатро расонам, ки масеҳии ҷавоне ки „рост мегӯяд“, подошеро дар шакли „дастони пок ва дили пок“[5] дар назди Худованд мегирад.

Ман кӯшиш мекунам ба онҳо ёрӣ диҳам, ки одати бовиҷдонӣ метавонад шахсро аз хиҷолат ва нороҳатие ки дар мавриди ошкоршавии фиреб ба миён меоянд, ҳимоя кунад.

Ман кӯшиш мекунам ба фарзандонам ёрӣ расонам, то дарк кунанд, ки самарҳои аз фиреб ҳосилшуда ҳеҷу пуч ва кӯтоҳмуддат мебошанд, дар ҳоле ки ҳисси қаноатмандии аз боинсофӣ ҳосилшуда бардавом ва хурсандона аст.

Ва ман кӯшиш мекунам ба фарзандонам ёрӣ диҳам, то бубинанд, ки меъёрҳои илоҳии бовиҷдонӣ барои ба даст овардани эътибори шахсияти мукаммал мадад мерасонанд. „Номи нек беҳ аз сарвати бузург, — мегӯяд Китоби Муқаддас, — ва меҳрубонӣ беҳ аз нуқра ва тилло“ (Масалҳо 22:1).

Ман кӯшиш мекунам ба фарзандонам ёрӣ диҳам, то фаҳманд, ки меъёрҳои бовиҷдонӣ муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро ҳимоя

мекунанд ва ғанӣ мегардонанд. Худи асоси ҳамин гуна муносибатҳо бар боварӣ сохта мешавад, ва боварӣ наметавонад дар муҳити фиреб зинда монад. Унсури боварӣ ҳангоми бунёд намудани муносибатҳои байниҳамдигарии муваффақиятнок ва бардавом ногузир аст. Боварӣ ҳамчунин савгандҳои ҳамсарӣ, созишномаҳои кориро ҳамчун унсури пайвасткунанда ва тақвиятдиҳанда дастгирӣ мекунад. Ман мехоҳам, то фарзандонам пурра дарк намоянд, ки боварӣ сифати муносибатҳои онҳоро беҳтар ва ғанитар мегардонад ва он чиро, ки бо пул харидан ва бо роҳи бевиҷдонона ноил шудан ғайриимкон аст, таъмин менамояд.

## Ба фарзандон ёрӣ диҳед, то дар худ меъёрҳои бовиҷдониро тарбия намоянд

Ба фарзандон дар пайдо намудани меъёрҳои илоҳии бовиҷдонӣ ёрӣ додан бояд вазифаи афзалиятноки падаре гардад, ки Худо Падарро инъикос кардан мехоҳад. Фарзандони мо метавонанд арзишҳои илоҳиро дар ҳаёти мо бинанд ва бо боварӣ сухан гуфтани моро шунаванд, аммо то даме ки ин арзишҳоро дар худ тарбия накунанд, онҳо барои қарорҳои созишкорона таъсирпазир мемонанд.

Фарзандони мо метавонанд ҷавобҳои дурустро донанд, аммо рафтори нодуруст кунанд. Мақсади ман тарбияи *водоркунандаи дохилӣ* аст, ки фарзандони маро ба он таҳрик мекунад, ки Исои Масеҳро эҳтиром намоянд ва ҳаёти масъулиятшиносона, босамар ва ба дигарон бахшидашуда ба сар баранд, ки сарчашмааш муносибатҳо бо Ӯ ва итоати амалӣ ҳамчун натиҷаи ин муносибатҳост.

Тарбия намудани арзишҳо раванд аст. Он аз *маълумот* (хабар) сар мешавад. Ман вақти зиёдеро сарф намудам, то ба фарзандон маълумотро расонам — ба онҳо оиди бовиҷдонӣ, шодӣ аз он ва ғайра нақл намоям.

Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест.

*Амалҳо* бо ҳақиқат зинаи навбатии ин раванд мебошад. Ман ба фарзандонам пешниҳод мекунам, ки далелҳоро тафтиш кунанд, то бубинанд, ки оё онҳо ба ҳақиқат мувофиқат мекунанд ва чӣ гуна онҳо дар вазъиятҳои гуногун истифода мешаванд. Маҳз дар ҳамин ҷо, падарон, шумо метавонед фаъолона ба раванд ҳамроҳ шавед: бо кӯдак бофикрона, хайрхоҳона ва шавқмандона гап занед. Ба ӯ саволҳо диҳед ва ӯро водор намоед, ки худаш низ саволҳо диҳад. Нуқтаҳои назари нав, фактҳо ва ҳақиқатҳои навро ҷустуҷӯ намоед. Шумо инро на *барои* фарзандатон, балки *ҳамроҳи*

ӯ карда, ӯро сӯи пайдошавии ақидаҳо ва ташаккули асоси шахсият мебаред.

Зинаи сеюм, баъди пешкаш намудани маълумот ва ҳамкорӣ бо ҳақиқат, дар ҳаёт татбиқ намудани натиҷаҳои онҳо (маълумот ва ҳамкорӣ) мебошад. Яъне ман мекӯшам ба фарзандонам ёрӣ диҳам, то аз байни он чи ба онҳо ёд додаанд ва он чи худашон аз худ кардаанд, аз санҷишҳо ва таҷрибаҳо гузаранд. Ман мекӯшам ба онҳо ёрӣ диҳам, то барои пайравӣ ба ростӣ, ки онро омӯхтаанд ва дар *амал* санҷидаанд, воситаҳои амалӣ пайдо намоянд — ман ба онҳо чунин саволҳо медиҳам: „Ин дар ҳаёти ҳаррӯзаи ту чӣ гуна хоҳад буд?“ ё „Оё ин ба мошинронии ту, иҷрои корат ва ё ба муаллимон ҷавоб доданат таъсир расонда метавонад?“

Раванди тарбия инҳоро дар бар мегирад: 1) таъмини маълумот; 2) амалҳо бо ҳақиқат ба воситаи санҷишҳо, ва 3) амалҳо бо ҳақиқат дар кадом як вазъияти воқеӣ. Раванди тарбияи ҳақиқати Парвардигор тамоми умр давом мекунад. Ташаккули системаи арзишҳои инсон аз синни ҷавонӣ сар мешавад. Фарзандони хурдсолтар ба қадри кофӣ ақли болиғ надоранд, то идеяҳои абстрактиро қабул карда тавонанд. Агар падар намунаи меъёрҳои бовиҷдониро ба фарзандон дар синни хурдтар омӯзонад, онҳо ин захираҳоро дар худ нигоҳ медоранд, то дар оянда ба онҳо рӯ оваранд. Бо мурури калоншавӣ ва ба синни наврасӣ гузаштани фарзандон раванди ёрӣ ба онҳо барои дар худ тарбия намудани меъёрҳои илоҳии бовиҷдонӣ фаъолонатар мегардад.

Дар мавриди тарбия боз як принсипи муҳим ҳаст, ки мехостам ба шумо гӯям: ҳатмӣ нест, ки системаи арзишҳои фарзандон ба системаи арзишҳои мо пурра монанд бошад. *Охир, мо худро нусхабардорӣ карданӣ нестем-ку*. Ҳар як кӯдак шахсияти нотакрор ва махсус аст. Фарзандон метавонанд нисбати ин ё он чиз муносибати тамоман дигар дошта бошанд, дар соҳаҳои гуногун бештар лаёқатнок бошанд ва гоҳ-гоҳ бо шумо розӣ нашаванд, аммо бо вуҷуди ин дар мавриди арзишҳои хоси худ пайрави Китоби Муқаддас бошанд. Агар муносибатҳои онҳо бо Худованд асоси мустаҳкаме дошта бошанд, ки ба меъёрҳои аниқи Китоби Муқаддас мухолифат намекунанд, ба онҳо имкон диҳед, ки на ба монанди шумо фикр кунанд. Хушбахт аст он фарзанде ки волидонаш системаи арзишҳои ӯро (ё ақаллан ҳуқуқи доштани онро) эҳтиром менамоянд.

Ин ҳафт самти асосӣ — намунаи боинсофӣ, тарбияи ошкорой ва дастрас будан, тарбияи бовиҷдонӣ, ҳавасманд намудани бовиҷдонӣ, подош барои бовиҷдонӣ, бо ҳам дидани шодӣ ва лаҳзаҳои мусбати бовиҷдонӣ ва ёрӣ ба фарзандон дар реша давондани меъёрҳои илоҳии

бовиҷдонӣ — бо ёрии Худо, дар ташаккули чунон падаре ки шумо будан мехоҳед, ба бисёр чизҳо ноил шуда метавонанд.

Ин дастовардҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунон фарзандоне тарбия намоед, ки шахсиятҳои мукаммал хоҳанд буд ва обрӯи бовиҷдононаашон атрофиёнро водор хоҳад намуд, ки онҳоро иззату эҳтиром намоянд. Онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунон фарзандоне тарбия намоед, ки арзиши дастовардҳои бовиҷдонона ва беҳудагии дастовардҳои беинсофонаро медонанд. Онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунон фарзандоне тарбия намоед, ки аз оқибатҳои дурӯғ барканор мебошанд ва аз самарҳои боинсофӣ шод мешаванд. Онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунон фарзандоне тарбия намоед, ки ба онҳо боварӣ кардан мумкин аст.

Онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то фарзандоне тарбия намоед, ки инъикоскунандаи падари худ ва Падари мо мебошанд.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Фарзандони шумо ба саволҳое ки дар ин боб Ҷош ба Келли медод, чӣ гуна ҷавоб дода метавонистанд? Дар ин ҳафта вақтеро ба нақша гиред, то ин саволҳоро ба ҳар яки фарзандонатон диҳед, ва ин саволҳоро барои ба фаҳмиши Худо чун сарчашмаи ҳақиқат равона кардани фарзандон истифода баред.

2. Шумо чӣ мекунед, то барои фарзандонатон намунаи мукаммалиро нишон диҳед? Оё соҳаҳое ҳастанд, ки шумо дар онҳо на он қадар бовиҷдон ҳастед (бовиҷдонона ҷавоб диҳед!)? Дар ин соҳаҳо чиро бояд дигаргун намоед? Муфассал ҷавоб диҳед.

3.* Ақаллан як ҷумларо аз қисми „Тарбияи бовиҷдонӣ“ интихоб намуда, онро ҳамин ҳафта амалӣ гардонед, то дар фарзандонатон фаҳмиши онро инкишоф ё тақвият диҳед, ки боинсофӣ дар асл тарзи беҳтарини рафтор аст.

4.* Дар ҳамин ҳафта кӯшиш кунед, то ҳар яки фарзандонатонро ҳангоми рафтори бовиҷдонона карданашон дарёбед, ва ин имкониятро барои изҳори шодӣ барои он ва подош додан барои бовиҷдонӣ истифода баред.

5. Ин ҷумлаҳоро ба анҷом расонед:
Боре ман аз боиси рафтори бевиҷдононаам ба нохушӣ гирифтор шудам, ҳангоме ки..............................................................................

Боре ман аз боиси рафтори бовиҷдононаам подоши нек ба даст овардам, ҳангоме ки..........................................................................

Ба он омода бошед, ки агар имконият шавад, хотираҳоятонро оиди вазъиятҳое ки дар боло зикр кардед, ростқавлона ва ошкоро ба фарзандон ҳамчун намунаи оқибатҳои дурӯғ ва подош барои бовиҷдонӣ нақл кунед.




# Падаре ки сазовори боварӣ аст

Дар филми Стивен Спилберг „Чангак“, ки варианти ҳозиразамони афсона оиди Питер Пэн мебошад, як саҳнае ҳаст, ки ба тори ҳассоси дилҳои кӯдакон даст мерасонад.

Питер Бэннинг, ки нақши ӯро Робби Вилямс мебозад, соҳибкори бомуваффақият буда, вазифаҳои бисёр дорад. Як рӯз пеш аз сафари аҳли оилааш ба Англия, бегоҳӣ Питер ба занги телефонии хеле муҳим ҷавоб медиҳад; ӯ вохӯрии ниҳоят муҳими кориро ба пагоҳ таъин мекунад; худи ҳамон пагоҳ дастаи бейсболе ки писараш дар он бозӣ мекунад, бозии финалӣ ва муҳимтарини мавсимро дорад.

Писараш Ҷек ба ӯ рӯ оварда, ин бозиро ёдрас мекунад.

„Ман албатта меоям, — мегӯяд падар, зеро гумон мекунад, ки вохӯрии корӣ дер давом намекунад, — қавли ман чун оҳан аст (қатъист)“.

Пагоҳӣ ҳангоме ки вохӯрии корӣ тӯл мекашад, ӯ ба стадион яке аз тобеони худро бо видеокамера мефиристад, то ки ӯ бозии писарашро дида, „ҳамаи он чиро ки вай надида мемонад“, ба навор гирад.

Ин шахс ба майдони варзишӣ вақте меояд, ки Ҷек ба охирин баргардондани тӯб тайёрӣ мебинад. Писарак ба сӯи тамошобинон нигариста, падарашро ёфтанӣ мешавад, аммо ба ҷои ӯ шахси бегонаеро мебинад, ки видеокамера дар даст назди модараш нишастааст. Қиёфаи Ҷек аз дилмондагӣ тира мегардад, вай ба бозингари тӯбдиҳанда рӯ меоварад ва тӯбро ба аут зада мегардонад.

Питер дертар ба парк меояд. Мошин меистад, ӯ ба баландӣ ба майдончае ки аз он ҷо стадион намоён аст, давида меравад. Майдони бейсбол холӣ аст. Ҳама ба хонаҳояшон рафтаанд.

Бегоҳии ҳамон рӯз аҳли оила ба ҳавопаймо нишаста, ба Лондон раҳсипор мешаванд, ва ҳангоме ки ҳавопаймо ба ҳаво баланд

мешавад, духтараш ба Питер суратеро нишон медиҳад.

„Нигоҳ кун, Ҷек чӣ сурате кашидааст“, — мегӯяд ӯ. Ӯ варақеро нишон медиҳад, ки дар он ҳавопаймои сӯхта ба океан афтидаистода тасвир шудааст. Дар назди он чор кас тасвир ёфтаанд, ки аз ҳавопаймои сӯхтаистода ҷаста берун шудаанд. Фақат се нафари онҳо парашют доранд.

Питер назди писараш, ки тӯби бейсболро ба бағоҷдони болои сараш партофта даст мегирифт, менишинад.

„Ҷеки, чаро ман парашют надорам?“ — мепурсад Питер.

„Худат фикр карда ёб“, — ҷавоб медиҳад писараш.

Баъди якчанд дақиқа Питер мегӯяд: „Ҷек, дар мавсими навбатӣ ман ба шаш бозии дастаи шумоён меоям“.

„Бисёртар навори видео хариданро фаромӯш накун“, — бо талхӣ ҷавоб медиҳад писараш.

„Ман ваъда медиҳам, — исрор мекунад падараш, — сухани ман чун оҳан (қатъист)“.

„Аҳа, — мегӯяд Ҷек, — аммо ин оҳан зангзада аст“.

Ин саҳнаҳо изтироби талхро бедор менамоянд, зеро ба бисёр падарон, писарон ва духтарон шиносанд. Бисёр падароне ҳастанд, ки фарзандонашонро дӯст медоранд, аммо ба ваъдаҳояшон вафо намекунанд. Бисёр падароне ҳастанд, ки фарзандонашонро дилмонда мекунанд. Бисёр падароне ҳастанд, ки ваъдаҳо дода, онҳоро иҷро намекунанд ва дар фарзандон ҳисси талхӣ ва ноумедиро бедор мекунанд. Ва бисёр фарзандоне ҳастанд, ки умедҳои барбодрафта ва дилшикастагиҳои аз боиси ваъдахилофӣ пайдошуда ба онҳо шиносанд.

Ман чунин падар будан намехоҳам. Ман ваъдаҳои ба фарзандонам додаамро ба ҷо овардан мехоҳам. Ман мехоҳам, ки онҳо ба ман боварӣ дошта бошанд. Ман мехоҳам, ки онҳо ба сухани ман бовар карда тавонанд. Ман мехоҳам, то онҳо бинанд, ки падарашон ҳамеша ба ваъдааш вафо мекунад, ӯ шахсест, ки гуфтаашро ба ҷо меоварад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари ман ҳаст.

## Падари сазовори боварӣ

Ба Худо комилан боварӣ кардан мумкин аст, ки Ӯ ба ваъдаҳояш вафо мекунад. Ин метавонад чун сухани забонзада садо диҳад, аммо ин асоси бунёдии консепсияи солими Худо — ва консепсияи солими падарӣ мебошад. Падари мо ваъдаҳояшро ба таври беназир иҷро менамояд. Вафодорӣ ва ростқавлӣ аз худи табиати Ӯ бармеоянд:

*Эҳсонҳои Худованд поён надорад, ва марҳаматҳои Ӯ беинтиҳост; онҳо ҳар субҳ аз нав зоҳир мешаванд: вафои Ту бузург аст. „Худованд насибаи ман аст, — мегӯяд ҷони ман, — бинобар ин ба Ӯ умедвор хоҳам буд“* (Навҳаҳои Ирмиё 3:22-24).

*Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ „оре“ буд ва дар Ӯ „омин“ буд, — барои ҷалоли Худо ба воситаи мо* (2Қӯринтиён 1:20).

*Ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд* (Филиппиён 1:6).

Худованд ҳар як ваъдаи Худро ба ҷо меоварад. Муносибатҳои мо бо Падар дар имон ва боварӣ асос ёфтаанд. Подшоҳ Довуд, ки қисми зиёди ҳаёташро дар ҷангҳо ва муҳорибаҳо гузарондааст, ба чӣ бовар карданро медонист: „Баъзеҳо аробаҳоро ва баъзеҳо аспҳоро, вале мо исми Худованд Худои худро зикр менамоем“ — навишта буд ӯ (Забур 19:8). Довуд медонист, ки ба Падари ӯ таваккал кардан мумкин аст. Ӯ бовар дошт, ки Падараш ҳамеша гуфтаашро ба ҷо меоварад.

Мо, чун Довуд, метавонем ба Худо боварӣ кунем, зеро ӯ ҳамеша сазовори боварист. Ҳатто ҳангоме ки мо худамон ваъдаҳои ба Ӯ додаамонро вайрон мекунем, Ӯ чун пештара моро дӯст медорад ва ваъдаҳои ба мо додаашро ба ҷо меоварад. „[Ҳатто] агар мо бевафо бошем, Ӯ вафодор аст, зеро ки Худро инкор карда наметавонад“ (2Тимотиюс 2:13). Дигар хел карда гӯем, вафодорӣ ва боварӣ қисми ҷудоинопазири табиати Худост. Ӯ дигар хел буда наметавонад, зеро дар ҳолати баръакс ин хилофи моҳияти Ӯ мебуд ва маънои инкор кардани Худро медошт.

Ман маҳз ҳамин гуна падар будан мехоҳам. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки ба ваъдаҳояш вафо мекунад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки сазовори боварии фарзандон аст. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки ба боварии фарзандон сазовор будани худро исбот менамояд. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки ҳамеша гуфтаашро ба ҷо меоварад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонаш дар натиҷаи таъсири падар сазовори дилпурӣ ва боварӣ мешаванд.

Ман мефаҳмам, ки бисёр чиз мехоҳам. Ман ҳамчунин дарк мекунам, ки ин вазифаро пурра ба ҷо оварда наметавонам. Аммо Падари

ман метавонад, ва ҳар қадар бештар ба Ӯ таваккал намуда, ҳар рӯз бо роҳи Ӯ рафтанӣ шавам, ҳамон қадар бештар дар соҳаҳои зерин ба Ӯ монанд мешавам:

## Ваъдаҳоро ҷиддӣ ҳисобидан

Бисёриҳо хато содир намуда, фақат аз он сабаб ваъдахилофӣ мекунанд, ки наметавонанд дарк намоянд, ки фарзандон ваъдаҳои моро то чӣ андоза ҷиддӣ қабул менамоянд. Мо пурра намефаҳмем, ки ваъдаҳои мо — ҳам гуфта ва ҳам нагуфтаамон — ба писарон ва духтаронамон то чӣ андоза муҳиманд. Мо он таъсири дарозмуддатеро, ки ваъдаҳои иҷронакардаи мо (ва иҷрокардаи мо низ) ба фарзандонамон доранд, намебинем.

Доктор Ҷеймс Л. Шеллер дар китоби худ „Дар ҷустуҷӯи падарии гумшуда“ [„Search for Lost Fathering“] оиди шахсе нақл мекунад, ки як рӯзи дарозро ҳамроҳи писараш бо моҳидорӣ гузаронд. Бегоҳии ҳамон рӯз падар — одами бонуфуз ва яке аз шахсони қудратманди ин ҷаҳон — дар дафтари хотираи худаш навишт: „Имрӯз ҳамроҳи писарам ба моҳидорӣ рафтам. Рӯз беҳуда сарф шуд“. Писараш низ дафтари хотирае дошт ва ҳамчунин баъди аз моҳидорӣ баргаштан фикрҳояшро сабт намуд. Аммо ақидаи ӯ оиди ин рӯз аз ақидаи падар тамоман фарқ дошт. Ӯ чунин навишт: „Имрӯз ҳамроҳи падарам ба моҳигирӣ рафтем — имрӯз беҳтарин рӯзи ҳаёти ман аст“.[1]

Аз афташ, ин падар оиди андозаи нуфузи худ тасаввуроте надошт, зеро ба воқеот аз нуқтаи назари писараш нигариста наметавонист.

Ман тадриҷан фаҳмидам, ки агар ба воқеаҳо бо чашмони фарзандон нигарам, муҳимияти ваъдаҳои ман хеле зиёд мешавад. Ҳангоме ки ман ба ашёҳо бо чашмони фарзандонам менигарам, мебинам, ки ваъдаи иҷронакардаи ман барои онҳо чӣ гуна метобад. Ин чунин намуд дорад: „Падарам бисёр корҳои муҳимтар дорад, ки дар бораи онҳо ғамхорӣ кардан меарзад“, ё „Ба падарам шавқовар нест, ки ман бо чӣ кор машғул ҳастам“, ё „Ман он қадар аҳамиятнок нестам“, ё „Шояд, ман на он қадар хуб ҳастам“.

Аз ин нуқтаи назар ба осонӣ дидан мумкин аст, ки ваъдаҳои мо чӣ қадар муҳиманд ва то чӣ андоза мо бояд ба ваъдаҳоямон ҷиддӣ муносибат намоем.

## Иҷро намудани ваъдаҳои ба фарзандон додашуда

Гуфтан осон аст, ки мо бояд ваъдаҳои ба фарзандон додаамонро иҷро намоем. Ҳамаи мо мехоҳем маҳз ҳамин тавр рафтор намоем. Аммо дар асл ҳама чиз метавонад ба таври дигар воқеъ шавад.

Ман кайҳо дарк кардаам, ки ҳангоме ба ҳаёти худ менигарам, онро дар асоси мақсадҳои худ баҳо медиҳам — агарчи ин бо муҳокимаронихое ки дар дастовардҳо асос ёфтаанд, тамоман як нест. Чуноне ки касе гуфтааст, роҳ сӯи як макони гарм ва на он қадар хуш бо мақсадҳои нек ҳамвор карда шудааст. Аммо фарзандонам маро на аз рӯи мақсадҳоям, балки аз рӯи амалҳо ва то чӣ андоза ба мақсадҳо мувофиқ будани онҳо баҳо медиҳанд. Барои онҳо аҳамияти калоне нахоҳад дошт, ки ман *мақсад* дорам бо фарзандон вақт гузаронам, агар онро амалӣ нагардонам. Барои онҳо аҳамияти калоне нахоҳад дошт, ки ман *мақсад* дорам ба ваъдаъҳоям вафо кунам, агар дар асл чунин накунам.

Дар мавриди иҷрои ваъдаҳо бароям дарки он чиз муфид буд, ки ман ду намуд ваъдаҳо медиҳам: гуфта ва нагуфта (дар назар доштташуда), ва ҳар қадар бештар ман ваъдаҳои нагуфтаро ба гуфта табдил диҳам, ҳамон қадар бештар ба худ ва ба фарзандон ёрӣ мерасонам.

Масалан, ба қатори баъзе ваъдаҳои дар назар доштташудаи ман, ки аз факти падар будани ман бармеоянд, инҳо дохил мешаванд: ваъдаи дӯст доштани фарзандони худ, аз ҳар гуна осеб ҳимоя намудани онҳо, қонеъ гардондани талаботҳои табиии онҳо, ба онҳо додани донишҳо ва насиҳатҳое ки барои одамони калонсоли солим шудани онҳо даркоранд. Дар бисёрии оилаҳо ҳамин гуна ваъдаҳо дар назар дошта шудаанд: онҳоро ба ҷо меоваранд.

Аммо ман саъй намудам ин ваъдаҳои дар назар доштташударо гуфташуда[2] гардонам. Ман ба фарзандонам гуфтам, ки нисбати онҳо маҳз ҳамин гуна рафтор хоҳам намуд ва якчанд ваъдаҳои гуфташударо илова кардам, аз ҷумла: „Ман ваъда медиҳам, ки ҳамеша шуморо аз кори худ авлотар донам“ ва „Ман ваъда медиҳам, ки ҳамеша ба шунидани шумо тайёр хоҳам буд, агар ногоҳ дар шумо мушкилоте пайдо шаванд, ки оиди онҳо бо ман гап заданатон даркор аст“. Аммо ҳангоми кӯшишҳои ба гуфташуда табдил додани ваъдаҳои нагуфта ман бисёр чизҳоеро оиди он фармидам, ки фарзандон дар асл аз ман чиро интизоранд. Масалан, ман фаҳмидам, ки мувофиқи ақидаи фарзандон, ваъдаи ҳимоя кардани онҳо,

шикоят накардан аз онҳо ва дар назари дигар калонсолон сиёҳ накардани онҳоро дар бар мегирад. Ин ақида пурра оқилона аст, ва ман ният дорам ба ин гуна ваъда вафо кунам. Дар айни замон ман аз фурсат истифода бурда, ваъдаҳои худро ба фарзандон фаҳмондам. Масалан, ман фаҳмондам, ки ваъдаи қонеъ гардондани талаботҳои табиии онҳо дар назар надорад, ки ман ҳама корро мекунам, то онҳо ҳамқадами мӯди тағйирёбанда шуда тавонанд ва ё дар пурра намудани ҷевони либосҳои худ бо дӯстон мусобиқа кунанд.

Падаре ки ваъдаҳои худро ба фарзандон мефаҳмонад ва худро ба иҷрои пайдарпайи онҳо мебахшад, ба фарзандонаш тӯҳфаи бебаҳо пешкаш менамояд — чунон падареро, ки ба ӯ такя кардан ва боварӣ намудан мумкин аст.

## Ба ҷо овардани ваъдаҳои ба Худо додашуда

Муносибатҳои байниҳамдигарии падар ва Худоро мушоҳида намуда, фарзандон дар баробари чизҳои дигар боз ду чизро мефаҳманд: оё ба Худо боварӣ кардан мумкин аст ва оё ба падар боварӣ кардан мумкин аст.

Агар фарзандонам бинанд, ки ман на ба Худованди шоистаи боварӣ, балки ба пулҳои худ дар бонк, ба кори хуб, ё ба ягон чизи дигар боварӣ дорам, онҳо метавонанд хулоса бароранд, ки ба Худо боварӣ кардан мумкин нест. Ва баръакс, агар онҳо бинанд, ки ман худро ва оилаи худро ба ғамхории Худованд месупорам, ба қувват ва тавоноии Ӯ таваккал мекунам, ва ба ваъдаҳои Ӯ бовар мекунам, пас, имконияти бештар ҳаст, ки онҳо ба дарки сазовори боварӣ будани Худо меоянд.

Фарзандон ҳамчунин аз муносибатҳои ман бо Худованд метавонанд маълумотро оиди он гиранд, ки оё худи ман сазовори боварӣ ҳастам ё не. Агар фарзандон бинанд, ки ман ба ваъдаҳои ба Худо додаам беаҳамиятӣ мекунам, ё қавлҳои ба Ӯ додаамро вайрон мекунам, онҳо шубҳа мекунанд, ки оё ба ман боварӣ кардан мумкин аст ё не. Агар ман доимо ба Худо ваъда дода, онҳоро вайрон кунам, фарзандон муносибатҳои байниҳамдигарии хубро интизор нахоҳанд шуд. Ва дар натиҷа вайроншавии боварӣ байни ман ва фарзандон сар мешавад.

Албатта, ман тамоман инро намехоҳам ва гумон мекунам, ки шумо низ намехоҳед. Ман мехоҳам, ки фарзандонам маро ҳамеша иҷрокунандаи ваъдаҳои ба Худо додашуда бинанд, аз рӯи эҳсони Ӯ:

*Ба Худованд чӣ подош диҳам барои ҳамаи некиҳое ки ба ман кардааст? Назрҳоямро ба Худо адо хоҳам кард, пеши тамоми қавми Ӯ* (Забур 115:3,5).

Ман мехоҳам қавлҳои худро ба Худованд дар пеши тамоми халқ, аз ҷумла дар пеши фарзандонам, адо намоям.

## Вафо кардан ба ваъдаҳое ки ба дигар одамон дода шудаанд

Дӯстам ба ман оиди воқеае нақл кард, ки бо писараш Ҷордан, хонандаи синфи панҷ, рӯй дода буд. Ин воқеа ба ман ёдрас намуд, ки вафо намудан ба ваъдаҳои ба дигарон додашуда барои фарзандонам хеле муҳиманд. Дар вақти тасвиршаванда ду нафар дӯстони Ҷордан аз ҷудошавии волидонашон андӯҳгин буданд.

Боре бегоҳӣ, пас аз он ки писарак ба ҳуҷраи хоб рафт, волидонаш мунозираи сахтеро оғоз намуданд. Онҳо солҳои дароз кӯшиш мекарданд, ки дар пеши назари фарзандон баҳсу мунозира накунанд, аммо ин дафъа онҳо намедонистанд, ки писарак ҳанӯз бедор аст ва ҳама чизро хуб мешунавад. Дар байни баҳсу мунозира модар ба ақиб нигариста, дид, ки писараш дар остонаи ҳуҷраи хоби волидон нишаста, гиря мекунад.

Падару модар дарҳол баҳсу мунозираро бас карданд. Падар писарро ба дастонаш бардошт ва пурсид: „Ҷордан, ту ягон хоби даҳшатнок дидӣ?“

Ҷордан гирякунон бо душворӣ пурсид: „Падар, шумоён кай аз ҳам ҷудо шудан мехоҳед?“

„Ту аз чӣ хулоса баровардӣ, ки мо аз ҳам ҷудо мешавем?“

„Ҷон ва Ҷеймс мегуфтанд, ки волидонашон бисёр вақт баҳсу ҷидолҳо мекунанд, — гуфт писарак, ва дар чеҳраи ӯ ифодаи тарс буд, — акнун бошад шумоён бо ҳам баҳсу ҷидол мекунед“.

Дар ин лаҳза падару модар дарҳол ба худ омаданд ва хашми онҳо нопадид гардид. Онҳо ин вазъиятро истифода бурда, ба Ҷордан гуфтанд, ки никоҳ ва оилаи онҳо барояшон аҳамияти калон доранд. Онҳо ба вай гуфтанд, ки якдигарро дӯст медоранд ва ҳангоми оиладоршавӣ онҳо ба якдигар ваъдаҳои муайян додаанд ва онҳоро иҷро карда мехоҳанд.

Падаре ки ваъдаҳои ба занаш, ба дӯстон ё ба шарикони кории худ додаашро иҷро намекунад, ҳангоми дар писар ё духтари худ тарбия намудани боварӣ бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад. Аммо падаре ки

ваъдаҳои ба дигарон додаашро ба ҷо меоварад, рӯҳияи бовариро дар байни атрофиён ва дар фарзандони худ нигоҳдорӣ хоҳад намуд.

## ҶАВОБГАРИРО БА ДӮШ ГИРИФТАН

Ман бисёр волидонро ҳайрон мекунам, ҳангоме ба онҳо маслиҳат медиҳам, ки ҷавобгариро дар назди фарзандонашон... ба дӯш гиранд.

Бисёрии волидон пешниҳоди маро андаке радикалӣ, ва шояд ҳатто вайронкунанда хоҳанд ҳисобид. Онҳо ба ман чунин хоҳанд нигарист, ки гӯё ман забонамро ба онҳо нишон додаам ё дар пеши биниам дастонамро ҷунбондаам. Ба ғайр аз ин, дар назар дошта мешавад, ки фарзандон бояд дар назди волидон ҳисобот диҳанд, на баръакс.

Аммо ман самимона боварӣ дорам, ки дар назди фарзандон ҷавобгариро ба дӯш гирифтан яке аз усулҳои саарабахши иҷро намудани ваъдаҳо ва барпо намудани боварӣ байни падару фарзанд мебошад. Не, албатта, ман намехоҳам фарзандонатонро аз шумо боло гузорам — ман тамоман ин мақсадро надорам. Бо вуҷуди ин ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ба қадри кофӣ босабр ва фурӯтан бошед, ва ба фарзандон имкон диҳед, ки ҳангоме ваъдаи додаатонро ба ҷо наовардед, шуморо „ба ҷавобгарӣ кашанд“.

Ҳангоме ки Келли ҳафтсола шуд, ман дар табрикномаи бахшида ба зодрӯзаш муроҷиате навиштам:

> Азизам Келли, ман туро хеле дӯст медорам. Падари ту будан бароям хеле шодибахш аст, аммо оё медонӣ, дар ин сол ман аз ту ёрӣ пурсидан мехоҳам. Ман то ҳол ҳеҷ гоҳ падари духтарчаи ҳафтсола набудам. Ва ман мехоҳам, ки бароят дӯсти беҳтарин бошам. Ва агар ту ягон вақт ҳис кунӣ, ки ман ягон кореро нодуруст мекунам ё бевиҷдонона рафтор менамоям, илтимос, ба ман дар ин бора бигӯй.

Барои Шон, Кейт ва Ҳезер низ ман айнан ҳамин корро кардам — барои ҳама бо навбат. Ман мекӯшидам дар пеши ҳар яки фарзандонам ҷавобгарӣ дошта бошам. Фарзандон дар иҷро намудани ваъдаҳоям ба ман дастгирӣ ва ёрии худро изҳор доштанд, ва онҳо чор маслиҳатчии муҳими ман шуданд.

Албатта, дар назди фарзандон ҷавобгарӣ доштан на ҳамеша хуш буда метавонад. Масалан, боре ҳангоме ки духтарам Кейти даҳсола

буд, вай ҳангоми аз сафари навбатӣ баргаштанам гуфт: „Падар, ту нисбати ман бевиҷдонона рафтор мекунӣ!“

Бояд гуфт, ки яке аз ваъдаҳое ки ман ҳамеша ба ҷо овардан мехоҳам, ваъдаи бо фарзандон бовиҷдон будан аст. Бинобар ин ман гуфтам: „Ту чиро дар назар дорӣ, азизам?“

„Ҳангоме ки ту аз сафарҳо ба хона бармегардӣ, — гуфт вай, — ту Келли Шон ва Ҳезерро ҳамроҳат ба кафе мебарӣ, аммо маро не“.

„Наход?“ — пурсидам ман. Ин изҳори Кейти барои ман тамоман ғайричашмдошт буд.

„Ҳа!“- гуфт вай бо оҳанги қатъӣ. Баъд ваҷоҳати ӯ андаке нарм шуд, ва ӯ пурсид: „Ту имрӯз маро ҳамроҳат ба кафе мебарӣ?“

Албатта, дар он рӯз ман ва духтари даҳсолаам дар кафе хӯрок хӯрдем. Натиҷаи дар пеши духтари худ ҷавобгарӣ доштанам он буд, ки вай ба ман имкон дод, то хатои худро фаҳмам, ва имконияти ислоҳ кардани онро дод.

Маънои пешниҳоди ҷавобгар будан маҳз дар ҳамин аст. Ба ҷо овардани ваъдаҳои ба фарзандон додаамон кори осон нест; агар ин осон мебуд, шояд бисёрии мо ҳамин тавр ҳам мекарданд, магар не? Ин вазифаест, ки бе шубҳа ёрии Худовандро металабад. Фарзандонамон низ дар ин кор ба мо ёрӣ дода метавонанд. Ва бовар кунед, агар ба онҳо чунин имконият ва масъулият дода шавад, онҳо бо хушнудӣ онро истифода мебаранд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло на танҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то чунон падаре бошед, ки сазовори бовари фарзандон буда, ҳамеша гуфтаашро иҷро мекунад. Ин идеяҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то фарзандонро чунон тарбия кунед, ки ба онҳо боварӣ кардан мумкин бошад, ва онҳо ба шарофати таъсири шумо вафодор ва боварибахш шаванд. Бо ёрии рӯ овардани шумо ба Рӯҳулқудси Парвардигор ва мунтазам дар ҳаёт татбиқ намудани идеяҳои пешниҳодшуда фарзандон метавонанд худашон ҳамеша ба ваъдаҳояшон вафо кунанд ва дар оянда чунон калонсолоне шаванд, ки ба сухан ва ваъдаҳояшон бовар кардан мумкин аст.

## Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Кай бори охир ба шумо лозим омад, ки ваъдаи ба яке аз фарзандон додаатонро ба ҷо наоваред? (Агар шумо ба ёд оварда натавонед, аз фарзандон пурсед!) Шумо чӣ фикр доред, ин ваъдахилофӣ ба фарзандатон чӣ таъсире расонд? (Агар надонед, аз ӯ пурсед!)

2. Сатрҳои зеринро (ё вараҷи алоҳидаро) барои тартиб додани рӯйхати ваъдаҳои дар назар дошташуда (нагуфта), ки ба фарзандон додаед, истифода баред:

..........................................................................................

..........................................................................................

..........................................................................................

3. Кадоме аз ваъдаҳои нагуфтаро, ки дар боло зикр шудаанд, шумо бояд ба гуфташуда табдил диҳед?

4.* Сатрҳои зеринро (ё вараҷи алоҳидаро) барои тартиб додани рӯйхати ваъдаҳои гуфташуда, ки ба фарзандон додаед, истифода баред:

..........................................................................................

..........................................................................................

..........................................................................................

5.* Дар ин ҳафта ҳисоботро дар пеши фарзандон ба нақша гиред. Шумо инро чӣ тавр мекунед? (Вариантҳо: бо ҳар яки онҳо алоҳида гуфтугӯ кунед; ҳамаашонро ҷамъ кунед ва якҷоя гуфтугӯ кунед; ба ҳар яки онҳо хатча нависед, ки ёрӣ доданро дар иҷро намудани ваъдаҳоятон иҷозат диҳад.)

# Падаре ки тасалло медиҳад ва дастгирӣ менамояд




Эймии чордаҳсола бори аввал рӯй додани инро ба ёд меоварад. Вай панҷсола буд.

Нисфишабӣ вай аз садои раъду барқ, ки дар берун талотум мекард, бедор шуд. Духтарак аз торикӣ ва ғурриши раъд тарсид, ва гирён давида ба ҳуҷраи хоби волидон рафт. Вай ба кати волидон наздик шуда, оҳиста модарро ҷеғ зад. Аммо пеш аз он ки модар ҷавоб диҳад, падар бедор шуд.

„Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — аз он ки ӯро бедор кардаанд, оташин шуда, пурсид вай, — ба ҳуҷраат баргард“.

„Охир, ман метарсам, дада“, — ҷавоб дод духтарак ва сахттар гирист.

„Шунидан ҳам намехоҳам. Ту аллакай духтараки калон шудаӣ, ва акнун бояд ба таври мувофиқ рафтор намоӣ“. Эйми ба модар, ки дар ҷойгаҳ нишаста ба фарш чашм дӯхта буд, илтиҷоомез нигарист.

„Ту маро шунидӣ? — дод зад падар, чунон ки Эйми як қад парид. — Ман гуфтам, ки ба ҷойгаҳат баргард. Ва дигар моро безобита накун“.

Эйми аз ҳуҷраи хоби волидон ба ҳуҷраи ванна рафт. Дар он ҷо вай чароғро гиронд, дарро аз ақиб баст ва аз ҳар як ғурриши раъд қад парида, тамоми шаб дар ванна нишаст. Ин ҳолат боз якчанд бор такрор шуд, то Эйми фаҳмид, ки тасаллои падарро интизор шудан бефоида аст. Духтарак то даҳсолагӣ тамоми шабҳои бӯрони-ро дар ҳуҷраи ванна бо чароғи гиронда ва дари баста мегузаронд.

Аз ҳама бадтараш он мебошад, ки ин қиссаи ҳақиқӣ аст. Аз он дам духтарак аз раъду барқ наметарсад, аммо чун пештара аз набудани тасалло ва дастгирии падари худ азоб мекашад.

Натиҷаҳои ин харобиовар буда метавонанд. Мувофиқи гуфтаҳои

доктор Дэвид Фергюсон ва доктор Дон МакМинн аз Маркази омӯзиши оила ва никоҳ шахсе ки талаботаш ба тасалло ва дастгирӣ қонеъ нашудааст, бо эҳтимоли бештар худро маъюс, танҳо, хастадил ва шармгин ҳис мекунад. Чунин шахс ба бетартибӣ, тарс аз нокомӣ, хастагӣ аз ҳаёт ва тамоюли савдой-маҷбурӣ бештар дода мешавад.

Ба ҳисси беҳимоятӣ ва таъсири носолими ҳамсолон муқобилат намудани наврасе ки аз падар тасалло ва дастгирӣ намебинад, душвор аст. Ҷавоне ки аз падар дастгирӣ ва тасалло намебинад, ҳангоми пайдо намудани дӯстон ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ҷавоне ки аз падар дастгирӣ ва тасалло намебинад, бо имконияти бештар ба фишор дода шуда, дар ҷустуҷӯи ин талаботи эҳсосотӣ барвақт ҳаёти ҷинсиро сар мекунад.

Ва баръакс, наврасе ки аз падар дастгирӣ ва тасалло мебинад, бо имконияти бештар худро маҳбуб, даркорӣ ва дилпуркунанда ҳис мекунад ва ғамхор, меҳрубон, атокунанда, ҳассос ва боваринок хоҳад буд.[1]

Ба он андозае ки ман рафтори падари Эймиро мефаҳмам, бояд иқрор шавам, ки гоҳо ман низ наметавонистам ба фарзандонам тасалло ва дастгириро таъмин намоям. Аммо ман намехоҳам чунон падар бошам. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки дар лаҳзаҳои ба фарзандон даркор шудани тасалло ва дастгирӣ ҳамеша дар наздашон аст. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки тарсҳо ва дарди фарзандонашро фаҳмида метавонад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки бо тасалло ва дастгирӣ ба фарзандон ёрӣ медиҳад, то ба таъсири носолими ҳамсолон ва ҳисси беҳимоятӣ муқобилат намоянд, дӯстони хуб пайдо кунанд ва ба эҳтирому ваҷди рафиқон ноил шаванд. Ман мехоҳам ҳамон гуна падаре бошам, ки Падари ман ҳаст.

## Симои Падар

Табиат ва хислати Падари Осмонӣ ба мо ошкор менамояд, ки падари ҳақиқӣ он касест, ки ба фарзандон дар душвориҳои зиндагӣ дастгирӣ ва тасалло мебахшад. „Чашмони Худованд бар одилон аст, ва гӯшҳои Ӯ сӯи истиғосаи онҳо, — гуфта мешавад дар Китоби Муқаддас. — Вақте ки одилон фарёд мекашанд, Худованд онҳоро шунида, аз ҳамаи тангиҳошон халосӣ медиҳад. Худованд ба дилшикастагон наздик аст, ва рӯҳафтодагонро наҷот хоҳад дод“ (Забур 33:16,18, 19).

Ӯ „...Падари марҳаматҳо ва Худои ҳар тасалло [*аст*], ки моро дар ҳар андӯҳи мо тасалло медиҳад, то ки мо андӯҳгинонро дар ҳар андӯҳашон тасалло дода тавонем бо ҳамон тасаллое ки ки худамон

аз Худо мебинем" (2Қӯринтиён 1:3-4).

Падари идеалии мо, Падари марҳаматҳо ва Худои ҳар тасалло мебошад. Ӯ дар рӯзҳои нохушӣ ва мусибатҳо ба мо на бо хашмгинӣ ва беэътиноӣ, балки бо тасалло ва дастгирӣ ҷавоб мегӯяд. Ӯ медонад, ки барои инсон ёрии бебаҳост, агар дар замони душвориҳо ба касе такя кардан, сарчашмаи қувват пайдо намудан, маслиҳат пурсидан мумкин бошад.

Тасаллои Худованд ба „*ҳар* андӯҳамон" дахл дорад. Ҳам вақте ки ба хотири номи Ӯ гирифтори таъқибот мешавем, ва ҳам ҳангоме ки аз оқибати рафтори аблаҳонаи худ азоб мекашем, Ӯ ба мо дастгирӣ ва тасалло мебахшад. Ӯ моро ҳатто ҳамон вақт тасалло медиҳад, ки мо сазовори ин нестем. Ӯ моро ҳамон вақт низ тасалло медиҳад, ки мо аз боиси мушкилоте ки худамон ба миён овардаем, азият мекашем. Ӯ моро ҳангоме тасалло медиҳад, ки мо беқувввват ҳастем, ва Ӯ моро ҳамон вақт тасалло медиҳад, ки мо меафтем.

> *Ӯ мисли чӯпоне рамаи Худро хоҳад чаронид, баррагонро ба бозуи Худ ҷамъ карда, дар оғӯши Худ хоҳад гирифт* (Ишаъё 40:11).

Падарамон ба мо ҳатто ҳамон вақт дастгирӣ ва тасалло мебахшад, ки бояд моро тарбия намояд. Таронасаро Довуд навишта буд: „...Асо ва чӯбдасти Ту маро тасаллӣ медиҳад" (Забур 22:4). Асои (калтак) чӯпон чун асбоби дастгирӣ ва такя истифода мешуд ва барои бархезондани баррачаҳои навзод, ҷамъ кардани гӯсфандон, ва равона кардани рама дар ҳолати роҳҳои хатарнок ё душвор ёрӣ медод. Аз тарафи дигар, чӯбдаст силоҳи ҳимоя ва тарбия аст: онро ҳамон вақт ба кор мебурданд, ки рондан ва ё тобеъ намудани ҳуҷумкунандагон ва ислоҳ намудани гӯсфандони якрав даркор буд.[2] Аммо ҳар ду асбоб — ҳам асо ва ҳам чӯбдаст — барои таронасаро сарчашмаи тасалло буданд, зеро ҳар дуро дастони Шубони дилсӯз ва дастгирикунанда идора мекарданд.

Ва ман мехоҳам чунон падар бошам. Ман мехоҳам бо ёрии ҳузури фавқуттабиӣ ва қувваи Рӯҳулқудси Худо, ки дар ман сокин аст ва ба воситаи ман амал мекунад, табиати Падари худро инъикос намоям. Ман мехоҳам ба фарзандонам дар *ҳамаи* мушкилоташон чун тасалло ва дастгирӣ хизмат намоям. Албатта, духтарро тасалло додан осон аст, ҳангоме ки ӯ аз мактаб бо рӯҳафтодагӣ бармегардад, зеро ҳангоми кори контролӣ на баҳои панҷ, балки чор гирифтааст. Писарро тасалло додан осон аст, ҳангоме ки ӯ дар майдони футбол

маҳорати варзишии худро зоҳир карда натавонист. Фарзандеро, ки аз дучарха афтидааст ва ё фотиҳаро бекор кардааст, тасалло додан осон аст.

Аммо пешкаш намудани тасалло ва дастгирӣ тамоман осон нест, ҳангоме ки мошинро ба таври аблаҳона ронда, ба садама дучор мекунанд, ё бо сабаби тайёрӣ надидан аз имтиҳон намегузаранд, ё иҷрои ягон амалеро то лаҳзаи охирин мавқуф мегузоранд, ё корҳояшон чигил шуда, сари калобаашонро гум мекунанд. Дар чунин мавридҳо фарзандон бо мушкилоте мубориза мебаранд, ки худашон ба миён овардаанд — ва дар чунин ҳолатҳо ба таври сазовор аксуламал нишон додан хеле душвор аст. *Аммо фарзандони мо маҳз дар ҳамин гуна ҳолатҳо ба тасалло ва дастгирӣ мӯҳтоҷанд.*

Ман ҳанӯз ҳам гоҳо ба фарзандонам сахтгирӣ мекунам. Бисёр вақт ман ба дод гуфтан, ба ваъзи насиҳатӣ рӯ меоварам, баъзан онҳоро сахт сарзаниш мекунам, аммо ман саъй мекунам, ки омӯзам.

Ман меомӯзам, ки ҳангоми тасалло ва дастгирии фарзандонам симои Падари худро нишон диҳам. Ман кӯшиш менамоям роҳҳои нави мувофиқатро ба симои Ӯ дарёбам. Ман усулҳои навро аз худ мекунам, то ки симои Падар дар падарии ман реша давонад, масалан:

## Дарки интиҳои имкониятҳои худ

Боб, падари ҷавон, боре ба ман оиди ба духтари шашсолаи худ дар омӯхтани дучархаронӣ ёрӣ доданаш нақл кард. Боб аз як тарафи дучархаи Ҳезер медавид, то ба он устуворӣ бахшад, дар ҳоле ки Ҳезер ҳамоҳангсозии амалҳои гуногуни вобаста ба дучархарониро (идора кардани рул, педал, тормоз додан, нигоҳ доштани мувозинат) ёд гирифтанӣ мешуд. Аммо дар ин раванд Боб тасодуфан дучархаро сар дод, ва духарха чаппа шуд. Ҳезер афтид ва лат хӯрд.

Боб ҳангоми нақли ин воқеа ҳисси тарси худро, ки ҳангоми „сар додан"-и духтараш ҳис карда буд, баён намуд. Ӯ ҳақиқатан мехост, то Ҳезер боварӣ дошта бошад, ки падар дар наздаш аст ва ӯ метавонад на танҳо дар ин маврид, балки дар ҳама ҳолатҳои дигар ба дастгирии падар умед бандад.

Аммо Боб дар ин кор ба камолот ноил шуда натавонист. Ва ҳеҷ кадоми мо наметавонем.

Яке аз калидҳо барои падари тасаллодиҳанда ва дастгирикунанда

шудан дарки он аст, ки имкониятҳои мо беҳудуд нестанд. Мо наметавонем чораҳое андешем, ки кӯдакон ҳеҷ гоҳ зонуҳояшонро хуншор накунанд, аммо дар ин лаҳза наздашон будан ва онҳоро бардошта бӯса кардан метавонем. Ҳангоме ки фарзандон хато содир мекунанд, мо на ҳамеша онҳоро боздошта метавонем, аммо метавонем дар ин лаҳза наздашон бошем, то дар ислоҳи он ёрӣ диҳем. Мо фарзандони худро аз ноумедӣ ва дард пурра ҳимоя карда наметавонем, аммо метавонем наздашон бошем, то ҳамроҳашон гиря кунем. Мо наметавонем ҳамаи он нохушиҳоеро ки дар зиндагии онҳо рӯй медиҳанд, ислоҳ намоем, аммо метавонем наздашон бошем, то аз комёбиҳояшон шод шавем ва ҳангоми афтиданашон дастгирӣ намоем.

Мо барои фарзандонамон ҳама корро карда наметавонем. Аммо агар бо ёрии Худо ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем, ҳамин кифоя хоҳад буд.

## Вақти худро бахшидан

Яке аз духтароне ки ба саволҳои мо ҷавоб медод, оиди таҷрибаи аввалини алоқаи ҷинсии худ иншо навиштааст. Аз ҷумла дар ин иншо чунин гуфта шудааст:

> Ман дар мактаб рӯзи хеле нохушро аз сар гузарондам ва ҳамаи он чи ман мехостам, андаке диққати волидон буд. Аммо онҳо хеле банд буданд, бинобар ин ман бо мушкилоти худ назди дӯстам рафтам. Як чиз аз пайи дигар, ва инак ман бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кардам. Падар, модар, ман хеле мехостам, ки ҳангоме ки бароям хеле даркор буд, дар пешам бошед.

Ин зани ҷавон баъди рӯзи душвор дар мактаб ба тасалло эҳтиёҷ дошт ва ин тасаллоро пеш аз ҳама дар волидонаш пайдо карданӣ буд. Аммо ҳангоме маълум шуд, ки онҳо хеле банд (машғул) ҳастанд, ба ӯ лозим омад, ки ин тасаллоро дар ҷои дигар биҷӯяд.

Кӯдакон калимаи „муҳаббат“-ро тамоман на ба монанди калонсолон талаффуз мекунанд; онҳо „в-а-қ-т“ талаффуз менамоянд. Падаре ки ҳақиқатан мехоҳад Падари марҳаматҳо, Худои ҳар тасаллоро инъикос намояд, бояд ба ин кор вақти муайянеро бахшад.

Ман дар ин соҳа на ҳамеша намунаи камолот будам, аммо ман роҳи дарозеро тай намудаам. Боре, ҳангоме ки дар миёнаи раванди навиштани китоб будам, ҳангоми таътил, ки мо онро дар курорти

дӯстдоштаамон дар Мексика мегузарондем, Келли ба назди ман даромада пурсид: „*Падар, маро ба салони маникюр намебарӣ?*“

Ман тамоман ғарқи кор будам. Ва аввалин фикри ман чунин буд: „*Ҳаминаш барои ман кам буд*“.

Фикри дуюми ман ин буд: „*Ҷош, чизеро, ки ба он даъват менамоӣ, дар амал татбиқ кун*“.

Ва ниҳоят, фикри сеюм: „*Худовандо, ба ман ақсуламали дурустро нишон деҳ*“.

Хуллас, ман корамро як тараф гузошта (бо умеди бори дигар дарёфтани мавҷи илҳоме ки он лаҳза бо он менавиштам), духтарамро ба салони маникюр бурдам, то дар он ҷо нохунҳояшро ба тартиб дароваранд. Хушбахтона (занам метавонист гӯяд, ки *бо ҳайрат*) ман фаҳмидам, ки Келли тамоман намехост маро ҳамчун ронандаи шахсӣ истифода барад, балки ҳамаи он чи ӯ мехост, фақат вақти ман буд. Мо ин мавридро хеле хуб гузарондем ва дар бозгашт сӯҳбати ҷиддӣ кардем. Амалан Келли фақат дар охири сафарамон ба мавзӯи муҳим ва аҳамиятнок дахл намуд. Ба вай вақт даркор буд, то рози дили худро ошкор намояд, ва ман шодам, ки ба вай ин вақтро дода тавонистам. Келли ба ман барои ин сафар ба салони маникюр се ё чор бор изҳори миннатдорӣ намуд. Ба фикрам, ин барои он буд, ки ман на танҳо ба вай ва мушкилиаш таваҷҷӯҳи худро зоҳир намудам, балки худро ба чунин ҳолате гузоштам, ки вай ба ман барои ёрӣ муроҷиат карда метавонист.

## Баҳо додани эҳтиёҷоти онҳо

Дӯсти ман Норм Уэйфилд боре оиди вазъияте нақл кард. Ин вазъият ҳангоме ба миён омад, ки яке аз духтаронаш мебоист мактабро хатм менамуд; дар ин вақт волидон интизори он ҳастанд, ки наврасро шод ва пур аз умедҳо бинанд. Аммо Норм пай бурд, ки духтараш хастадил ва хомӯш аст. Аз сӯҳбат бо духтараш маълум гардид, ки сабаби ошуфтагии ӯ ин аст: бисёрии ҳамсинфонаш мебоист мукофотҳои махсус ва стипендияҳо мегирифтанд, аммо ӯ бошад интизор набуд, ки умуман чизе мегирад.

Норм ҳар гуна рафтор карда метавонист. Ӯ метавонист ин ҳиссиёти духтарашро аз байн барад. Ӯ метавонист гӯяд, ки ин аблаҳона аст. Ӯ метавонист кӯшиш кунад, ки ӯро ба гап дарорад. Аммо ӯ мефаҳмид, ки ҳеҷ кадоми ин ҷавобҳо ба он чи дар он лаҳза ба духтараш даркор буд, мувофиқат намекард.

Акнун ӯ мегӯяд: „Он вақт ман намедонистам чӣ гӯям“. Аммо ӯ

духтарашро ба оғӯш гирифта, гуфт: „Дар китоби ман ту ба ҳар ҳол аввалин ҳастӣ“. Табассум ва оғӯшгирии ҷавобии духтараш гувоҳи он буданд, ки ӯ дуруст рафтор намудааст (ҳамчун падаре ки чӣ кор карданашро намедонад). Баҳодиҳии ӯ оиди он ки ба духтараш чӣ даркор аст, дуруст баромад. Ба ӯ тасалло даркор буд; ӯ мехост бишнавад, ки мукофот ва стипендия нагирад ҳам, касе ӯро дӯст медорад ва қадршиносӣ мекунад.

Падаре ки ба фарзандонаш тасалло ва дастгирӣ пешкаш кардан мехоҳад, бояд ҳис кунад, ки ба онҳо маҳз чӣ даркор аст. *Суханони* онҳоро бо диққат гӯш кунед, ва ба *амалҳои* онҳо аҳамият диҳед, аммо дар ин чиз таваққуф накарда, саъй кунед муайян намоед, ки дар паси ин суханон ва амалҳо кадом ҳиссиёт ва эҳтиёҷот ниҳонанд. Бачае ки чунин мегӯяд: „Ту ҳеҷ гоҳ ягон кореро ҳамроҳи ман намекунӣ“, шояд эҳтиёҷ ба диққати падарро изҳор менамояд. Бачае ки пеш аз баромадан ба майдончаи бозӣ нишастгоҳҳои стадионро аз назар мегузаронад, шояд ба дастгирӣ мӯҳтоҷ аст. Бачае ки зуд хашмгин мешавад, шояд хеле мӯҳтоҷи тасалло аст.

Ман намегӯям, ки бояд бо рафтори нодуруст муросо кунем, ман фақат пешниҳод мекунам, ки эҳтиёҷоти фарзандонатонро пай баред ва ҳатто пешакӣ дарк намоед, ва на танҳо ба суханону амалҳо, балки ба эҳтиёҷоти онҳо низ аксуламал нишон диҳед.

## Омӯхтани забони тасалло ва дастгирӣ

Дар байни чизҳои бисёре ки ман то ҳол меомӯзам, чунин мафҳум низ ҳаст, ки ҳангоме фарзандон метарсанд, хафа шудаанд, ноумед ҳастанд, ё дарде доранд, маҳз чӣ ба онҳо *даркор нест*. Азбаски ман нисбати мушкилот (ва одамон) усули дарккуниро ба кор мебарам, аксуламали аввалини ман ба дарди касе — мулоҳизакорона (аз рӯи ақл) аст: „Медонӣ, хатои ту дар он буд, ки ту....“ ё „Охир, ту медонӣ, ки ин барои чӣ рӯй дод, ҳамин тавр не?“ Аммо тадриҷан ман фаҳмидам, ки одамоне ки аз дарде азият мекашанд, ба мулоҳизаҳо („Бигузор ин бароят дарси ибрат шавад“), насиҳатҳо („ин ҳақиқатан хислати туро устувор мегардонад“), маслиҳатҳо („Агар ман ба ҷои ту мебудам...“), даъватҳо („Хурсанд шав! Аз ин бадтар шуда метавонист, охир, ту инро медонӣ“) кам эҳтиёҷ доранд.

Тадриҷан ман фаҳмидам, ки ба фарзандон на водоркунандаҳои аввалини беихтиёронаи ман, балки он зарууртар аст, ки дар пешашон бошам, онҳоро ба оғӯш гирам, ҳамроҳашон гиря кунам, ба дастонашон дасти худро гузорам ва нишон диҳам, ки то чӣ андоза бароям

арзишнок ҳастанд. Ман фаҳмидам, ки онҳо на ҳамеша маслиҳатҳои маро арзишнок меҳисобанд ва ба мулоҳизаҳои ман он қадар эҳтиёҷ надоранд. Ба онҳо мавъиза даркор нест, онҳо ба китфе эҳтиёҷ доранд, ки ба он такя карда гиристан мумкин аст. Ба онҳо тасалло ва дастгирӣ даркор аст. Ва инро ба воситаи забони тасалло („Ман афсӯс мехӯрам, азизам", „Ман медонам, ки ин дарднок аст", „Ман назди ту ҳастам", „Ман туро дӯст медорам") ва забони дастгирӣ („Ман ба ту бовар мекунам", „Мо ҳамаи инро якҷоя паси сар мекунем" ва „Ман ҳамеша назди ту хоҳам буд") баён кардан аз ҳама беҳтар аст.

Баъзан, албатта, амалҳои тарбиявӣ ё мулоҳизаҳоро (огоҳӣ) истифода бурдан лозим аст, ҳангоме ки наврас аз рафтори бади худ дар азоб мебошад, аммо агар падар аввал тасалло ва дастгирии худро нишон диҳад, амалҳои тарбиявӣ самараи бештар медиҳанд.

## Ба суханони худ диққат диҳед

Дэн Бенсон дар китоби худ „The Total Man" мегӯяд, ки дар натиҷаи пурсиши волидон маълум шуд, ки ба даҳ мулоҳизаи манфӣ, ки онҳо ба фарзандон баён кардаанд, фақат як мулоҳизаи мусбат рост меомадааст. Дар айни замон Бенсон мегӯяд, ки „мумайизони (экспертҳо) соҳаи психологияи кӯдакон боварӣ доранд, ки барои барқарор намудани зарари аз боиси як мулоҳизаи манфӣ ба худбаҳодиҳии кӯдак расондашуда камаш чор мулоҳизаи мусбат даркор аст".[3]

Падаре ки ба фарзандонаш тасалло ва дастгириро таъмин намуданист, бояд донад, ки суханон қудрати бузург доранд ва метавонанд ҳам ёрӣ диҳанд, ҳам ранҷонанд. Агар суханони падар доимо киноядор, таҳқиромез ё танқидӣ бошанд, ҳар гуна кӯшиши дастгирӣ намудани фарзанд самаранок нахоҳад буд. Агар падар фикрҳои зеринро шифоҳӣ баён кунад ва ё дар назар дошта бошад:

„Безор кардӣ";

„Маро безобита накун";

„Ман ҳамроҳи калонсолон буданро афзал медонам";

„Ман барои ту вақт надорам";

„Ман туро аблаҳ меҳисобам";

„Ту ба ман на он қадар маъқул ҳастӣ";

„Ба дилам задӣ";

„Ман ақидаҳо ва ҳиссиёти туро ба назар намегирам", ӯ худро аз фарзандон дур мекунад ва онҳоро водор мекунад, ки тасалло ва

дастгириеро, ки ба онҳо хеле даркоранд, дар ягон ҷои дигар пайдо кунанд.

## Кӯшиш кунед, ки ба олами кӯдак дохил шавед

Агар шумо ҳақиқатан хоҳед, ки фарзандонатон тасалло ва дастгириро ҳис кунанд, кӯшиш кунед, ки ба олами онҳо дароед. Яъне дар назди худ вазифа гузоред, ки ҳозир онҳо ба чӣ шавқ доранд, чӣ барояшон хурсандибахш аст, онҳо аз чӣ ҳаловат мебаранд ва бо кадом дӯстон вақтро мегузаронанд. Бисёр падарон аз фарзандон муоширатро *дар сатҳи худ* интизоранд; мо интизори он ҳастем, ки фарзандон бо он чи *ба мо* шавқовар аст, машғул мешаванд, ва дар айни ҳол хеле кам ва ё ҳеҷ гоҳ кӯшиш намекунем, то шавқу завқи онҳоро бо ҳам бинем ё дар сатҳи онҳо муошират намоем.

Якчанд сол пеш духтарам Келли ба хона ҳамроҳи дугонааш омад, ва онҳо бо исрор пешниҳод карданд, ки мӯйсари маро „ба тартиб дароваранд“.

„Оҳ не, умедворам шумо шӯхӣ мекунед“, — гуфтам ман.

„Хайр, илтимос, дадаҷон“, — илтиҷо кард Келли.

Ман ҳақиқатан ҳам намехостам, ки ин ду духтарча маро чун манекен барои парикмахерҳо истифода баранд, аммо дар ин имконияти ба ҷаҳони онҳо ворид шуданро дидам.

„Хуб майлаш, — гуфтам ман ниҳоят, — шумо метавонед ҳар тавре ки хоҳед, мӯйсари маро ба тартиб дароред, аммо ба шарте ки қайчӣ намезанед ва ранг намекунед, ва ҳамчунин баъди анҷом ёфтани коратон ҳамроҳи ман хӯроккхӯрӣ меравед“.

„Хеле хуб!“ — нидо карданд онҳо якҷоя, ва дар тӯли як соат ё камтар онҳо бо истифодаи мусс барои мӯйсар, фен ва боз якчанд асбоби бароям номаълум мӯйсари маро ба тартиб медароварданд. Ҳангоме ки онҳо ба охир расонданд, мӯйҳои ман ба ҳар тараф сих шуда буданд. Ман ба табақи паррон монанд будам, ки ба сафари сайёраҳои дур омода шудааст. Ва ҳангоме ки худро дар оина мушоҳида мекардам, оиди қисми дуюми шартномаамон ба шубҳа афтодам. Оё ман ҳақиқатан мехоҳам бо онҳо ба ягон ҷои ҷамъиятӣ равам? Ман фақат ба он умед баста метавонистам, ки ҳеҷ кас маро намешиносад.

Ҳангоме ки мо ба питсерияи (ошхона) хурди дар наздикӣ буда даромадем (ман айнаки сиёҳ доштам), духтарон аз ақиби ман дар масофаи якуним метр меомаданд, зеро намехостанд, то одамон донанд, ки онҳо ҳамроҳи ман омадаанд. Албатта, ҳама ба ман диққат медоданд, як зан чашмонашро калон кушод, аммо ба ҳар ҳол касе ба

полис занг назад. Ва мо вақтро хеле хуб гузарондем.

Акнун ман чунин намеҳисобам, ки ин як навъи махсуси дастгирии духтарам буд, аммо он — дар баробари вохӯриҳо, муҳорибаҳо бо пуфакҳо, шабнишиниҳо бо ҷувории бирён дар ҷакузи ва лаҳзаҳои ба ин монанд — ба ман оиди фаҳмидани фарзандонам бисёр чизҳоро омӯзонд, ва ин баъдтар ба ман ёрӣ медод, ки ба онҳо дастгирӣ ва тасалло бахшам, ҳангоме онҳо ба ин эҳтиёҷ доштанд. Ба ҷаҳони онҳо ҳарчи бештар даромаданӣ шуда, ман фаҳмидани табъи онҳо, дарк намудани ҳиссиёти онҳо ва пешакӣ пай бурдани мушкилоти онҳоро ёд гирифтам; инро бо ягон роҳи дигар ба даст овардани ман ғайриимкон буд.

Тасалло ва дастгирӣ пешниҳод карда тавонистанро бо телевизоре ки ҳангоми зарурат ба кор андохтан мумкин аст, набояд монанд кард. Ин бештар ба боғ монанд аст, онро чунон нигоҳубин кардан даркор аст, ки ҳангоми фаро расидани вақт — баъзан дар лаҳзаҳои пешгӯинашаванда — самарҳои меҳнати худро истифода бурдан мумкин бошад.

Ба фарзандон пешкаш намудани тасалло ва дастгирӣ таъсири дарозмуддат хоҳад дошт — ҳам барои шумо ва ҳам барои фарзандон. Шумо метавонед мушоҳида намоед, ки онҳо ба таъсири носолими ҳамсолон муқобилат мекунанд, зеро боварӣ доранд, ки ҳамеша дар хона тасалло ва дастгирӣ пайдо карда метавонанд. Шумо мебинед, ки онҳо ба худ дӯстони ҳақиқӣ пайдо мекунанд ва дӯстие барпо мекунанд, ки дар он на танҳо гирифтан, балки ато кардан ҳам ҳаст. Шумо мушоҳида хоҳед кард, ки онҳо калонтар ва калонтар мешаванд ва сазовори эҳтиром ва ваҷди ҳамсолон (ва шумо) мегарданд, ҷавонписарон ва духтарони лаёқатманде мешаванд, ки ба худ боварӣ доранд, ва медонанд, ки новобаста ба он чи дар мактаб, дар ҷои кор ё дар калисо рӯй медиҳад, ҳамеша тасалло ва дастгирии падарро пайдо карда метавонанд.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Рӯйхати зеринро аз назар гузаронда, фикр кунед, ки оё гуфтан мумкин аст, ки ягонтои ин тавсифот ба фарзандони шумо дахл дорад (дахл доштаашро қайд кунед):

   - ☐ маъюс
   - ☐ аз оянда метарсад
   - ☐ ба таъсири ҳамсолон таъсирпазир
   - ☐ танҳо
   - ☐ савдой-маҷбурӣ
   - ☐ ба фишори ҷинсӣ таъсирпазир
   - ☐ хиҷолатманд
   - ☐ беҳимоя
   - ☐ дӯстони шубҳанок пайдо мекунад
   - ☐ бефарқу бефароросат
   - ☐ хастадил
   - ☐ аз ҳаёт хасташуда

2. Агар ягонто аз тавсифоти болоро қайд карда бошед, чӣ фикр доред, оё дар фарзандатон будани чунин ҳиссиёт ё мушкилот бо норасоии тасалло ва дастгирӣ вобаста аст? Агар, ҳа, пас чӣ гуна?

3. Оё метавонед аз гузаштаи наздик мавридҳоеро ба ёд оваред, ки ба фарзандатон тасалло ва дастгирӣ пешниҳод накардед, агарчи ӯ ба ин эҳтиёҷ дошт? Оё ин вазъиятро ислоҳ кардан мумкин аст? Оё аз ин фарзанд бахшиш пурсиданатон даркор аст?

4.* Дар сатрҳои дар поён пешбинишуда рӯйхати воситаҳоеро тартиб диҳед, ки бо ёрии онҳо шумо ба фарзандонатон тасалло ва дастгирӣ пешниҳод намуданро сар мекунед. Сипас яке аз воситаҳоро интихоб намуда, онро ба даврача гиред, то дар ҳафтаи оянда амалӣ гардонед.

..............................................................................................................

5.* Оиди он фикр кунед, ки кадом воқеаҳо дар ҳаёти фарзандонатон хоҳанд буд. Шумо чӣ фикр доред, кай ба онҳо тасалло ва дастгирии шумо беш аз ҳама даркор мешаванд? Шумо ҳозир чӣ карда метавонед, то ҳама чизи даркориро пешбинӣ кунед ва ба ин лаҳзаҳо тайёр шавед?

# Падар чун ҳимоятгари асосӣ




Дениз, духтари як дӯсти хуби ман, боре бо муаллимааш дар мактаб баҳсу мунозира кард. Муаллима Денизро дар кадом як коре ки ӯ накарда буд, айбдор намуд, ва бо вуҷуди набудани далелҳои бевосита, таҳдид намуд, ки духтаракро баъди дарсҳо мемононад ва ё ҳатто муваққатан ба дарсҳо роҳ намедиҳад. Бо вуҷуди эътирозҳои зиёд ва изҳороти Дениз оиди бегуноҳ будани худ муаллима қатъӣ қарор дод, ки ҷазоро амалӣ гардонад. Аммо Дениз исрор менамуд.

„Ман ба падарам занг задан мехоҳам“, — исрор менамуд Денизи ба тарс афтода ва бадбахт.

„Мо ҳатто бояд ин корро кунем, ҳамин тавр не?“ — гуфт муаллима, зеро гумон мекард, ки падар аз рафтори тахминшавандаи духтараш хафа мешавад ва ба хашм меояд.

Баъд муаллима Денизро ба идораи мактаб бурда, дар назди телефон истод, ва Дениз ба падараш занг зада, мухтасар вазъиятро баён намуд.

„Ҳозир ӯ меояд“, — гуфт Дениз гӯшаки телефонро гузошта.

Баъди якчанд дақиқа падари Дениз ба мактаб омада назди духтараш ва муаллима нишаст, то ки масъаларо муҳокима кунад. Ӯ ки аллакай аз суханони Дениз бо телефон оиди воқеа шунида буд, аз муаллима хоҳиш намуд, ки моҳияти масъаларо фаҳмонад. Муаллима бо оҳанги хашмгинона ва айбдоркунанда масъаларо баён намуд.

Дар ниҳояти кор падари Дениз бархост. „Ман ба қадри кофӣ шунидам“, — гуфт ӯ. Ӯ духтарашро ба оғӯш гирифта, бо мулоимат ба муаллима гуфт, ки вай на он касеро ки гуноҳкор аст, айбдор мекунад, ва ӯ (падар) ба ҳеҷ гуна баъди дарс монондан, муваққатан аз мактаб хориҷ намудан ва чизҳои ба ин монанд роҳ намедиҳад. Ӯ

аз идора ҳамроҳи Дениз баромад ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки то анҷом ёфтани гуфтугӯ бо муаллима интизор шавад.

Баъд ӯ ба идора баргашта ба муаллима фаҳмонд, ки чаро ба айбдор набудани Дениз боварӣ дорад, ва низ гуфт, ки лозим медонад, то муаллима аз Дениз бахшиш пурсад. Баъди ин ӯ баромад. То вестибюл расида, ӯ дид, ки духтараш ба гиристан наздик аст.

„Чӣ шуд?" — пурсид вай бо ҳайрат, зеро гумон мекард, ки бӯҳрон паси сар шудааст.

Ашкҳоро бо душворӣ боздошта, Дениз табассум кард ва падарро аз гардан ба оғӯш гирифт. „Ташаккур, дада, ки ту аз барои ман ба ин ҷо омадӣ, — гуфт ӯ, — ту ҳимоятгари ман ҳастӣ".

Дар ин рӯз падар ба духтараш як чизи хеле муҳимро нишон дод. Ин лаҳза воқеаҳо метавонистанд оддӣ тобанд, аммо ӯ аз он сабаб сазовори миннатдории духтараш шуд, ки барояш паноҳгоҳ шуд. Ин воқеа ҳисси дар ҳимоя будан ва бехатариро дар фаҳмиши ӯ пайдо намуд (ё тақвият дод) ва ӯ метавонист чунин фикр кунад: „Ман метавонам ба падар такя кунам, ҳангоми дар хатар будан ман метавонам ба ӯ мурочиат кунам, ӯ маро ҳимоя мекунад ва адвокати ман мешавад".

Дар фарзанд тарбия намудани чунин муносибат имрӯзҳо барои падарон аҳамияти калон дорад. Бисёрии наврасони ҳозира ба ояндаи ҷамъият бо интизории тира менигаранд. Чунин метобад, ки бисёриҳо умедро ҳатто ба ояндаи худ гум кардаанд. Онҳо аз ҳолати тарс ва безобитагӣ мегузаранд; аз ҳар даҳ хонанда шаш нафар гуфтанд, ки ҳамсолеро медонанд, ки худкушӣ карданӣ буд[1] ё кард; аз се як нафари онҳо рафиқеро медонанд, ки ба мактаб бо худ силоҳ мебиёрад[2]. Бисёр наврасон дӯстон ё шиносҳое доранд, ки ба амалҳои хатарнок ва/ё ғайриқонунӣ ҷалб шудаанд (алоқаҳои ҷинсӣ то никоҳ ё истеъмоли маводи мухаддир). Дар давоми дигар тадқиқот маълум гардид, ки 68% наврасон ба он бовар надоранд, ки ҷаҳони мо умуман оянда дорад, ва 32% чунин меҳисобанд, ки онҳо бевосита аз таркиши ҳастаӣ (ядроӣ) зарар мебинанд.

Ин тарсҳо ҳатто дар байни бачагони хурдсол паҳн шудаанд. Якчанд сол пеш Надин Брозан дар рӯзномаи „Ню-Йорк Таймс" натиҷаҳои тадқиқотро оиди панҷ тарси асосӣ, ки дар байни хонандагони мактаби ибтидоӣ паҳн шудаанд, нашр намуд. Бист сол пеш ба қатори ин тарсҳо тарс аз шӯру ғавғои баланд, ҳуҷраҳои торик, баландӣ, ҳайвоноти ваҳшӣ ва одамони ношинос дохил мешуданд. Имрӯзҳо хонандаи миёнаи синфҳои ибтидоӣ бештар аз ҷудошавии волидон метарсад; ҳамчунин ӯ аз ғорат, роҳзанӣ,

таҷовуз ё бемории саратон хавф дорад.[3]

Дар чунин вазъият фарзандон ба ҷои бехатар ва паноҳгоҳе эҳтиёҷ доранд, ки дар он ҷо аз хатарҳо ва дилмондагиҳои ҷаҳоне ки ба ҳолати ҷунун расидааст, паноҳ бурдан мумкин бошад. Ба онҳо сарпаноҳ ҳангоми тӯфон даркор аст. Ба онҳо ҷое даркор аст, ки захмҳои худро шифо додан ва сабукиву осудагӣ пайдо намудан мумкин аст.

Ман барои фарзандон маҳз ҳамин гуна падар будан мехоҳам. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари ман ҳаст.

## Падар қалъаи боварибахш

Дар вақтҳои душвортарини ҳаёти худ, ба таъқибот ва таҳдидҳои подшоҳ (падари дӯсти беҳтаринаш) дучор шуда, Довуд ном чӯпони собиқ маҷбур буд пинҳон шуда зиндагӣ кунад. Ӯ қаҳрамони миллӣ буд, акнун бошад гуреза шуд. Ӯ аз ҷумлаи дарбориёни подшоҳ буд, акнун бошад шабҳоро дар мағораҳо мегузаронд. Ӯ ба подшоҳи худ содиқона хизмат менамуд, акнун бошад мушовирон ба подшоҳ дар ҳаққи Довуд бӯҳтонҳо гуфтанд. Ӯ подшоҳи навбатии Исроил эълон карда шуда буд, аммо ҳоло ояндаи ӯ тира метобид. Ӯ раҳмдилона ҳаёти подшоҳро наҷот дод, акнун бошад подшоҳ ӯро аз ҳаёт маҳрум карданӣ буд.

Душвориҳо Довудро чунон зич печонда гирифта буданд, ки ӯ худро чун дар иҳотаи шерон ҳис мекард. Ӯ чун кӯдак дар байни ҳайвоноти дарранда меларзид. Ӯ худро дар зери вазни мушкилот хамидақомат ҳис мекард. Дар ниҳояти азобҳои худ Довуд ба Падар, ба Худои худ муроҷиат намуд. Ӯ нидо менамуд:

> *Ба ман марҳамат намо, эй Худо, ба ман марҳамат намо! Зеро ки ҷонам ба Ту паноҳ мебарад, ва дар сояи болҳои Ту паноҳ мебарам, то даме ки фалокатҳо бигзарад* (Забур 56:2).

Аммо баъди якчанд сол Довуд подшоҳ шуд, ҳамаи душманони худро мағлуб намуд, кишвари аз ҳам ҷудошударо муттаҳид кард ва сазовори иззату эҳтироми халқи худ гардид. Чӣ гуна ӯ ба ин ноил шуда тавонист? Довуд боз дар тарона ҷавоб медиҳад:

> *Туро, эй Худованд, эй қуввати ман, дӯст медорам! Худованд сахраи ман аст, ва қалъаи ман, ва*

*раҳокунандаи ман; Худои ман кӯҳпораи ман аст; ба Ӯ паноҳ мебарам; ӯ сипари ман аст, ва шохи наҷоти ман, ва паноҳгоҳи ман* (Забур 17:2,3).

Ана кист Худо Падари мо! Ӯ ҳимоятгари мо, қалъаи мо, паноҳгоҳи мост:

*Ва Худованд паноҳгоҳи мазлумон хоҳад буд, паноҳгоҳ дар лаҳзаҳои тангӣ* (Забур 9:10).

*Худованди лашкарҳо бо мост, Худои Яъқуб паноҳгоҳи мост* (Забур 45:8).

*... Худованд кӯҳпораи ман аст... Ӯ эҳсони ман аст ва қалъаи ман, паноҳгоҳи ман аст ва раҳокунандаи ман, сипари ман аст, ва ба Ӯ паноҳ мебарам; қавми маро зердасти ман мегардонад* (Забур 143:1,2).

*Чӣ арҷманд аст эҳсони Ту, эй Худо; банӣ одам дар сояи болҳои Ту паноҳ меёбанд* (Забур 35:8).

Падари идеалии мо барои фарзандонаш сарчашмаи қувва ва паноҳгоҳ аст. Маҳз дар Ӯ мо метавонем бехатарӣ аз фишор ва душмании ҷаҳони атрофро пайдо намоем. Ӯ сарпаноҳи мост. Ман маҳз чунин падар будан мехоҳам. Албатта, ман мефаҳмам, ки наметавонам чун Ӯ тавоно ва ҳамадон шавам. Аммо ман мехоҳам, ки фарзандонам дар навбати аввал ба Падари осмонии мо муроҷиат намоянд; ман мехоҳам боварӣ дошта бошам, ки онҳо медонанд: чуноне ки Худованд барои ман қалъа ва паноҳгоҳ аст, барои онҳо низ паноҳгоҳ хоҳад буд.

Аммо ман ҳамчунин саъй хоҳам намуд, то чунон падаре шавам, ки Падари ман ҳаст. Ман ба Ӯ монанд шудан мехоҳам. Ман мехоҳам бари фарзандонам паноҳгоҳ бошам. Ман мехоҳам, то онҳо донанд — дар ҷаҳон макони бехатаре ҳаст, ки онҳо метавонанд ба он ҷо гурезанд, ва ин макон дар он ҷоест, ки падарашон ҳаст. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки ҳамеша метавонанд дар ман паноҳгоҳ ёбанд — аз тӯфонҳои зиндагӣ, аз ҳамсолони мухолиф, аз фишори давраи наврасӣ, аз масхараҳо ва аз тарс. Агар ба онҳо талқин карда шавад, ки падар ҳамеша бароящон паноҳгоҳи бехатар хоҳад буд, эҳтимоли қавӣ меравад, ки онҳо на танҳо дар хона ва оила, балки дар дохили худ ҳисси дар ҳимоя будан хоҳанд дошт. Онҳо барои тараққии

худбаҳодиҳӣ ва боварӣ ба худ асосҳои бештар хоҳанд дошт, агар донанд, ки дар ақиби онҳо касе истодааст, ки мехоҳад онҳоро ҳимоя кунад, паноҳгоҳ диҳад ва дастгирӣ намояд.

Агар ман фақат ба қувва ва хиради худ такя мекардам, амалӣ гардондани ин вазифа, ба монанди вазифаҳои дигар, ғайриимкон мебуд. Танҳо амал намуда, ман ҳар дафъа ба нокомӣ дучор мешудам. Аммо ман танҳо нестам, чуноне ки шумо низ танҳо нестед. „Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади (Исои) Масеҳ, ки маро қувват мебахшад“ (Филиппиён 4:13). Аз дасти шумо ҳам меояд, агар ба Худо Падар ба воситаи Рӯҳулқудси Ӯ таваккал намуда, ба Ӯ имкон диҳед, ки дар якчанд соҳаҳои асосӣ амал намояд, чунончи:

## Омодагӣ ба бӯҳрон

Боре ман духтарам Келлиро аз мактаб пешвоз мегирифтам. Ҳангоме ки мо аз майдончаи мошинмонӣ гузашта, назди мошин мерафтем, духтарам ногоҳ пурсид: „Дада, ту дар бораи Ҷим Бэккер чӣ фикр дорӣ?“

Он рӯзҳо номҳои башоратдиҳандагон Ҷим ва Тэмми Бэккер дар барномаҳои ахборотӣ доимо садо медоданд, ва моҷарое ки империяи телевизионии RTL-и онҳоро вайрон кард, дар синфи духтарам мавзӯи муҳокима шуд.

Ман аллакай аксуламали бисёр шубонон ва дигар масеҳиёнро ба моҷаро дар RTL медонистам. Онҳо мегуфтанд: „Ин нафратовар аст“, „Онҳоро аз рӯҳоният дур кардан даркор аст“, „Шояд, ӯ тамоман масеҳӣ нест“ ва ғайра. Ман ҳисси дилмондагӣ ва хашми дар ин суханон ифодаёфтаро мефаҳмидам, аммо ҳамчунин чизи дигарро низ дарк менамудам. Ман бо дард дарк менамудам, ки ҳар шубоне ки оиди Ҷим Бэккер чунин мегӯяд, ба ҷавонони калисои худ чунин фикрҳоро талқин карда метавонист: „Агар ту ба нохушӣ гирифтор шавӣ, назди ман набиё“; хусусан ин ба духтарони наврас дахлдор буда метавонист: „Агар ту бе никоҳ ҳомиладор шавӣ, ман бе шубҳа туро маҳкум мекунам“. Ва волидоне ки ба рафтори Ҷим Бэккер ақидаҳои худро ин гуна баён менамуданд, метавонистанд ба фарзандонашон ин фикрҳоро талқин намоянд: „Мо танҳо то он даме ки маводи мухаддир истифода барӣ, май нӯшӣ, ҳомиладор шавӣ, ба нохушӣ дучор шавӣ, ҳамроҳи ту хоҳем буд“.

Ба саволи Келли чӣ ҷавоб дода метавонистам? Чӣ тавр ба духтари 13-солаам фаҳмонам, ки байни муносибати ман ба гуноҳ ва маҳкум намудани гуноҳкор ҳадде вуҷуд дорад?

Ман лаб газида, гуфтам: „Азизакам, Ҷим Бэккер нодуруст рафтор

кард. Ин гуноҳ буд“. Ва фаҳмонданро давом додам, ки чаро ин гуноҳ буд, ҳангоме Ҷим Бэккер дар ҳуҷраи мотел (меҳмонхона барои мошиндорон) бо Ҷессика Ҳан вомехӯрд, ва баъд гуфтам: „Аммо бо вуҷуди ин, Келли, ман мехоҳам, то ту боз як чизро фаҳмӣ. Худо Ҷим Бэккерро дӯст медорад, чуноне ки Ӯ туро ва ё маро дӯст медорад“. Ва Исои Масеҳ барои Ҷим Бэккер низ мурд, чуноне ки барои туву ман. Агар Худованд Ҷим Бэккерро бахшида натавонад, пас, Ӯ туву маро низ бахшида наметавонад“.

Мо оҳиста аз майдончаи мошинмонӣ гузашта мерафтем, ва Келли якчанд дақиқа чизе нагуфт, дар каллаи ман бошад бисёр фикрҳое пайдо шуданд, ки ба духтарам гуфтан мехостам. Ниҳоят, ман нафаси чуқур кашида, гуфтам: „Азизакам, биё ба ин ҳодиса воқеъбинона назар андозем. Агар ту ҳомиладор мешудӣ, оё тасаввур мекунӣ, ки бо падарат чӣ мешуд? Маро мисли он ки маслуб мекарданд. Нисфи аҳли калисо аз ман рӯ мегардонданд. Ва дар тамоми кишвар — роҳбарони масеҳӣ, ноширони маҷаллаҳо, башоратдиҳандагон — онҳо маро зинда ба зинда фурӯ мебурданд“.

Келли ба ман нигарист, чашмони осмонирангаш аз ҳаяҷон калон кушода буданд: „Ман инро медонам, дада“, — гуфт ӯ.

„Аммо, азизакам, ман мехоҳам, ки ту як чизро донӣ, — гуфтам ман, — агар ту ҳақиқатан ҳомиладор шавӣ, суханони ин одамон барои ман аҳамияте нахоҳанд дошт. Ман ба онҳо пушт мегардонам, аммо нисбати ту ҳеҷ гоҳ ин корро намекунам. Ман туро ба оғӯш мегирам ва мо ҳамаи инро якҷоя паси сар мекунем“.

Дар ин лаҳза духтари 13-солаи ман китобҳояшро ба роҳи мумфарш афтонда, гиря кард, маро ба оғӯш гирифт ва гуфт: „Ман медонам, ки ту ҳамин тавр мекунӣ, дада!“

Ҳозир баъзеҳо метавонанд фикр кунанд, ки ин хеле хатарнок аст ва Келли метавонист чунин фикр кунад: „Падар маро дар ҳар ҳолат дӯст медорад, пас, аҳамият надорад, ки ман бе никоҳ ҳомиладор мешавам ё не“. Аммо ман аз ин хусус на он қадар хавф доштам, зеро мехостам ҳамеша барояш паноҳгоҳ бошам, на танҳо дар он ҳолате ки вай ҳомила мешавад, балки дар ҳар гуна бадбахтии дигар. Ман мехоҳам, то ӯ — ва бародару хоҳари ӯ — донанд, ки ман ҳимоятгар, макони бехатар, сарпаноҳи онҳо ҳангоми тӯфон хоҳам буд.

## Зоҳир намудани диққат ва мушоҳидакорӣ

Дӯсти ман Норм Уэйфилд дар китобе ки мо якҷоя навиштем, оиди аҳамиятнокии зоҳир намудани диққат ва мушоҳидакорӣ мегӯяд:

Писарам Ҷоэл (ки он вақт дар синфи ҳашт мехонд) аз мактаб бо табъи хира омад. Ман дар кабинети кории худ будам, ва шунидам, ки дарро сахт мезанад ва дағалона гап мезанад. Ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ӯ бо киноя ва истеҳзо гап мезад. Дертар, бегоҳӣ ман дар кабинети худ будам ва боз шунидам, ки ӯ дари ҳуҷраи худро сахт зад.

Ниҳоят ман фаҳмидам: аз афташ, Ҷоэлро ягон чизи муҳим безобита мекунад. Дар тӯли якчанд соати охир ӯ, аз афташ, табъи хира дошт. Ман ба ҳуҷраи ӯ рафта, пурсидам: „Ҷоэл, ман ҳозир фаҳмидам, ки ту аз мактаб бо табъи хира омадӣ. Шояд, дар мактаб воқеае шуд, ва ту дар ин бора гап заданӣ будӣ?“

Писарам гиряро сар кард (ва, рости гап, ман худро аблаҳона ҳис намудам, зеро мушкилиро пештар надидам). Писарам ба ман оиди он чи ӯро азоб медод, — оиди он чи дар синфашон рӯй додааст, — нақл кард. Муаллим ӯро нодуруст фаҳмид ва сарзаниш намуд. Писарам ба хона омада, табъи хираашро бо рафтори бад зоҳир намуд, зеро намедонист ин мушкилиро чӣ гуна паси сар кунад... Хуб аст, ки ниҳоят ман инро пай бурдам.

Агар шумо паноҳгоҳ будан хоҳед, бояд хеле бодиққат ва мушоҳидакор бошед. Ин маънои онро дорад, ки табъи фарзандонро ҳис кардан даркор аст. Ин маънои ба мушкилот ва безобитагии онҳо эҳтиром зоҳир намуданро дорад. Ин маънои зарурати шиносоӣ бо дӯстони онҳоро дорад. Ин метавонад маънои дидани баъзе барномаҳои телевизиониро дошта бошад, ки онҳо тамошо мекунанд, ва ҳатто (о-о-оҳ) гӯш кардани мусиқие ки онҳо гӯш мекунанд.

Як падари ба ман шинос, ки дар хона кор мекунад, одате дорад, ки фарзандонашро ҳангоми аз мактаб баргаштанашон вомехӯрад ва дуруд мегӯяд. Баъд онҳо бо навбат ба кабинети Ӯ медароянд ва болои зонуи ӯ нишаста (онҳо аллакай наврасонанд!) оиди чӣ тавр гузаштани рӯз дар мактаб нақл мекунанд. Одатан ин раванд на зиёда аз 15 дақиқа вақти кории ӯро мегирад, аммо ин ба ӯ имкон медиҳад, ки бо фарзандонаш муносибати дӯстона дошта бошад, барои онҳо бошад имконияте пайдо мешавад, ки оиди мушкилоти худ нақл кунанд ё ҳамроҳи падар дар анҷоми рӯзи мактабӣ шодӣ кунанд.

Шояд, ин усул ба шумо рост намеояд. Аммо бояд чизеро пайдо намоед, ки барои ба фарзандон бодиққат будан ва ҳамеша ҳис кардани он чи бо онҳо рӯй медиҳад, ёрӣ диҳад.

## Гӯш карда тавонистан

Корчалоне ки бо муваффақият кор мекунад, оиди муносибатҳо бо писари 18-солааш хавотир шуда, барои маслиҳат назди Норм омад. Ин падар нақл кард, ки писараш водоркунандаҳои дуруст надорад, маводи мухаддир истеъмол мекунад ва муносибатҳои вайронкунанда барпо намудааст. Муоширата байни падару писар душвор гардида, қариб қатъ шудааст.

Норм пешниҳод намуд, ки ӯ ҳафтаи оянда писарашро бо худ ба кафе барад — на барои хондани ваъз оиди ахлоқ. „Вазифаи шумо ба писар таваҷҷӯҳ зоҳир намудан аст. Суханҳои ӯро гӯш кунед“.

Ҳангоме ки ин корчалон ҳафтаи оянда омад, ин вохӯриро тасвир намуд.

„Аксуламали писаратон чӣ гуна буд?“ — пурсид Норм.

Падар чунин сар кард: „Хуб, ӯ гуфт, ки дар давоми тамоми хӯрокхӯрӣ интизори он буд, ки кай «раъду барқ» мешавад!“ Писар интизори он буд, ки падараш ӯро таънаву маломат мекунад, зеро ҳар боре ки онҳо бо ҳам гап мезаданд, маҳз ҳамин тавр мешуд. Писар хеле ҳайрон шуд, ки падар фақат мехост ба суханони ӯ гӯш диҳад!

Падароне ки дар ҳақиқат мехоҳанд барои фарзандонашон паноҳгоҳ шаванд, бояд дар худ ҳунари гӯш карданро инкишоф диҳанд. Бисёр вақт чунин мешавад, ки фарзандонамон ба хона гирён, бо табъи хира, гирифтори мушкилӣ меоянд, ва ҳамин ки онҳо оиди мушкилии худ гап мезананд, мо, падарон, дарҳол таънаву маломат мекунем, дастур ё маслиҳат медиҳем:

„Магар ман ба ту нагуфта будам...“

„Ту дар бораи чӣ фикр мекардӣ!“

„Бовариям намеояд, ки ту чунин аблаҳона рафтор кардаӣ!“

„Не, ин аллакай аз ҳад гузашт!“

„Хайр, фаҳмидам. Акнун ту бояд чунин кунӣ...“

Аммо агар мо робитаи падариро бунёд намуда, бо дуоҳо симои Ӯро дар падарии худ инъикос кардание бошем, бояд вақт сарф намуда, аввал гӯш кунем, тамоми воқеаро фаҳмем, танқид ё маҳкумкуниро боздорем ва ба фарзандонамон имкон диҳем, то мушкилоти худро баён кунанд ва натарсанд, ки мо хулосаҳои фаврӣ мебарорем ё дарҳол маҳкум менамоем.

## Ҳақиқатро бо муҳаббат гуфта тавонистан

Ҳангоме мо, падарон, фаромӯш мекунем, ки ба ҳар даҳ мулоҳизаи манфӣ оиди фарзандонамон фақат як мулоҳизаи мусбат рост меояд, фаҳмидан душвор нест, ки чаро фарзандон бисёр вақт паноҳгоҳро на дар мо меҷӯянд. Бисёрии падарон, ҳар қадар боинсоф ва дилкушод бошанд ҳам, аксаран мекӯшанд мулоҳизаҳои пур аз танқид, фармон ва ё талабҳо баён кунанд.

Ана барои чӣ муҳим аст, то ба суханони худ аҳамият диҳем. Ҳавворӣ Павлус моро огоҳ менамояд: „Ҳеҷ як сухани қабеҳе аз даҳонатон набарояд, балки фақат сухани нек, ки дар вақти эҳтиёҷот барои обод кардан бошад, то ки ба шунавандагонаш файз бахшад“ (Эфсӯсиён 4:29).

Он чи мо мегӯем, одатан ба яке аз ин ду категория тааллуқ дорад: 1) хабари вайронкунанда, танқидӣ ва ғайрисудманд ё 2) хабари мусбат, таҳсинкунанда ва насиҳаткунанда.

Фарз мекунем, ки мову шумо дар як ҳуҷра ҳастем. Шумо маро шинохтед ва мехоҳед худро шиносонед. Шумо назди ман меоед ва даст дароз карда, мегӯед: „Салом,Ҷош, ман...“ Аммо ман интизори давоми суханатон нашуда, ба рӯятон як торсакӣ мезанам. Шумо аз ин рафтори аҷиби ман ҳайрон, хиҷил ва сахт озурда шудаед. Шумо ба гӯшаи ҳуҷра бармегардед ва он ҷо истода фикр мекунед, ки акнун чӣ бояд кунед. Ниҳоят шумо қарор медиҳед, ки бори дигар кӯшиш мекунед, ва дар айни ҳол боэҳтиёттар, маро мушоҳида карда наздик меоед. Ман боз ҳам ба рӯятон торсакӣ мезанам. *Шумо чанд бори дигар ба ман наздик омаданӣ мешавед*? Суханони мо ба монанди зарбаи ҷисмонӣ дард расонда метавонанд. Суханон захмдор мекунанд. Суханон пайи захм мегузоранд. Агар мо ба фарзандон бо танқид, истеҳзо, маҳкумкунӣ ва нафрат рӯ оварем, ҳангоми ба нохушиҳо дучор шудан онҳо хоҳиши назди мо омадан нахоҳанд дошт. Аммо агар мо ҳар як мушкилиро бо усули мусбат аз назар гузаронда, „ҳақиқатро бо муҳаббат гӯем“[4], худро барои фарзандонамон дар нақши паноҳгоҳ пешкаш менамоем.

## Ҳамроҳи фарзандон қадам мезанем

Дар бозиҳои олимпии соли 1992 дар Барселона яке аз воқеаҳои хотирнишин дар таърихи варзиш рӯй дод.

Дерек Редмонд аз Британияи Кабир дар роҳи амалӣ гардондани орзуи деринаи худ буд — ба даст овардани медали тилло. Ӯ дар мусобиқаҳои давидан ба масофаи 400 метр ба нимфинал баромад, ва

ҳамин ки таппончаи старт садо дод, ибтидои давиданаш хеле хуб буд. Дерек масофаи асосии ҳаёти худро тай мекард, ва хатти марра аллакай наздик буд, аммо ҳамин вақт вай дар пои росташ дарди сахтеро ҳис кард. Ӯ бо раги даридаи пояш ба роҳ афтид. Мусобиқа барои Дерек анҷом ёфт.

Ҳанӯз пеш аз он ки духтурон наздаш давида оянд, ӯ кӯшиш кард бархезад. Агарчи ҳамаи варзишгарон аллакай аз ӯ гузашта буданд, ӯ оҳиста, ҷаста-ҷаста ва лангида, бо ашкҳои дард ва дилшикастагӣ дар рухсор ба пеш ҳаракат кард ва ният дошт масофаро то охир давад. Ногоҳ марде аз байни посбонон гузашта, сӯи Дерек шитофт. Ӯ Дерекро ба оғӯш гирифт. „Ин корро кардани ту ҳатмӣ нест“, — гуфт Ҷим Редмонд ба писараш, ки мегирист.

„Не, ман бояд ин корро кунам“, — ҷавоб дод Дерек.

„Хуб, майлаш, — гуфт падар, — пас, мо инро ҳамроҳ мекунем“.

Падари Дерек китфони писарашро ба оғӯш гирифт, ва онҳо бо қатъият посбонони ҷамъшударо аз роҳ дур карда, сӯи хатти марра равона шуданд. Онҳо ҳамроҳ меҷастанд ва мелангиданд, ва гоҳо Дерек рӯяшро ба китфи падараш ҷафс мекард, аммо онҳо то хатти марра тамоми масофаро гузаштанд.

Тӯдаи мардум дар нишастгоҳҳои майдони варзишӣ ин саҳнаи ғайриоддиро мушоҳида мекарданд. Баъд мухлисон рост истода, ин мақсаднокӣ ва пурсабрии писар ва дастгирии падарро бо шодбошҳо ва нидоҳо таҳсин намуданд.

Чанд бор ман дар нишастгоҳи стадион истода будам, ҳангоме ки мебоист ба майдон баромада, фарзандонамро дастгирӣ кунам? Бояд иқрор шавам, ки хеле бисёр. Аммо барои фарзандон паноҳгоҳ будан —ҳамроҳи онҳо давидан, бардошта бурдан не, аммо ҳангоме ки онҳо бо дард ва дилшикастагӣ рӯ ба рӯ мешаванд, дар наздашон будан аст. Ин маънои онро дорад, ки ба онҳо чунин бигӯед: „Мо якҷоя ҳамаи инро паси сар мекунем“. Ин маънои онро дорад, ки тӯдаи тамошобинонро таҳаммул намоед ва нидоҳои танқидкунандагонро сарфи назар кунед. Ин метавонад хатарнок бошад, аз нуқтаи назари касбӣ оқилона набошад, аммо чунин кардан меарзад, то суханони фарзандатонро шунавед, ки мегӯяд: „Ташаккур, падар, ту ҳимоятгари ман ҳастӣ“.

## Муқаррар намудани маҳдудиятҳои оқилона

Барои ба фарзандони худ паноҳгоҳ шудан волидони мусоҳилакор будан лозим нест, ки ҳеҷ гоҳ сухани мухолиф намегӯянд ва ҷазоро

истифода намебаранд. Тамоман баръакс.

Боре ман дар маҳалли кӯҳсор дар наздикии хонаамон дар Ҷулиэн, штати Калифорния, сайругашт мекардам, ва бо шахсе вохӯрдам, ки дар фургони болопӯшида дар тамоми Амрико саёҳат мекард. Ӯ бозистод, то ба хачирҳояш имкон диҳад, ки дар алафзори наздик чаранд, ва мо бо ҳам сӯҳбат кардем. Маълум шуд, ки ӯ дар парвариши ҳайвонот таҷрибаи калон дорад ва ман ба ӯ чунин савол додам: „кадом муҳит дар ин ҷо барои парвариши чунин ҳайвонот, ба монанди хачирҳои шумо, бештар мувофиқат мекунад? Чарогоҳҳои кушода, чарогоҳи калони таворадор ё коррал?“ (англ. corral — қитъаи хурди замин барои нигоҳдории ҳайвоноти калони хонагӣ, ки тавораи симхордор ва сохтмонҳои чӯбин дорад — Тавзеҳи таҷумон.)

Ӯ бе дудилагӣ ҷавоб дод: „Албатта чарогоҳи таворадор“.

„Чаро?“

„Барои он ки ҳангоме ҳайвонот дар чарогоҳҳои кушода ҳастанд, онҳо гум шуда метавонанд. Бисёр вақт ба онҳо ҳайвоноти дарранда ҳуҷум мекунанд. Заминҳои кушода хеле хатарноканд. Аммо агар шумо онҳоро дар коррал нигоҳ доред, лозим меояд, ки доимо онҳоро бо ҳама чизи даркорӣ таъмин намоед. Онҳо наметавонанд дар атроф қадам зада, барои худ хӯрок ёбанд. Аммо вақте ки шумо онҳоро ба чарогоҳи таворадор сар медиҳед, ҳама чизи даркорӣ дар пеши онҳост, ва ба ҳар ҳол онҳо метавонанд озодона ҳаракат кунанд“.

Ин сӯҳбат ба он чи дар Навиштаҳо гуфта шудааст, шабоҳати ҳайратовар дорад. Падари дӯстдор ба мо ҳама чизи даркориро дод, „дар чарогоҳҳои сералаф маро мехобонад, сӯи обҳои роҳатафзо маро мебарад“ (Забур 22:2). Аммо Ӯ ҳамчунин маҳдудият низ гузоштааст — шариати комили озодӣ ва ростии Ӯ, ки моро дар Масеҳ озод мекунад (ниг. Яъқуб 1:25; Юҳанно 8:32). Чарогоҳҳои таворадор на фақат барои ҳайвоноти хонагӣ, балки барои фарзандон низ хубанд. Фарзандон дар маҳдудиятҳои солим инкишоф меёбанд, ҳангоме ки волидон на беандоза сахтгир ва на беҳад фориғбол ҳастанд.

Фарзанд дар ҷустуҷӯи паноҳгоҳ сӯи падар медавад, агар ин падар ғамхорона маҳдудиятҳои солим барпо намуда бошад, ки роҳнамои фарзанд мебошанд, бе он ки ӯро хашмгин кунанд (ниг, Эфсӯсиён 6:2). Падарон вазифадоранд ба фарзандонашон ҳудудҳое муқаррар намоянд, ки дар муҳаббати падарона, қабулкунӣ ва ғамхорӣ асос ёфтаанд.

## Барпо намудани системаи дастгирӣ

Маданияти амрикоӣ майл ба он дорад, ки мардонро чун худпарастони мустақил ва худкифоякунанда тасвир намояд, ки душвориҳои худро мустақилона бартараф мекунанд. Бисёр мардон бо душворӣ иқрор мешаванд, ки ягон хел эҳтиёҷ ё мушкилӣ доранд. Барои бисёриҳо аз дигарон ёрӣ хостан хеле душвор аст.

Аммо барои ба фарзанди худ паноҳгоҳ шудан дар системаи дастгирӣ иштирок намудан талаб карда мешавад. Он бояд ба тамоми ҷамъияти масеҳӣ дахл кунад. Аҳамияти калон дорад, вақте ки имконияти бо ҳамфикрони худ кор кардан дошта бошед — дар калисоятон, дар гурӯҳи ҷавонон, бо шубонон, муаллимон, тренерҳо, дӯстони оила, то баҳри ба фарзандон барпо намудани макони бехатар сарчашмаҳо, ақидаҳо ва қувваро бо ҳам бинед.

Хушбахтона, ҳангоме ки фарзандонамон ҳанӯз хурд буданд, ман ва занам Дотти тавонистем бо дӯстонамон Дик ва Шарлотта Дэй чунин муносибатҳо барпо намоем. Мо дар наздикии ҳамдигар зиндагӣ мекардем. Мо бо ҳам, алоҳида ва бо тамоми аҳли ду оила вақти бисёреро мегузарондем. Мо бо якчанд мошин ба мактаб ва калисо мерафтем. Оилаи Дэйҳо гоҳо ягон кӯдакеро аз оилаи Макдауэллҳо бо худ гирифта метавонистанд ва мо низ бо фарзандони онҳо чунин мекардем.

Амалӣ гардондани чунин системаи ёрии ҳамдигарӣ самарҳои нек овард. Яке аз писарони Дик боре ба падараш иқрор шуд: „Агар ту падари ман намебудӣ , ман мехостам, ки Ҷош падарам бошад“. Ва боре, ҳангоме ман аз Ҳезер пурсидам, ки ба фикраш, кӣ падари беҳтарин аст (ба ғайр аз ман, албатта!), ӯ ҷавоб дод: „Дик“. Ман аз дарки он хушнудам, ки дар ҳаёти фарзандони ман боз як „симои падар“ ҳаст, ва дар лаҳзаҳои душвор онҳо метавонанд ба ин шахс муроҷиат кунанд.

Чунин системаи дастгирии ҳамдигарӣ ба фарзандони ман ҳисси дар ҳимоя буданро медиҳад. Албатта, ман мехоҳам, ки онҳо дар ман паноҳгоҳ ёбанд, аммо дарки он ки дигар калонсолоне ҳам ҳастанд, ки дар ҳолати бӯҳронӣ фарзандонам ба онҳо муроҷиат карда метавонанд, ба онҳо ва ба ман низ хеле ёрӣ медиҳад. Агар шумо чунин системаи дастгирии ҳамдигарӣ надошта бошед, барпо намудани онро сар кунед. Дигар масеҳиёнро даъват намоед, то ки ҳамроҳи онҳо кор ва дуо кунед. Аз фарзандонатон пурсед, ки онҳо мушкилоти худро бо кӣ муҳокима карда метавонанд. Ва наҳаросида, аз дӯстони худ пурсед, ки чӣ тавр барои фарзандони худ ва фарзандони онҳо бештар дастрас шуда метавонед.

Фарзандони мо дар ҷаҳони пуршиддат, серталаб ва гоҳо рӯҳафтодакунанда зиндагӣ мекунанд. Баъзеи онҳо ба фишори беандоза дучор мешаванд — дар мактаб, дар хона, ва ҳатто дар калисо. Онҳо метавонанд хиҷолат кашанд, рӯҳафтода шаванд ва худро беҳимоя ҳис кунанд. Аммо ҳангоме ки онҳо паноҳгоҳ — макони бехатар доранд, онҳо метавонанд худро дар ҳимоя ҳис кунанд ва боварӣ дошта бошанд, ки ба ҳама гуна воқеаҳо нигоҳ накарда, падар назди онҳо хоҳад буд ва ба онҳо бовар карда, ҳимоя ва дастгирӣ хоҳад намуд.

Агар мо ба фарзандон инро дода тавонем — донистани онро, ки онҳо ҳамеша метавонанд дар падари худ паноҳгоҳ ёбанд, — аз эҳтимол дур аст, ки онҳо дар маводи мухаддир ва май тасалло ҷӯянд. Имконияти камтар хоҳад буд, ки онҳо паноҳ ва таҳсини ҳамсолон ё дӯстони шубҳанокро хоҳанд ҷуст. Аниқтараш, дар лаҳзаи бӯҳронӣ онҳо ба падари худ рӯ меоваранд, ва имконияти бештар ҳаст, ки ба ӯ боварӣ мекунанд. Ва низ тӯфонҳои дар атрофашон мавҷзанандаро осонтар паси сар мекунанд.

Бигузор ҳар як кӯдак дар Падари мо ва дар падари худ паноҳгоҳ ёбад.

## Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Оё Худо барои шумо паноҳгоҳ ҳаст? Кадом ҷиҳатҳои тавсифоти Падари Осмонии мо шуморо водор мекунанд, ки дар лаҳзаҳои душворӣ ба Ӯ мурочиат намоед? Шумо ин хислатҳо ва тавсифотро дар ҳаёти худ чӣ гуна инъикос карда метавонед?

2.* Дар ҳафтаи оянда бо ҳар яки фарзандон (алоҳида) берун аз хона ба хӯрокхӯрӣ рафтанро ба нақша гиред. Чунон амал намоед, ки Норм ба падаре ки дар муоширaт бо писараш мушкилот дошт, маслиҳат дод; ба худ мақсад гузоред, ки вақтро бо *шунидан* гузаронед. Чунин саволҳо диҳед: „Ҳозир ту кадом мушкилот ё безобитагиҳои ҷиддӣ дорӣ?“, „Ту мушкилоти худро бештар бо кӣ муҳокима менамоӣ?“, „Оё ту мехостӣ бо мушкилоти худ назди ман биёӣ?“, „Оё ту мушкилоте дорӣ, ки оиди онҳо бо ман гап заданат душвор аст?“

3.* Барои ҳар яки фарзандонатон як лоиҳа ё мушкилиеро муайян намоед, ки онҳо дар он соҳа ба ёрӣ муҳтоҷанд. Шумо чӣ карда метавонед, то ба фарзандатон „китф ба китф“ қадамгузор бошед ва ӯро дастгирӣ намоед?

4.* Фарзандонатон (ба ғайр аз падару модар) кадом системаи дастгирии байниҳамдигарӣ доранд? Оё дар ҳаёти онҳо дигар калонсолоне ҳастанд, ки фарзандонатон тавонанд мушкилоти худро оромона ва бо боварӣ ҳамроҳи онҳо муҳокима кунанд? Агар надонед, аз фарзандонатон пурсед. Агар ҷавоб манфӣ бошад, оиди он фикр кунед, ки системаи дастгирии онҳоро чӣ гуна тақвият додан мумкин аст?

5.* Дар сатрҳои дар зер пешбинишуда (ё дар варақи алоҳида) рӯйхати самтҳоеро тартиб диҳед, ки дар онҳо бояд кор кунед, то ки барои фарзандонатон паноҳгоҳ ва ҳимоя бошед (ба қадри имкон муфассал ҷавоб диҳед).

# Падар — дӯст



Майки сисола дар маросими дафни падараш дар паси минбар истода, мегирист. Бисёриҳо аллакай ба марҳум суханони хайрбод гуфтанд. Марҳум 35 соли умрашро ба хизмати рӯҳонӣ бахшида, дар даҳаи шашуми зиндагӣ аз бемории саратон (рак) вафот карда буд. Дар нутқҳои хайрбод оиди муҳаббати ӯ ба Худо, лаёқатҳои кории ӯ ва садоқат ба оила гуфта мешуд. Ҳар як гӯянда самимӣ буд ва оиди марҳум ва зиндагии сазовори ӯ хотираҳои неки худро баён менамуд. Ва фақат Майк метавонист дар нутқи худ падарро беҳтар аз ҳама ба ёд оварад.

Ӯ оиди рӯзҳое нақл кард, ки хурдакак буд ва болои зонуи падараш нишаста, афсонаеро паси дигаре гӯш мекард. Оиди он нақл кард, ки чӣ тавр дучархарониро ёд мегирифт. Оиди ба моҳигирӣ рафтан. Оиди мусобиқаҳои баскетболи як ба як. Оиди вохӯриҳо дар майдони теннис. Оиди серфинг дар пляж. Оиди хурӯшҳои эҳсосотии падар, ҳангоме ки ӯ мактабро хатм намуд, ва баъд ҳангоме ки ӯ оиладор шуд, ва боз як бори дигар, ҳангоме ки ӯ коллеҷро хатм намуд. Ва боз сӯҳбатҳои тӯлониро, ҳангоме ки писар назди бистари падари мурдаистода навбатдор буд.

„Ӯ дӯсти беҳтарини ман буд, — гуфт Майк, ва овози ӯ зери фишори эҳсосот канда мешуд. — Ман падари худро пазмон мешавам. Аммо ман гумон мекунам, ки бештар дӯсти беҳтарини худро пазмон мешавам“.

Ин сухани охирин тазодест бо нақли ҳамсари ноиб-президенти корхонаи бузурги сохтмонӣ. Боре ин зан баромади маро дар калисои маҳаллӣ шунид ва баъд дар ресторан назди ман омад. Ҳангоме ки мо вохӯрдӣ намудем, вай банохост гиря кард.

„Ман мехостам бо шумо сӯҳбат кунам, — гуфт вай дудила шуда,

—шавҳари ман ба наздикӣ вафот кард. Ӯ дар як сол 1 миллион доллар ба даст меовард. Ӯ дар тамоми ҷаҳон сафар карда, бо сохтмон ва лоиҳасозӣ машғул мешуд, аммо ҳеҷ гоҳ ба фарзандонаш диққат намедод, ҳатто ҳангоме ки дар хона буд, Ҳамаи фарзандонаш аз ӯ рӯ гардонданд, ва ҳангоме ки калон шуданд, бо падари худ ҳеҷ умумияте доштан нахостанд. Дар бистари марг ӯ ба ман иқрор шуд, ки ҳамчун шахси бадбахттарин мемирад. Ӯ чунин гуфт: «Ман обрӯю эътибор пайдо кардам, аммо оилаи худро аз даст додам...»“.

Боварӣ дорам, шумо медонед, ки ман ба кадоме аз ин падарон монанд будан мехоҳам. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки падари Майк ҳамон гуна буд. Ман мехоҳам падаре бошам, ки аз ҷамъияти фарзандон ҳаловат мебарад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки духтараш ба коргоҳи падар „фақат барои гап задан“ занг мезанад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки писар аз ӯ хоҳиш мекунад, то дар тӯяш дӯсти домод бошад. Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки барои фарзандон дӯст мебошад.

Чунин вазифа барои бисёрии мардон хеле душвор аст. Албатта, дар замони мо ин назар ба як ё ду насли пешина осонтар аст. Ҷерри Адлер, ки барои маҷаллаи „Нюсуик“ менависад, нақл мекунад:

> Роберт Блюменфелд, соҳибкор аз Сан-Франсиско, ки 49-сола аст, то ҳол аниқ дар ёд дорад, ки падар бо ӯ чанд бор тӯббозӣ кардааст (як бор) ва ҳангоме ки писар мактабро бо баҳои аъло хатм намуд, падар гуфт, ки як ҷавони 18-сола андаке пештар созишномаро бо дастаи бейсбол ба маблағи 100000 доллар имзо кард. Дэн Кенигсҳофер, муҳандиси 46-сола аз Пепел Ҳилл, штати Каролинаи Шимолӣ, дар ёд надорад, ки „падар ягон бор гуфта бошад, ки маро дӯст медорад“ (агарчи боварӣ дорад, ки падар ҳақиқатан ӯро дӯст медошт, аммо хомӯшона, чуноне ки дар солҳои 50-ум маъмул буд). Дэйвид Уэйнстейн, иқтисодчӣ аз Гарвард, аниқ медонад, ки ҳангоме (32 сол пеш) ӯ таваллуд шуд, падараш дар куҷо буд. Падар дар коргоҳи худ буд. Он вақтҳо ҳатто дар рӯзи дуюми таваллудшавии писар дидани ӯ хеле зуд ҳисобида мешуд...[1]

Албатта, мо метавонем на он тавре бошем, ки падарони мо буданд, аммо бисёриҳои мо чун пештара аз тасаввуроти нодуруст оиди падарӣ азоб мекашанд. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки марди идеалӣ бояд „махо“ бошад (англ. „macho“ аз „majo“ исп.) — марди ҳақиқӣ, ки ба ҳиссиёт дода намешавад ва бо сахтгирӣ фарқ мекунад), ки худпарасти

боқувват буда, ба касе эҳтиёҷ надорад. Баъзеҳо бовариеро ба мерос гирифтаанд, ки „мардҳо кор мекунанд, занҳо бо фарзандон машғул мешаванд“. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки агар барои фарзандони худ дӯст шаванд, ин чун нишонаи сустӣ ҳисобида мешавад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки вазифаи асосии падар — дар пеши назари зану фарзандон нуфуз ва эътибори худро зоҳир намудан аст. Баъзеҳо аз боиси муносибатҳои боваринок ва наздик андаке асабонӣ мешаванд ва ҳатто аз онҳо метарсанд. Баъзеҳо тамоман софдилона намедонанд, ки *чӣ гуна* барои фарзандон дӯст шаванд, зеро ҳеҷ гоҳ чунин муносибатҳоро бо падарони худ надоштанд.

Новобаста ба он ки муносибатҳои мо бо падаронамон то чӣ андоза бад ва ё дур буданд, ба ҳар ҳол мо дар пеши назар моделеро дорем, ки падар чӣ гуна метавонад барои фарзандон дӯст шавад. Ин намуна, албатта, дар Падари Осмонии мо ошкор мешавад.

## Чӣ Дӯсти хубе дорем

Чуноне ки табиат ва хислати Худо асоси ҳама чизи дуруст ва хуби бароямон маълумро ташкил медиҳанд, Худи Ӯ низ ҳамон гуна меъёри падариро ифода мекунад. Ва дар ин меъёр Ӯ чун Падаре амал мекунад, ки дӯсти фарзандони худ мебошад.

Дастрас будан ва хоҳиши дӯсти фарзандон будани Ӯ дар тӯли асрҳо дар ҳамкории Ӯ бо мардону занон ифода меёбанд. Иброҳим (ки Парвардигор имони ӯро мукофотонида, ӯро „падари халқҳои бисёр“ гардонд)[2] дар Китоби Муқаддас чун дӯсти Худо зикр мешавад.

> *Ту, охир, эй Худои мо, сокинони ин заминро аз пеши қавми Худ Исроил бадар рондаӣ, ва онро ба насли дӯсти Худ Иброҳим ба сурати абадӣ додаӣ* (2Вақоеънома 20:7).

> *Валекин ту, эй бандаи Ман Исроил, ва эй Яъқуб, ки туро баргузидаам, ва эй насли дӯсти ман Иброҳим* (Ишаъё 41:8).

> *Ва он навиштаҳо иҷро шуд, ки мегӯяд: „Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои Ӯ адолат ҳисоб карда шуд, ва ӯ дӯсти Худо номида шуд“* (Яъқуб 2:23).

Ҳангоме исроилиён дар биёбон сандуқи аҳдро сохтанд ва Мусо ба хаймаи ҷомеъ медаромад, то Парвардигорро ҳамд гӯяд ва бо Ӯ сухан ронад, сутуни абр, ки шаҳодати ҳузури Худо буд, назди даромадгоҳи хайма пайдо мешуд.

> *Ва Худованд бо Мусо рӯ ба рӯ сухан меронд, чунон ки касе бо ёрӣ худ сухан меронад...* (Хуруҷ 33:11).

Ҳангоме ки Парвардигор ба воситаи пайғамбар Самуил ба Шоул, подшоҳи якуми Исроил, муроҷиат намуда гуфт, ки аз ҳуқуқ ба тоҷ ва подшоҳӣ маҳрум шудааст, Самуил ҳамчунин подшоҳии Довудро пешгӯӣ намуд, ки суханони зерин оиди дӯстии ӯ бо Парвардигор шаҳодат медиҳанд:

> *Вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид: Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва ӯро Худованд бар қавми Худо раис таъин хоҳад кард, зеро ки ту он чиро, ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардаӣ* (1Подшоҳон 13:14).

Он иборае ки Самуил ба Довуд дахлдор менамояд — „шахси дигарро ба муддаои табъи Худ“, ба умумият, муносибатҳои нодири дӯстона ва боваринок ишора мекунанд.

Ва мо ба монанди Иброҳим, Мусо ва Довуд имтиёз дорем Падари худро дӯсти худ номем. Падари Осмонии мо барои фарзандон дӯст аст. Ӯ ба мо дастрас аст. Ӯ мехоҳад бо мо вақт гузаронад. Ӯ худро дар пеши мо ошкор менамояд. Ӯ моро медонад ва ҳамеша кӯшиш мекунад, ки мо Ӯро беҳтар шиносем. Ӯ аз ҷамъияти мо лаззат мебарад. Ӯ аз хандаи мо ҳаловат мебарад, таҳсини Худро изҳор менамояд ва аз пирӯзиҳои мо шод мешавад.

Зикр кардан муҳим аст, ки Худо эҳтиёҷ надорад, то байни дӯст ва ё Падар будан интихобе кунад. Ӯ ҳеҷ кадом зуҳуроти Худро афзал намедонад. Ӯ Падари мост; ин табиати Ӯст. Ӯ дӯсти мост; ин инъикоси табиати Ӯст. Барои фарзандон дӯст будан — ифода намудани яке аз сифатҳоест, ки умуман ба падар хос мебошанд.

Ман мехоҳам маҳз ҳамин гуна падар бошам. Ман мехоҳам барои фарзандон ҳам падар ва ҳам дӯст бошам. Мн мехоҳам, ки дӯстӣ бо фарзандон инъикоси падарии ман бошад. Ман ӯҳдадориҳои падарии худро фидои кӯшишҳои нодуруст фаҳмидашавандаи сазовори дӯстии

фарзандон шудан намекунам; ман аз Падари худ фаҳмидам, ки ин зарур нест. Агар ман ба Падари Осмонии худ монанд шуданӣ бошам, бояд ҳар рӯз ба воситаи Рӯҳулқудс ба Ӯ таваккал намуда, дар амалӣ гардидани нақшаҳое ки барои ташаккули дӯстии ҳақиқӣ бо фарзандонам ёрӣ медиҳанд, мадади Ӯро ҷӯям.

## Дастрас бошед

Фарз мекунем, ки шумо дӯсти хуби сарвари корхонаи калон ҳастед. Имрӯз ҷумъа аст, ва шумо бо дӯсти худ вохӯрданӣ ҳастед. Шумо ба офиси ӯ меоед ва аз котиба мепурсед, ки оё бо ӯ гапзанон кардан мумкин аст — ҳамагӣ якчанд дақиқа.

„Ман афсӯс мехӯрам, — мегӯяд котиба, — аммо вақти ӯ то рӯзи сешанбеи оянда зич ба нақша гирифта шудааст. То он вақт интизор шуданатон лозим меояд".

„Гӯш кунед, — мегӯед шумо бо табассуми узрхоҳона, — ман вақти ӯро бисёр намегирам. Илтимос, ба ӯ гӯед, ки ман ҳақиқатан бояд бо ӯ гапзанон кунам. Ин ҳамагӣ як дақиқа вақтро мегирад".

Котиба ба сарвар занг зада, ба ӯ мегӯяд, ки назди ӯ омадаанд. Ӯ номи шуморо зикр мекунад, аммо шумо овози дӯстатонро аз селектор мешунавед: „Маро безобита накунед. Вохӯриро ба рӯзи сешанбеи оянда гузоред".

Шумо дар чунин вазъият чӣ ҳис мекардед? Шумо чӣ фикр доред, оё чунин рафтори сарвар ба дӯстии шумо таъсир мерасонд? Оё шумо баъд аз ин ҳам ӯро дӯсти наздики худ меҳисобидед? Аниқтараш, тахмин мекардед, ки муносибати шумо ба ин дӯстӣ аз муносибати вай хеле фарқ дорад.

Ҳангоме ки шумо ба фарзандон дастнорас ҳастед, онҳо маҳз ҳамин гуна ҳиссиётро аз сар мегузаронанд. Ҳа, албатта, ман мефаҳмам, ки гоҳо наметавонед кореро, ки бо он машғул ҳастед, фавран қатъ намоед. Шумо на ҳамеша метавонед ҳама корро партофта, ба саволи кӯдак ҷавоб диҳед ва ё бо варзишгари ҷавон тӯббозӣ кунед. Аммо бо вуҷуди ин, бисёриҳо метавонанд аз он тавре ки ҳастанд, хеле дастрастар бошанд.

Боре ман ба ҳолати бӯҳронӣ афтода будам, ки мебоист дастхатро дар вақти муқарраршуда анҷом медодам. Дар ҳамин ҳолат Шон, ки он вақт ҳамагӣ ҳафтсола буд, назди ман омад. Ман ба ӯ ҳатто имкони гап задан надодам.

„Ҳозир не, Шон, — гуфтам ман, — ман бояд ин дастхатро ба анҷом расонам".

Ҳамин ки писари маъюсшудаи ман берун баромад, дарҳол Дотти наздам даромад.

„Азизам, — гуфт вай, — ту ҳамеша мӯҳлати супоридани дастхатро риоя мекунӣ, аммо ба писари ҳафтсолаат, ки барояш андаке диққати ту даркор аст, на ҳамеша таваҷҷӯҳ менамоӣ“.

Ҳақ ба ҷониби ӯ буд, ва ман инро медонистам. Ман лаҳзае дудила нашуда, қаламро ба як сӯ гузоштам ва ба ҷустуҷӯи Шон баромадам.

Ин яке аз дарсҳои зиёде барои дастрас будани ман гардид. Ман фаҳмидам, ки дӯстӣ бо фарзандон на фақат диққатро — ҳамроҳи онҳо ба кафе рафтан, сафарҳо ба Диснейленд ва ғайра, балки ҳамчунин дастрас буданро металабад, яъне ҳангоме ки онҳо бо ман гап задан ҳастанд, ё фақат оромона муддате назди ман будан мехоҳанд, ман бояд ба ин омода бошам.

## Ошкоро бошед

То калон шудан фарзандон бо бисёр душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Агар калонсолоне ки кӯдакон ба онҳо тақлид мекунанд, чун худоён комил ва беайб бошанд, фарзандон метавонанд худро бадтарин ва мушкилоти худро шаҳодати норасоӣ ҳисобанд. Ҳаёт дар байни чунин „худоён“ хеле тарсовар буда метавонад. Ба фарзандони мо муносибатҳо бо калонсолоне даркор аст, ки андаке ошкорбаён буда метавонанд.

Ошкорбаёнӣ мувофиқ ё номувофиқ буда метавонад. *Ошкорбаёнии номувофиқ* худфошкуниро дар бар гирифта метавонад, ки барои кӯдакон зарарнок аст. Падаре ки доимо худро танқид мекунад, корҳои худро аблаҳона меҳисобад ё борҳо нобарориҳои худро зикр мекунад, ошкорбаёнии номувофиқро зоҳир мекунад. Ӯ модели худбаҳодиҳии пастро меофарад, ки ин дар навбати худ, боиси дар кӯдакон реша гирифтани ҳисси беҳимоятӣ мегардад. Фарзандон чунин падарро белаёқат меҳисобанд, ва аз эҳтимол дур аст, ки дар лаҳзаҳои душворӣ ба ӯ рӯ оваранд.

*Ошкорбаёнии мувофиқ* ба фарзандон имкон медиҳад, ки ҷаҳони ботинии падарро бинанд. Онҳо мешунаванд, ки падар оиди мавридҳои дар кӯдакӣ ва ҷавониаш рӯйдода нақл мекунад. Онҳо ошкор менамоянд, ки падар мардонагӣ ва нақши худро дар ин зиндагӣ чӣ гуна дарк менамояд. Ошкорбаёнии мувофиқ ба фарзандон ёрӣ медиҳад, то фаҳманд, ки падар нобарориҳоро чӣ гуна паси сар мекунад, ба муваффақиятҳо, дилмондагиҳо, таҳсин ва ё танқид чӣ аксуламал нишон

медиҳад. Ошкорбаёнии мувофиқ ҳамчунин баён карда тавонистани ҳиссиёти худро дар бар мегирад. Бисёр мардон ба ҷои изҳор намудани ҳиссиёти худ мекӯшанд онҳоро хомӯш кунанд, гиря барои чунин мардон табу (манъшуда) аст. Аммо агар шумо оиди хурсандиҳо, дилмондагиҳо, тарсҳо ва мақсадҳои худ оромона гап задан, гиристан, хандидан тавонед, шумо ба фарзандонатон ёрӣ медиҳед, то шуморо шиносанд ва ҳамин тариқ дарҳоро барои дӯстӣ мекушоед.

## Саволҳои кушода диҳед

Ман ҳамеша кӯшиш мекунам ба фарзандон чунон саволҳое диҳам, ки сӯҳбатро тақвият медиҳанд ва барои беҳтар фаҳмидани якдигар ёрӣ медиҳанд (ва ин, албатта, дӯстии моро мустаҳкамтар мекунад). Ман доимо ин корро мекунам — хоҳ дар сари рул бошам, хоҳ ҳангоми сайругашт, ё дар бонк навбат истода бошам.[3] Баъзе саволҳое ки ман медиҳам, тақрибан чунин буда метавонанд:

„Агар ту оилаи моро дигаргун карданӣ мебудӣ, инро чӣ гуна мекардӣ?“ (Устувор бошед, то ҷавобро сазовор пешвоз гиред!)

„Агар ту падари оилаи мо мебудӣ, чиро дигар хел мекардӣ?“ (Барои шунидани ҷавоб ба ин савол низ устувор бошед!)

„Ту кай аз ҳама беҳтар дилхушӣ карда будӣ?“

„Бори охир кай табъи ту хира буд?“

„Кай ту аз ҳамешагӣ сахттар гириста будӣ?“

„Кай ту худро ба Худо наздиктар ҳис карда будӣ?“

„Агар 1 миллион доллар медоштӣ, чӣ кор мекардӣ?“

„Агар ба Худо як савол дода метавонистӣ, чиро мепурсидӣ?“

„Агар ба ҳар ҷои хостаат рафта метавонистӣ, ба куҷо сафар мекардӣ?“

Боре баъди сафар ба боғи ҳайвонот мо вақти зиёдеро барои ба хона расидан сарф кардем. Баъд аз он ки мо аз боғи ҳайвонот дур шудем, ман ба фарзандон пешниҳод намудам: „Бачаҳо, биёед андаке бозӣ мекунем. Шумо чӣ фикр доред, аз ҳайвоноте ки имрӯз дидем, кадоме беш аз ҳама ба шумо монанд аст — ва барои чӣ?“

Дар тӯли сад километри баъдина Ман ва Дотти оиди он ки фарзандон дар бораи худ чӣ фикр доранд, бисёр чизҳоро фаҳмидем. Кейтии хурдакак — ӯ он вақт сеюнимсола буд — гуфт, ки вай ба хирсак монанд аст.

„Чаро?“— пурсидам ман.

„Зеро ба ман хеле маъқул аст, ки маро ба оғӯш гиранд“ — ҷавоб дод ӯ.

Кейти дар нишастгоҳи пас шишта буд, ва инак ман мошинро берун аз роҳ боздоштам ва мошинро давр зада, назди ӯ рафтам, то ки ӯро сахт ба оғӯш гирам.

## Манфиатҳои тарафайнро инкишоф диҳед

„Ман ба фарзандам пешниҳод намудам, ки ҳамроҳам биёяд, то ки вақтро хуш гузаронад“, — гуфт боре ба ман як падар. — Аммо ӯ ҳеҷ ҳаловате набурд. Тамоми ин кор нобарор буд“.

„Шумо бо чӣ кор машғул будед?“ — пурсидам ман.

Падар ҷавоб дод: „Ман голфро дӯст медорам. Ӯро ба майдони голф бурдам. — Сипас вай абрӯ чин кард. — Маълум шуд, ки ӯ голфро бад мебинад. Шояд, ҳама гап дар ҳамин аст“.

Ин падар мехост бо писар вақт гузаронад, аммо мехост барои *худаш* мувофиқ бошад. Агар ӯ мекӯшид бо писараш машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳавас) тарафайнро инкишоф диҳад, муваффақияти бештар медошт.

Мавҷудияти машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳавас) тарафайн дӯстиро мустаҳкам мекунад. Ба доираи дӯстони худ нигаред. Шумо метавонед „ҳарифон дар голф“ ё „рафиқон дар моҳидорӣ“ дошта бошед. Шумо „рафиқони донишкадагӣ“, „бародарон дар ҷамоат“, „дӯстони ҳамхизмат“ дошта метавонед. Шумо бо дӯстон ба аукционҳо меравед ва ё намоишгоҳи мошинҳои пештараро тамошо мекунед. Дӯстонатон қисман аз он сабаб чунин шудаанд, ки ҳамроҳатон ба калисо, ё ба мусобиқаҳои варзишӣ, ё боз ба ягон ҷои дигар мераванд, ва барои он ки мавҷудияти машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳавас) тарафайн боиси пайдо шудани дӯстӣ мегардад. Падари хирадманд барпо кардани машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳаваси) тарафайнро бо фарзандон ҳангоми хурдсол будани онҳо сар мекунад. Падаре ки барои кӯдакаш китобро бо овози баланд мехонад, барои робитаҳои баъдина таҳкурсӣ мегузорад, ҳангоме оиди китобҳо ва идеяҳо фикри худро гуфтан мумкин мешавад. Ман то ҳол аз он ба ваҷд меоям, ки фарзандон назди ман омада мегӯянд: „Падар, ту бояд ин китобро хонӣ; ба фикри мо, он ба ту маъқул мешавад“.

Аммо оғоз намудани поягузории машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳавас) тарафайн бо фарзандон ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Ҳангоме ки писарам Шон даҳсола буд, ба мошинҳои варзишӣ таваҷҷӯҳи зиёд дошт (ман дар назар дорам, ки маҳз мошинҳои гаронбаҳо, аз қабили „Мазератти“, „Ламборҷини“, „Феррари Тестероза“). Ман мушоҳида мекардам, ки Шон дар маҷаллаҳо ва проспектҳои рекламавӣ суратҳои

ин мошинҳоро пайдо намуда, бурида мегирифт, ва ба хулосае омадам, ки ин таваҷҷӯҳи ӯ зудгузар нест, ва дар сари ман идеяе пайдо шуд.

Ман маълумотномаи телефонии „Саҳифаҳои зард"-ро гирифта, якчанд адресҳои дилерҳоеро, ки дар Беверли Ҳиллз мошинҳои варзишӣ мефурӯшанд, интихоб намудам. Баъд ман ба ҳар кадоми онҳо мактуб фиристодам, ки дар он гуфта мешуд:

> Ман падари хастадил ҳастам. Ман ҳама корро мекунам, то ки бо писарам вақтро гузаронам, аммо ӯ ҳозир ба мошинҳои варзишӣ таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Оё чунин имконияте ҳаст, ки ман ӯро баъди мактаб ба толори намоишии шумо биёрам ва бо мошини варзишӣ сайр кунонам?

Ман ба ҳар як дилер софдилона иқрор мешудам, ки мошин хариданӣ нестам, аммо ба ҳар ҳол, боиси ҳайрати ман буд, ки ҳеҷ кадоми дилерҳо хоҳиши маро рад накард. Ман занг зада, вақти боздидро муқаррар намудам, ва баъд мо масофаи 250 километрро то Беверли Ҳиллз тай намудем, то ки толорҳои намоишии мошинҳои варзиширо тамошо кунем. Ин чӣ рӯзе буд! Шон ҳамроҳи фурӯшанда қариб ба ҳама намудҳои мошинҳо нишаста, онро „месанҷид". Ҳар боре ки Шон бо мошини навбатӣ ба толори намоишӣ меомад, аз тиреза ба ман даст меҷунбонд. Бегоҳӣ, ҳангоми бозгашт ман имконияти хубе доштам, то бо писарам оиди сарват, дорои чизҳои қиматбаҳо будан, оиди чизпарастӣ гап занам, ва аз ҳама муҳимтараш, рӯзи гузарондаамон моро наздиктар кард ва ба дӯстии мо амиқӣ ва дилчаспӣ бахшид.

## Кӯшишҳои иловагӣ ба харҷ диҳед

Боре ба хонаамон рӯзноманигоре омад, ки оиди ман дар маҷалла мақола навиштанӣ буд. Агарчи ӯ барои нашрияи масеҳӣ менавишт, ӯ кӯшиш мекард дар ман ягон хусусияти манфӣ ёбад, то ки маҷалла хубтар фурӯхта шавад. Ӯ ба писарам Шон, ки он вақт ҳаштсола буд, муроҷиат намуда, гуфт: „Оё дар падарат ягон хусусияте ҳаст, ки ба ту маъқул набошад?"

„Ҳеҷ чиз нест", — гуфт Шон.

Вай кӯшиш кард, ки аз писарам гап кашида барорад, аммо бенатиҷа. Сипас вай табассум кард ва гуфт: „Охир, ягон чизе дар падарат бояд бошад, ки ба ту маъқул нест!"

Ниҳоят Шон гуфт: „Ба сафар рафтани ӯ ба ман маъқул нест".

Чеҳраи рӯзноманигор аз табассум шукуфт, қиёфааш нишон медод,

ки ӯ ба ҳар ҳол чизеро ёфт, ки ба мақолааш „ҷолибият“ мебахшад.

Баъди мусоҳиба, ҳангоме ки меҳмони ман мерафт, ман ба ӯ гуфтам, ки воқеъанигории рӯзноманигор талаб мекунад, то аз Шон ҳамчунин пурсида шавад, ки кадом ҷиҳатҳои хислати падар ба ӯ маъқул аст.

Баъди андаке фикр кардан ӯ ҳамин тавр кард. Шон дарҳол ҷавоб дод: „Ӯ бо ман вақти бисёре мегузаронад“.

Рӯзноманигор аз номувофиқатии ҷавобҳо ҳайрон буд. Ман ба ӯ фаҳмондам, ки ҷавобҳои писарам айнан ҳамон тавре мебошанд, ки ман ҳамеша аз фарзандонам чунин ҷавобҳоро интизорам: 1) ба онҳо ҳеҷ гоҳ маъқул намешавад, ки падарашон аз онҳо дур бошад; 2) онҳо ҳамеша ҳис мекунанд, ки падар бо онҳо вақти бисёреро мегузаронад.

Ба монанди бисёр падароне ки вазифаашон сафарҳои зиёдро талаб мекунад, ман ҳангоми бо иҷрои ӯҳдадориҳои оилавӣ мувофиқат кунондани ҷадвали шиддатноки сафарҳо бо бисёр душвориҳо дучор мешудам. Ман на ҳамеша ба муваффақият ноил мешудам, аммо ман кӯшишҳои иловагӣ мекардам, то дӯстиро бо фарзандонам инкишоф диҳам. Ҳангоми ҳар як имконият ман ягон нафари фарзандонро ба сафарҳо ҳамроҳ мегирам, ва ман мекӯшам кори худро чунон тартиб диҳам, ки барои ҳар як кӯдак вақти кофӣ ҷудо кунам. Ман кӯшиш мекунам, ки ҳар рӯз ба хона занг занам ва бо ҳама гуфтугӯ кунам (Боре, ҳангоме ки ман аз боиси сафар ба Русия, ба яке аз бозиҳои баскетбол, ки Шон иштирокчии он буд, рафта натавонистам, ба телефони дастӣ, ки занам бо худ ба толори варзиш бурда буд, занг задам. Албатта ин на ба монанди он буд, ки худам дар толор бошам, аммо ба ҳар ҳол ба Шон ва рафиқонаш нишон дод, ки то чӣ андоза ӯ бароям муҳим аст). Ҳангоме ки ман аз сафарҳо бармегардам, ба ҳар кадоми фарзандон вақти иловагӣ ҷудо мекунам (ҳар яки онҳоро ба кафе мебарам, баъди мактаб пешвоз мегирам ва ғайра) ва кӯшиш мекунам ҳар як лаҳзаи якҷоя гузарондаамонро истифода барам.

## Бо дӯстони онҳо шинос шавед

Боз як воситаи барои фарзандон падар ва дӯст шудан шиносоӣ бо дӯстони онҳост. Ману Дотти дар хонаи худ қабул кардани дӯстони фарзандонамонро нағз мебинем (Дотти аввалин „Модари Ёрии Таъҷилӣ“ буд). Мо кӯшиш мекунем, ки дӯстони фарзандонамон мунтазам дар сафарҳо ва воқеаҳои оилавӣ иштирок намоянд. Ва бисёр вақт маро ҳамчун ронанда даъват мекунанд, зеро маълум шуд,

ки ба оинаи пеши ронанда бо диққат нигариста, бисёр чизҳоро фаҳмидан мумкин аст.

Масалан, боре ман Келли ва дугонаҳояшро ба бозии „Лейкерс“ (Lakers — дастаи машҳури баскетбол дар ИМА — *Тавзеҳи тарҷумон*) мебурдам ва тамоми муддат духтараконі наврас ва муносибатҳои онҳоро мушоҳида мекардам, ва кӯшиш мекардам, ки гоҳ-гоҳ ба роҳ нигарам. Ман аз оинаи пеши ронанда Келли ва дугонаҳои ӯро мушоҳида менамудам ва ба он диққат медодам, ки оиди чӣ гап мезананд, ва чӣ шавқ доранд ва чӣ гуна Келли ба ҷамъияти онҳо мувофиқат мекунад. Ман донистан мехостам: *Оё вай ҳавобаландӣ намекунад? Оё вай бо дугонаҳояш шармгин аст? Оё кӯшиш мекунад, ки ба сӯҳбат ҳамаро ҷалб намояд? Оё вай саховатмандӣ зоҳир менамояд?* Ҳангоми бозии баскетбол ман имкон пайдо намудам батафсил мушоҳида намоям, ки Келли ва дугонаҳояш чӣ хел бо ҳам муошират мекунанд. Ҳангоми бозгашт бошад дар кафе барои харидани яхмос бозистодан ба таассуроти ман бисёр чизҳоро илова намуд. Ба ҳар ҳол бегоҳӣ хеле хуб гузашт, он ба ҳама якчанд соати шодӣ бахшид ва барои падаре ки барои духтараш дӯст будан мехоҳад, донишомӯз буд.

## Барпо намудани анъанаҳо

Ҳангоме ки фарзандони ман хурдтар буданд, мо анъанае доштем, ки бисёр дӯстон ва меҳмононамон онро аҷиб меҳисобиданд. Бегоҳиҳо, новобаста ба он ки дар хона кӣ меҳмон буд, ман бахшиш пурсида, барои хобондани фарзандон мерафтам.

Агар касеро даъват намоем, пешакӣ хабар медодем: „Аз соати 6.30 ё 7-и бегоҳ Ҷош машғул (банд) хоҳад буд“. Мо ҳамчунин ҳамаи шиносҳоро огоҳ менамудем: „Ба Ҷош дар байни соатҳои 6.30 ва 9.00 занг назанед, зеро ӯ бо кӯдакон машғул хоҳад буд“.

Ин 2,5 соат ба ману фарзандон тааллуқ доштанд. Баъзан мо ба сайругашт мебаромадем. Баъзан мо дар фарш бозиву гӯштингирӣ мекардем. Гоҳо якҷоя китоб мехондем.

Яке аз вақтгузарониҳои дӯстдоштаи мо аз он иборат буд, ки ҳама ба ҷакузии дӯстонамон тӯҳфакарда медаромадем (он дар ҳуҷраи хоби мо гузошта шуда буд). Баъзан мо гуфтугӯ мекардем. Гоҳо ба ҷакузи даромада, барномаи телевизиониро тамошо мекардем. Як бегоҳ мо барои дилхушӣ тағорачаи калони пластмассиро бо поп-корн пур карда, ба об сар додем. Он давродаввр чарх мезад ва ҳар кас метавонист даст дароз карда, ба қадри лозимӣ поп-корн гирад. Кӯдакон якчанд

ҳафта дар ин бора гап мезаданд, ва ман ҳатто аз муаллимон ва волидон оиди „ҷакузи бо поп-корн“ шунидам.

Чунин анъанаҳо метавонанд барои дӯстӣ бо фарзандон чун нури офтоб ва об бошанд ва барои реша давондан ва калон шудани он ёрӣ расонанд. Аҳли оилаи як шиноси ман бисёр вақт ба маркази савдои наздиктарин рафта, „шомхӯрии тадриҷӣ“-и ассортӣ барпо менамоянд. Онҳо ба ҳар як кафе ё ресторани ин маркази савдо даромада, ягон хӯроки арзонро фармоиш медиҳанд, ва онро чор қисм карда, мехӯранд. Ҳар гуна анъанае ки барпо намоед, албатта чунон кунед, ки он ба ҳар яке хурсандӣ оварад, ва низ имконияти номаҳдуди сӯҳбат ва мушоракат бо ҳамдигар дошта бошад (ҳамроҳ кино тамошо карданро, масалан, ба анъанаҳои беҳтарин дохил карда наметавон, зеро дар ин маврид имконияти муошират кам аст, аммо аз дигар тараф, бозии мини-голф барои сӯҳбат як-ду соатро таъмин намуда метавонад).

Падареро, ки барои фарзандон дастрас ва бо онҳо ошкорбаён буда, саволҳои ба фикр водоркунанда медиҳад ва машғулияти дӯстдоштаи (шавқу ҳавас) тарафайнро инкишоф медиҳад, бо дӯстони фарзандонаш бо майли том шинос мешавад ва анъанаҳои оилавӣ барпо мекунад, роҳи дарозе дар пеш аст, то чунон падаре шавад, ки Падари Мо ҳаст... падар ва дӯст бошад.

Чунин падар ба фарзандонаш на танҳо дӯстиро пешниҳод менамояд, Ӯ ба фарзандон барпо намудани муносибатҳои байниҳамдигариро ёд медиҳад ва нишон медиҳад, ки дӯстии ҳақиқӣ бояд чӣ гуна бошад. Ӯ дар пеши дӯстии зарарнок ва пурхатар „девори ҳимоякунанда“ барпо менамояд. Ӯ фарзандонашро ҳам дар наврасӣ ва ҳам ҳангоми ба воя расиданашон ба муоширати иҷтимоӣ бо ҳамсолон омода мекунад. Ӯ дӯстиеро пешниҳод менамояд, ки дар байни бисёр дигаргуниҳо ва санҷишҳо бетағйир мемонад. Ва, ба ғайр аз ин ҳама, он ба фарзандон имконияти нотакроре медиҳад, то бо Худо, Падари Осмонии мо, муносибатҳои дӯстона барпо намоянд.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

Тасвири вазъиятҳои зеринро хонед. Ба худ савол диҳед: „Оё ин ба ман хос аст?“ Ҷавобҳои худро барои баҳо додани муносибатҳо бо фарзандон истифода баред.

Ҳа Не

❑ ❑ 1. Дарҳол баъди хӯроки шом аз сари миз мебароед, то ки телевизор тамошо кунед ё газета хонед.

❑ ❑ 2. Шумо гоҳ-гоҳ ба фарзандон оиди давраи хурдсолии худ, оиди мушкилоте ки он вақт дучор мешудед, нақл мекунед, ва мегӯед, ки чӣ гуна онҳоро паси сар мекардед.

❑ ❑ 3. Шумо ҳеҷ гоҳ дар назди фарзандон нагиристаед.

❑ ❑ 4. Шумо доимо кори мекардаатонро бас мекунед, то ба фарзандонатон дар тайёр намудани вазифаи хонагӣ ёрӣ диҳед.

❑ ❑ 5. Ҳангоми хӯроки шом яке аз фарзандон оиди воқеаи дар синф рӯйдода нақл мекунад, аммо шумо сӯҳбатро ба мавзӯи дигар мегардонед.

❑ ❑ 6. Шумо кӯшиш мекунед вақтро ҳамроҳи фарзандон гузаронед.

❑ ❑ 7. Шумо наметавонед ягон шавқу ҳаваси умумӣ бо фарзандонро номбар кунед.

❑ ❑ 8. Шумо ақаллан як машғулияти дӯстдошта доред, ки онро бо ҳар яки фарзандон тақсим мекунед.

❑ ❑ 9. Фарзандони шумо оиди безобитагиҳо, нобарориҳо ва ё дилмондагиҳои шумо, ки ба наздикӣ рӯй додаанд, намедонанд.

❑ ❑ 10. Шумо се нафар дӯстони беҳтарини ҳар як фарзандатонро номбар карда метавонед.

Ҷавобҳои „ҳа“ ба ҳар як саволи рақамаш тоқ ба он соҳаҳое ишора менамояд, ки беҳбудӣ металабанд. Ҷавобҳои „ҳа“ ба саволҳои рақамашон ҷуфт самтҳоеро нишон медиҳанд, ки дар онҳо ба муваффақият ноил шудаед.




# Падаре ки интизомро талаб мекунад

Боре пагоҳӣ ман ба ошхона даромада, дидам, ки писарам Шон берун бурдани ифлосиҳоро фаромӯш кардааст, агарчи ин дар ӯҳдаи ӯ буд ва ӯ бояд ин корро ҳар рӯз пеш аз мактабравӣ мекард. Шон аллакай ба мактаб рафта буд.

„Ба ман лозим меояд, ки Шонро аз мактаб оварам, то ки ӯ ифлосиҳоро берун барад“, — гуфтам ман ба Дотти.

„Ҷош, — гуфт вай, — ту наметавонӣ. Баъди якчанд дақиқа дарсҳо сар мешаванд. Ва ӯро барои дер мондан ҷазо медиҳанд“.

„Азизам, ба ман лозим меояд ин корро кунам“, — бо исрор такрор кардам ман ва ба мошин нишаста, ба мактаб рафтам. Шонро бо дӯстонаш ёфтам, ки то саршавии дарсҳо дар майдончаи мактаб баскетболбозӣ мекард.

Ман ба Шон наздик шудам. „Писарам“, — гуфтам ман, — ман мехоҳам, ки ту ба дучархааш нишаста, ба хона равӣ ва ифлосиҳоро бурда партоӣ“.

„Лекин, падар, — эътироз кард Шон, — то занг панҷ дақиқа мондааст. Оё ин корро баъди дарсҳо кардан имкон надорад?“

„Не, писарам, ту мебоист инро пеш аз мактабравӣ мекардӣ, ва ман мехоҳам, ки ту инро худи ҳозир кунӣ. Илтимос“.

„Падар, оё мешавад, ки ба ҷои ман ин корро кунӣ — ақаллан як бор?“

„Не, писарам, — ҷавоб додам ман, — ин кор дар ӯҳдаи туст“.

Шон тӯбро ба дӯстонаш партофт ва китфонашро дарҳам карда, сӯи дучархааш шитофт. Аз паси ӯ нигариста, ман гӯё овози пастеро мешунидам: *Ту чӣ гуна падар ҳастӣ, Макдауэлл? Ҳеҷ гап намешуд, агар ягон бор ба ҷои писарат ифлосиҳоро бурда мепартофтӣ, магар не?*

Ҳангоме ки Шон вазифаи оддии худро иҷро намуд ва бо дучарха ба мактаб баргашт, занг кайҳо садо дода буд, ва Шон ба дарс 30 дақиқа дер монд. Ҳамин ки Шон омад, муаллим ӯро назди мудири қисми илмӣ (завуч) фиристод, ва ба писар лозим омад, ки сабаби дер монданашро фаҳмонад. Мудири қисми илмӣ ба Шон иҷозатнома навишта, ба синф фиристод. Баъд ба ман занг зад.

„Ман ба он чи Шон ҳозир ба ман гуфт, бовар кардан наметавонам, — гуфт мудири қисми илмӣ, — ман ба вай иҷозат додам, ки ба синф баргардад, зеро он тавре ки шумо дар писари худ масъулиятро тарбия мекунед, ба ман таассуроти аҷиб бахшид. Агар бисёрии волидон ба фарзандонашон масъулиятшиносиро тарбия мекарданд, кори мо хеле осонтар мешуд“. Гӯшаки телефонро гузошта, ман худро хеле сабук ҳис кардам. Ман худро одамхӯр ҳис мекардам, зеро аз боиси як халта ифлосӣ ба Шон сахтгирӣ кардам, аммо суханони мудири қисми илмӣ маро бовар кунонданд, ки ман оқилона рафтор намудаам.

Ҳеҷ кадоми мо одамхӯр будан намехоҳад. Ва ҳеҷ кас намехоҳад аз ҳад зиёд сахтгир бошад. Ман намехоҳам бо Шон сахтгир бошам. Аммо ман мехостам интизомро таъмин намоям. Ман мехостам ба ӯ ёрӣ диҳам, то ӯ дар худ ҳисси масъулиятро нисбати ӯҳдадориҳо тарбия намояд. Ман мехостам ба ӯ ёрӣ диҳам, то ӯ дар худ интизомнокиро инкишоф диҳад. Ман мехостам ба ӯ самти дурустро нишон диҳам. Ман фақат мехостам чунон падаре бошам, ки Падари мо ҳаст.

## Интизомнокии Падар

Худованд раҳмдил аст. Ӯ Падари дӯстдор аст. Мақсадҳо ва амалҳои ӯ ҳеҷ гоҳ бад ё бемуҳаббат нестанд. Аммо ба ҳар ҳол ӯ фарзандонашро интизомнок мекунад. Ӯ интизомнок мекунад, *агарчи* раҳмдил аст — Ӯ *аз боиси* раҳмдилии худ интизомнок мекунад. Ӯ интизомнок мекунад, *бо вуҷуди он* ки моро дӯст медорад — Ӯ *аз боиси* дӯст доштан интизомнок мекунад. Ӯ моро на аз барои комил набудани Худ интизомнок мекунад, балки аз сабаби комил набудани мо.

Дар Навиштаҳо борҳо оиди он гуфта мешавад, ки Падари Осмонии мо интизомро талаб мекунад:

> *Пас, андар дили худ дарк намо, ки чунон ки падар писари худро таъдиб мекунад, Худованд Худои ту ончунон туро таъдиб кард“* (Такрори Шариат 8:5).

*Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, варо мазаммат мекунад, ва ба вай, монанди падар ба писараш, таваҷҷӯҳ менамояд* (Масалҳо 3:12).

Шахсе ки ба писар ё духтараш мулоҳизаҳои хирадмандона пешниҳод мекунад, табиати Худовандро инъикос менамояд. Маҳз аз ҳамин сабаб Каломи Худо ҳикмати падаронеро, ки фарзандони худро ҷазо медиҳанд (таъдиб мекунанд), таҳсин менамояд (ниг. Масалҳо 23:13; 29:17), ва фоҷиаи ҳаёти онҳоеро, ки чунин намекунанд, тасвир менамояд (1Подшоҳон 2:22; 4:18; 3Подшоҳон 1:1-53).

Муаллифи Нома ба Ибриён оиди ҷазо додан муфассал менависад:

*...„Эй писарам! Ба ҷазои Худованд беэътиноӣ накун, ва ҳангоме ки Ӯ туро мазаммат намояд, маъюс нашав; зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҷазо медиҳад; ҳар писари писандидаи Худро мезанад.“ Агар ба ҷазо тоб оваред, Худо ба шумо, чун ба писарон рафтор мекунад. Зеро, оё писаре ҳаст, ки падараш ӯро ҷазо надиҳад? Аммо агар шумо бе ҷазо монед, ки он насибаи ҳама аст, пас шумо ҳаромзодагонед, на писарон. Илова бар ин, барои мо, ки аз падарони ҷисмонӣ ҷазо ёфта, аз онҳо метарсем, оё лозим нест, ки ба Падари рӯҳҳо хеле зиёдтар итоат намоем, то ки зист кунем? Зеро ки онҳо моро ба салоҳдиди худашон барои айёми андак ҷазо медиҳанд, аммо Ӯ ин корро ба манфиати мо,то ки дар қудсияти Ӯ ширкат дошта бошем, анҷом медиҳад. Ҳар ҷазо дар замони ҳозира ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ менамояд; лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоварад* (Ибриён 12:5-11).

Ҷазои Худо дар натиҷа эҳтиром, осудагӣ ва самари росткориро меоварад!

Ман барои фарзандонам ана ҳаминро мехоҳам! Ман умедворам ва дуо мекунам, ки бо мадади Худо, табиат ва хислати Падари худро инъикос намуда ва падари интизомноккунанда шуда, дар онҳо маҳз ҳамин сифатҳоро тарбия мекунам.

Ман намехоҳам фарзандонамро дар хашм ё ғурур ҷазо диҳам; ман мехоҳам онҳоро чунон тарбия кунам, ки Худованд маро

тарбия мекунад, бо муҳаббат (ниг. Ибриён 12:6). Ман намехоҳам фарзандонамро барои осон намудани зиндагии *худ* ҷазо диҳам; ман мехоҳам онҳоро чунон тарбия намоям, ки Худованд маро тарбия мекунад, *барои нафъи худи онҳо* (ниг. Ибриён 12:10). Ман намехоҳам фарзандонамро фақат барои он ҷазо диҳам, ки „Ман"-и худро зоҳир намоям ё эҳтиёҷоти худро қонеъ намоям; ман мехоҳам онҳоро чунон тарбия кунам, ки Худованд маро тарбия мекард, то ки самари ростқорӣ ва осудагӣ ба даст ояд (ниг, Ибриён 12:11). Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари ман ҳаст.

## Чор усули рафтори волидон

Дар байни волидон чор гурӯҳи асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки нисбати фарзандон асосҳои умумии рафтор доранд:

- Автократӣ — „Ту мувофиқи гуфтаи ман мекунӣ, вагарна..."
- Ҳамабахшанда — „Ту метавонӣ ҳар кори мехостаатро кунӣ".
- Бепарвоёна — „Аслан барои ман фарқ надорад, ки ту чӣ мекунӣ".
- Шавқмандона — „Ман гӯш мекунам... Ман дар ҳаққи ту ғамхорӣ мекунам... Ман фаҳмидан мехоҳам... Ин дафъа мо чунин мекунем, зеро..."

Ҳар як гурӯҳ муносибати муайянро ба истифодаи нуфузи волидӣ дар назар дорад. Падари автократӣ „ҳокими мутлақ" аст, ки Вебстер, муаллифи луғатномаи тафсирии англисӣ, ба он се сатҳи тафсирро медиҳад. Аввалан, ин диктатор мебошад, ки „ҳокимияти мутлақро нигоҳ медорад ва амалӣ мегардонад". Сипас, автократ касест, ки „бар дигарон ҳокимияти комилан мутлақ дорад". Дар ҳолати бадтарин автократ „шахсияти ҳукмфармо ва худхоҳ" мебошад.

Ҳангоме ки волидон-автократҳо бар фарзандони худ ҳокимияти мутлақ барпо мекунанд, онҳо маҳдудиятҳои зиёд пешниҳод карда, муҳаббати кам зоҳир менамоянд. Бисёрии автократҳо барои фарзандонашон „хонаи хуб"-ро таъмин мекунанд. Онҳо барои фарзандонашон хӯрок ва пӯшок медиҳанд ва, гӯё барои ҳаёти мӯътадил ҳама чизи даркориро таъмин менамоянд, аммо бисёр вақт ба истисноӣ дастгирӣ ва муҳаббати кофӣ.

Ҳаёт дар муҳити автократӣ ду намуди аксуламалро ба вуҷуд меоварад: мубориза ва ё гурехтан. Ҳангоме ки фарзандон гурехтанро

# Услуби волидии шумо кадом аст?

**Автократӣ:** Назорати сахт, аммо дастгирии кам.




**Ҳамабахшанда:** Дастгирии зиёд, аммо назорати суст




**Бепарвоёна:** Назорати суст ва ё умуман набудани он, дастгирии суст ё набудани он. Фарзанд худро мавҷуд набуда ҳис мекунад




**Шавқмандона** (бонуфуз):
Мувозинати даркории назорат ва дастгирӣ



интихоб менамоянд, онҳо одатан дар худ маҳдуд мешаванд ва бо вазъият муросо кардан ва „итоаткор будан"-ро меомӯзанд, ақаллан зоҳиран. Аммо дар дохил онҳо меҷӯшанд. Аммо агар фарзандон муборизаро интихоб кунанд, ғазаби онҳо доимо берун мебарояд. Онҳо шикоят мекунанд, дағалона ҷавоб медиҳанд ва ҳатто гоҳ-гоҳ дар сухан ё амалҳо худдориро аз даст медиҳанд, зеро падаре ки қоидаҳоро муқаррар карда, бо фарзандон муносибатҳои ҳақиқии байниҳамдигарӣ барпо намекунад, тухми исён мекорад. Як тадқиқоте ки ба муносибатҳои байниҳамдигарии волидон ва наврасон бахшида шудааст, ошкор намуд, ки фарзандоне ки тарбияи волидони автократиро дидаанд, ба онҳо душманона муносибат мекунанд, калонсолонро маҳкум мекунанд, майлҳои зиддиҷамъиятӣ доранд (дуздӣ, дурӯғгӯӣ, ҷангара будан ва харобкорӣ), худро дар ҷамъият бегона ҳис мекунанд, меъёрҳои анъанавии ахлоқро инкор менамоянд ва бо дигар одамон муносибатҳои мӯътадил барпо карда наметавонанд.

Иҷозат додани ҳама чиз ифроти дигар мебошад. Баъзе падарон дар дасттгирӣ намудан боқувват, аммо дар интизомнок кардан сустанд. Фарзандоне ки дар муҳити ҳамбахшандагӣ ба воя мерасанд, бисёр вакт волидонро гаравгон мегиранд. Фарзандони хурдсолтар метавонанд аз хоби нисфирӯзӣ ва дар вақташ хӯрок хӯрдан даст кашанд, ва ҳангоме ки корҳо на мувофиқи хости онҳо мешаванд, зуд хашмгин шаванд ё бо овози баланд гиря кунанд. Фарзандони калонтар бо падару модар беҳурматона гап мезананд, ҳар вақте ки хоҳанд, меоянд ва мераванд, ва интизори он ҳастанд, ки ҳар гоҳе ки хоҳанд, волидон барои онҳо ҳама корро мекунанд. Фарзандони волидоне ки ҳама чизро иҷозат медиҳанд, асосан мувофиқи хости худ амал мекунанд, аммо онҳо аз фарзандони оилаҳои автократӣ хушбахттар нестанд, зеро мувозинати солими муҳаббат ва маҳдудият дар ин вазъият риоя карда намешавад. Чунин фарзандон аксаран мувофиқи меъёрҳои ахлоқии волидон зистан намехоҳанд ва имкони бештар ҳаст, ки ба майнӯшӣ ва истеъмоли моводи мухаддир дода мешаванд, ва низ ба патология ва фасоди ҷинсӣ майл пайдо мекунанд.

Барои барпо намудани мувозинати даркории муҳаббат ва маҳдудият падарон бояд шавқмандона рафтор намоянд, ки дар он ҳам муҳаббат ва ҳам маҳдудкуниҳо кушоду равшан ба фарзандон дода мешаванд. Фарзандон ҳис мекунанд, ки онҳоро дӯст медоранд, ва ин ҳисси худбаҳодиҳии онҳоро афзунтар мекунад, ва низ онҳо маҳдудиятҳои мавҷударо, ки ҳисси дар ҳимоя будани онҳоро нигоҳдорӣ мекунанд, дарк менамоянд. Фарзандон ба қоидаҳои муқарраршуда итоат менамоянд, аммо фақат дар заминаи муносибатҳои мавҷуда.

Такрор мекунам, ки ин намунаест, ки Падари Осмонӣ ба мо нишон медиҳад. Охир, Ӯ қоидаҳоро барои фарзандонаш муқаррар мекунад. Ӯ ба мо Даҳ Аҳкомро дод, ҳамин тавр не? Аммо Ӯ Даҳ Аҳкомро баъди он дод, ки муносибатҳоро бо халқи Худ дар тӯли наслҳои зиёд барпо намуда буд. Ӯ фақат аз як қоида сар кард — „шумо набояд аз меваи дарахти маърифати некиву бадӣ бихӯред“[1] — ва баъд солҳои зиёдро гузаронд, то ки Худро ошкор намояд ва муносибатҳоро бо фарзандон инкишоф диҳад, пеш аз он ки дар кӯҳи Сино шариатро эълон намояд.

Ман маҳз чунин падар будан мехоҳам. Аммо ман медонам, ки ба ин ноил шуда наметавонам. Ман медонам: ман кӯшишҳо кардам ва борҳо ба нобарорӣ дучор шудам. Аммо ман ҳамчунин медонам, ки Падари идеалии ман *метавонад*. Ӯ дар тӯли асрҳо ин корро мекард, ва ӯ метавонад ин корро дар ман ва ба воситаи ман кунад, агар ба воситаи Рӯҳулқудс ба Ӯ таваккал намоям ва якчанд усулҳои фоиданокро истифода барам.

## Интизом дар заминаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ

Интизом дар заминаи муносибатҳои дӯстдорона ва дастгирикунанда бештар самаранок аст. Масалан, агар ба фарзандонам огоҳӣ додан лозим бошад, ман аз он сар мекунам, ки оиди муносибатҳоямон савол медиҳам. Агар ҷавоб ба ин савол мусбат бошад, метавон дилпур буд, ки фарзандон амалҳои маро дуруст мефаҳманд. Ман мепурсам: „Оё ту медонӣ, ки ман туро дӯст медорам?“ Пеш аз ҷазо ин саволро дода, ман саъй мекунам, то онҳо фаҳманд, ки амалҳои ман на дар нуфузу эътибор, балки дар муносибатҳои байниҳамдигарии мо асос ёфтаанд.

Боре ман дар Филиппин дар назди шашсад нафар шубонон ва кормандони масеҳӣ баромад доштам. Баъди баромад қариб дусад кас навбат истоданд, то бо ман суҳбат кунанд. Ифодакунандаи мушкилии асосие ки он бегоҳ вохӯрдам, қиссаи шубоне мебошад, ки аз рӯи суханонаш, аҳли оилааш бар зидди ӯ бархостаанд. Се фарзанди ӯ (17-сола, 13-сола ва 10-сола) „бадтарин фарзандон дар калисо“ ҳисобида мешуданд ва доимо бо ин ё он восита исён менамуданд. Ӯ мехост бидонад, ки чӣ кор кунад.

„Қоидаҳоро фаромӯш кунед“, — гуфтам ман ба ӯ.

„Чӣ?“ — гуфт вай нобоварона, — охир, мушкилӣ маҳз дар ҳамин аст, онҳо ба ҳеҷ гуна қоидаҳо итоат намекунанд. Онҳо ҳатто дарк намекунанд, ки бояд итоат намоянд“.

„Ман суханони шуморо мефаҳмам“, — гуфтам ман, — аммо такрор мекунам, доимо таъкид кардани қоидаҳоро фаромӯш кунед. Барпо намудани муносибатҳоро сар кунед. Ба ҳар ҳол шумо чизеро аз даст намедиҳед“.[2]

Чӣ қадар калон шудани фарзандон аҳамият надорад; барои барпо намудани муносибатҳо бо онҳо ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Ман занеро аз Портленд ба ёд меоварам, ки чор фарзанди ин зан бар зидди ӯ доимо исён мебардоштанд, ва ин боиси азиятҳо ва дарди дили ӯ мегардид. Дик Дэй ва ман баъзе принсипҳои барпо намудани муносибатҳоро, ки дар китобамон „Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон шавем“ тасвир шудаанд, ба ӯ гуфтем. Ӯ ба хона баргашта, дар назди худ вазифа гузошт, ки муносибатҳои байниҳамдигариро барқарор намояд. Баъди панҷ сол ман боз бо ин зан вохӯрдам. Ӯ ба мо нақл кард, ки муносибатҳо бо ду фарзандаш қатъиян дигаргун шудаанд! Ӯ бо ашк дар чашмон ба мо мегуфт, ки диққат додан ба муносибатҳо, ҳатто бо фарзандони калонсол, самари зиёд меоварад.

## Аниқ муқаррар намудани қоидаҳо

Равоншиноси (психологи) оилавӣ Ҷон Роузмонд чунин меҳисобад, ки волидони сазовор «қоидаҳои худро аниқ муқаррар менамоянд. Онҳо ҳангоми муайян намудани он ки чиро интизоранд, „дар гирду гӯша давр намезананд“. Онҳо илтиҷо, таҳдид ва ё тамаллуқ намекунанд. Ин гуна волидон ба фарзандонашон аниқ ва содда мефаҳмонанд, ки онҳо чиро метавонанд кунанд, наметавонанд кунанд ва чиро бояд кунанд»[3]. Айнан ҳамон тавре ки дар чарогоҳҳои таворадор гӯсфандон солим калон мешаванд, маҳдудиятҳои оқилона боиси ба воя расидани фарзандони солиму хушбахт мегарданд.

Оиди волидони хуб будан китобҳои зиёде навишта шудаанд; як муаллиф фикреро таъкид менамояд, дигаре онро инкор мекунад. Аммо ман гумон мекунам, ки ин сатрҳои яке аз номаҳои Павлус беҳтарин маслиҳат мебошанд: „Ва шумо, эй падарон, фазрзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед“ (Эфсӯсиён 6:4). Яке аз роҳҳои аниқи хашмгин намудани фарзандон пешниҳод намудани қоидаҳо ва меъёрҳои ноаниқ ва нофаҳмо мебошад.

Масалан, баъзе падарон ба духтари худ гуфта метавонанд: „Ман интизори он ҳастам, ки ту дар вақти муқаррарӣ бармегардӣ, хонумаи ҷавон!“. Аммо вақти муқаррарӣ кадом аст? Ин савол беҷавоб аст:

соати яки шаб барои духтараки 17-сола комилан муқаррарӣ мебошад, дар ҳоле ки падар аллакай дар соати 11 метавонад ба изтироб афтад ва асабонӣ шавад. Маҳдудиятро аниқ баён кардан хеле беҳтар аст: „Илтимос, ба хона соати 11 баргард; на дар соати 11.30 ва ҳатто на 11.10“.

Ба ҷои он ки ба наврас чунин гӯед: „бароварда партофтани ифлосиҳо вазифаи туст“, барои падар ва писар чунин муайянкунӣ хеле беҳтар аст: „Ҳар пагоҳӣ ту бояд пеш аз мактабравӣ ифлосиҳоро бароварда партоӣ“. Ба ҷои „Рав, ҳуҷраатро ба тартиб дарор“ гуфтан, беҳтараш чунин гӯед: „Ман мехостам, ки ту то хӯроки нисфирӯзӣ ҳуҷраатро ба тартиб дарорӣ, чангро пок кунӣ ва фаршро рӯбӣ“.

Қоидаҳо ва интизориҳои аниқ ифодашуда ба падар имкон медиҳанд, ки ҳудудҳоро муайян намояд, ба фарзанд бошад ёрӣ медиҳанд, ки онҳоро риоя намояд, ва низ нофаҳмиҳоро пешгирӣ мекунанд.

## Ба аксуламали беҳад ҷиддӣ нисбати рафтори бад роҳ надиҳед

Фаромӯш накунед, ки ҳангоме фарзандон ягон кори бад мекунанд, одатан ба худ диққатро ҷалб кардан мехоҳанд. Аниқ аст, ки ҳангоме фарзандатон бадрафторӣ мекунад, шумо саҳлангорӣ карда наметавонед; ягон хел чора дида лозим аст. Аммо саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна аксуламал нишон додан лозим аст. Ҳангоме ки шумо ба рафтори бади ӯ аксуламал нишон медиҳед, ӯ чиро мебинад ва мешунавад?

Агар бадрафтории фарзанд боиси он мешавад, ки шумо зуд овоз баланд мекунед, суп-сурх мешавед, агар ӯ бо ин ё он восита шуморо зуд асабонӣ мекунад, ӯ ба хулосае меояд, ки рафтори бад усули беҳтарини ҷалб кардани диққати шумост.

Аз тарафи дигар, агар шумо ба рафтори бади ӯ оромона, бе ваъзгӯиҳои дурудароз ё хашмгинӣ муносибат намоед, натиҷа чунин нахоҳад буд. Яке аз усулҳои оддитарин огоҳ намудани кӯдак аст, ки бадрафтории ӯро ҳеҷ кас таҳаммул намекунад ва агар лозим ояд, ӯро муваққатан аз қисми боқимондаи оила ҷудо мекунанд. Дар ёд нигоҳ доред, дар танҳоӣ диққати касеро ба худ ҷалб кардан душвортар аст. „Ба гӯшаи хона рост мондан“-и кӯдак идеяи кӯҳнашуда метобад, аммо барои бисёрии кӯдакон он чун пештара хеле самаранок аст.

Ман мефаҳмам, ки муомила бо бисёр кӯдакон на он қадар осон аст, аммо новобаста ба аксуламалатон ба бадрафтории кӯдак, фаромӯш накунед, ки кӯдакон гоҳо бояд бадрафторӣ кунанд. Онҳо

дар бисёр мавридҳо аз боиси кӯдак буданашон бадрафторӣ мекунанд. Дар назди худ вазифа гузоред, ки ба натиҷаҳои рафтори нодурусти онҳо диққати беҳад зиёд надиҳед; ба ҷои ин кӯшиш кунед рафторҳои хуби онҳоро таъкид намоед. Чуноне ки ман пештар зикр карда будам, онҳоро ҳангоми рафтори дуруст карданашон дарёбед, ва маҳз ҳамин гуна рафтори онҳоро тақвият диҳед.

## Пешакӣ ба нақша гиред

Бисёр падарон вазифаи худро бо он душвор мекунанд, ки нисбати пешакӣ ба нақша гирифтани усулҳои интизомнокӣ беаҳамиятӣ мекунанд. Волидони пухтакор, аз рӯи ақидаи психологи оилавӣ Ҷон Редмонд, „интизори пайдо гардидани мушкилӣ намешаванд, то ба ҳалли онҳо пардозанд“[4].

Масалан, ҳангоме ки духтаратон аз вақти муқарраршуда як соат дертар ба хона бармегардад, эҳтимол, шумо то омадани ӯ дарунакӣ меҷӯшед, агар пешакӣ ба он омода нашавед, ки аксуламалатон ба дер мондани ӯ чӣ гуна хоҳад буд. Ё агар писари чорсолаатон доимо дар фурӯшгоҳ хархаша кунад, оё шумо интизор мешавед, ки ин боз ва боз такрор шавад, ё пешакӣ муносибати оромона ва қобили қабулро ба нақша мегиред, то ки ин шуморо аз ҳадди эътидол берун набарорад?

Як дӯсти ман, шубон, нақл кард, ки ҳангоме писараш 17-сола буд, ӯ ва занаш аз он хавотир шуданд, ки ин ҷавон бо маҳбубааш муносибатҳои ҷинсӣ дорад. Онҳо якчанд бор кӯшиш карданд — ва чуноне ки гумон доштанд, бо ҳиссиёт — муҳаббат ва қабулкуниашонро изҳор намоянд, то ӯ ба онҳо бовар карда, рози дил гӯяд, аммо ӯ исрор менамуд, ки байни ӯ ва духтар алоқаи ҷинсӣ нест. Падару модар фикрҳои худро оиди ин масъала барканор нагузошта, борҳо байни худ муҳокима намуданд, ки агар писарашон ба ин алоқа дода шуда бошад ё агар духтар ҳомила шавад, чӣ аксуламал нишон медиҳанд.

Ва инак, баъди якчанд ҳафта, писари шубон ва маҳбубааш ба хона омаданд ва бо чашмони ашкбор оиди ҳомила шудани духтар гуфтанд.

„Албатта ин лаҳзаи душвор буд, — мегӯяд падар, — аммо ман хеле шодам, ки ману занам аксуламали худро ба ин воқеа пешакӣ муҳокима карда будем. Агар ман пешакӣ тайёр намешудам, намедонам, ки чӣ мекардам. Ман метавонистам сахт хашмгин шавам ё ягон сухане гӯям, ки баъд оиди он пушаймон мешудам. Аммо азбаски мо аксуламали худро ба чунин вазъият пешакӣ муҳокима карда будем, тавонистем оромона ҷавоб диҳем“.

Албатта, на ҳамаи вазъиятҳо чунин вазнин мебошанд, аммо пеш аз зарур шудани аксуламал ба нақша гирифтани он метавонад дар вазъиятҳои соддаву мураккаб ёрӣ диҳад.

## Натиҷаҳои табииро ба кор даоред

Ман боварӣ дорам, ки Навиштаҳо ба мо ду модели интизомноккунии мусбатро пешкаш менамоянд (ки психологҳо онҳоро ба қарибӣ „кашф намудаанд“). Яке аз моделҳо ба натиҷаҳои табиӣ такя мекунад.

Масали Исо оиди писари гумроҳ намунаи хуби қувваи ислоҳкунӣ ба воситаи натиҷаҳои табиӣ мебошад. Дар ин қисса ҷавон қарор дод, ки аз хона рафта дар дурӣ зиндагӣ кунад, ва талаб намуд, ки падар ба вай ҳиссаи мероси ӯро диҳад. Падар медонист, ки чӣ рӯй медиҳад, аммо ба вай пулро дод. Аз афташ, ӯ қарор дод ба ҷавон имкон диҳад, ки ба воситаи азобҳо аз натиҷаҳои табиии рафтораш якчанд дарсҳои ибрат гирад.

Натиҷаҳои табиӣ зуд падид омаданд. Ҷавон тамоми пулҳояшро сарф кард, кор ва дӯстонашро аз даст дод, ва анҷоми рафтораш он буд, ки ӯ ҳамроҳи хукҳо хӯрок мехӯрд. Танҳо ҳамон вақт, мегӯяд Исо, „ӯ ба худ омад“ (Луқо 15:17). Яъне барои ба худ омадани ҷавон натиҷаҳои табиӣ даркор шуданд. Ӯ қарор дод, ки ба хона назди падар баргардад, ва ӯро дар он ҷо қабул карда, аз пештара зиёдтар дӯст доштанд (Луқо 15:11-32).

Ҷолиби диққат аст, ки падар на фақат ба ӯ рухсати рафтан дод, балки пул ҳам дод. Бисёр падарон метавонанд ба писаронашон иҷозати рафтан диҳанд, аммо чанде аз онҳо қисми меросро, ки харҷ карда мешавад, медиҳанд? Аммо падари писари гумроҳ, аз афташ, имконияти дарси ибрат гирифтани писарашро арзишнок меҳисобид, ки ин албатта аз пул хеле авлотар аст.

Дар китоби мо „Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон шавем“ Дик Дэй оиди истифодаи натиҷаҳои табиӣ дар мавриди дарси ибрат нишон додан ба писараш Ҷонатан, ки он вақт хурдакак буд, сухан меронад:

> Дар хонаи мо дар сатҳи фарш камини (оташдон) кушодае буд, ва ман бисёр вақт барои Ҷонатан хавотир мешудам. Ҳангоме ки Шарлотта ё ман ӯро беназорат гузорем, ӯ метавонист натиҷаи амали худро дарк накарда, ба камин расад ва баданашро сахт сӯзонад.

Боре бегоҳӣ мо дар сари миз нишаста, дар нури шамъҳои фурӯзон хӯроки шом мехӯрдем. Ҷонатан даст дароз карда, ба алангаи шамъ расиданӣ шуд, ва Шарлотта ӯро боздоштанӣ шуд, аммо ман ба вай гуфтам: „Даст нарасон, бигузор ӯ ин корро кунад“.

Ҷонатан ба шамъи фурӯзон даст расонд ва аз дард фиғон карда, дарҳол дасташро пас кашид. Ангуштони ӯ на он қадар сахт сӯхтанд, аммо ин барои фаҳмидани қувваи оташ ва эҳтиром ба он кофӣ буд. Баъзеҳо метавонанд гӯянд, ки ин бераҳмона аст — ба Ҷонатан имкон додан, то ба оташи шамъ даст занад, аммо ман чунин фикр намекунам. Бигузор ӯ ба оташи хурдакак даст зада, сӯзонанда будани онро фаҳмад, назар ба он ки аз оташи сахт зарар бинад.[5]

Падаре ки роҳ медиҳад, то писари 12-солаашро барои duздии майда дар универсам бо мошини полис ба хона оваранд, аз қувваи тарбиякунандаи натиҷаҳои табиӣ истифода мебарад. Падаре ки бо азоби хомӯшона мушоҳида мекунад, ки духтарашро барои баҳоҳои бад дар мактаб аз дастаи волейбол хориҷ мекунанд, ҳамчунин аз қувваи тарбиякунандаи натиҷаҳои табиӣ истифода мебарад. Падари ғамгин, ки имкон медиҳад, то писараш барои „дар зери таъсири моводи мухаддир рондани мошин“ шабро дар ҳабсхона гузаронад, ҳанчунин таъсири натиҷаҳои табииро истифода мебарад.

## Муқаррар намудани натиҷаҳои мантиқӣ

Боз як усули интизомноккунӣ, ки дар Навиштаҳо зикр шудааст, натиҷаи мантиқӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки волидон барои фарзандон муайян мекунанд, ки агар фарзанд ӯҳдадориҳояшро иҷро накунад ё бадрафторӣ кунад, натиҷаҳо чӣ гуна хоҳанд буд. Масалан, „агар хӯрокатро то охир нахӯрӣ, ба ту ширинӣ дода намешавад“, ё „Агар ба сагчаат хӯрок надиҳӣ, худат ҳам хӯрок намехӯрӣ“. Мо метавонем намунаи натиҷаи мантиқиеро бинем, ки дар боғи Адан ҷой дошт. Худо барои сокинони он ҳама чизро фароҳам овард, ва чуноне ки пештар зикр карда будам, муқаррар намуд, ки ягона дарахте ки меваи онҳо хӯрдан мумкин нест, дарахти маърифати неку бад аст. Парвардигор огоҳ намуд, ки агар онҳо ба ҳар ҳол аз меваи ин дарахт хӯранд, натиҷа он хоҳад буд, ки онҳо „ҳатман хоҳанд мурд“ (Ҳастӣ 2:15-17).

Албатта, Ҳавво аз ин меваҳо чашид, сипас Одам низ, ва натиҷаҳо

зуд падид омаданд. Одам ва Ҳавво миранда шуданд ва тамоми натиҷаҳои ин рафтори худро диданд, масалан, бо азоб зоидан, зарурати меҳнати вазнин ва аз Биҳишт ронда шудан (Ҳастӣ 3:1-19).

Худо ҳудудҳоеро муқаррар намуд, ки Одаму Ҳавво метавонистанд дар дохили он амал кунанд, ва ҳангоме ки онҳо ин маҳдудиятҳоро вайрон карданӣ шуданд, натиҷаҳои муайян насиби онҳо гардиданд. Парвардигор ҳанӯз ҳам онҳоро дӯст медошт, аммо Ӯ ҳамаи натиҷаҳои мантиқиро, ки ба интихоби онҳо мувофиқат мекард, амалӣ гардонд.

Боз як намунаеро аз таҷрибаи волидии Дик Дэй меоварам, ки қувваи тарбиявии натиҷаҳои мантиқиро хеле хуб нишон медиҳад:

> Ҳангоме ки писари калонии ман Дик ҳуҷҷати ронандагӣ гирифт, ману ӯ ба қароре омадем, ки агар ӯ қоидаи ҳаракати нақлиётро вайрон кунад, ҷаримапулиро худаш месупорад ва 30 рӯз аз ҳуқуқи ронандагӣ маҳрум мешавад. Ман то ҳол он рӯзеро дар ёд дорам, ки Дик бори аввал қоидаро вайрон кард. Ӯ оҳиста назди ман даромада, гуфт: „Падар, ба ман квитансияи ҷаримапулиро доданд“.
>
> Ман намедонам, ки Дик чиро интизор буд, аммо ман ба ӯ фақат чунин гуфтам: „Калидҳои мошинро ба ман деҳ“.
>
> Дик калидҳоро ба ман дод. Ӯ ҳамчунин ҷаримапулиро супурд ва 30 рӯз мошинро истифода набурд. Ман ба ӯ ҳеҷ гуна насиҳатҳои бемаврид нагуфтам. Ман напурсидам: „Чаро ту ин тавр кардӣ?“ Натиҷаҳои мантиқӣ пешакӣ муқаррар шуда буданд, ва Дик медонист, ки музди муқарраршударо пардохт мекунад, ва ӯ бо ин розӣ шуда буд.[6]

Истифодаи таъсири тарбиявии натиҷаҳои мантиқӣ зарурати насиҳатгӯиҳои тӯлонӣ ва ҷангу ҷидолҳоро бартараф мекунад. Ҳангоме ки падар ва писар натиҷаҳои мантиқии ин ё он амалро медонанд, баробари содир шудани ин амалҳо мушкилӣ дарҳол ҳал мегардад.

Қувваи натиҷаҳои мантиқӣ метавонад муносибатҳои падару фарзандро хеле осон кунад. Ба падар лозим намеояд, ки вазифаи полис, довар ва ё иҷрокунандаи ҳукмро ба ҷо оварад; ӯ фақат натиҷаҳоеро, ки фарзанд бо рафтори худ интихоб намудааст, ба ҳаёт татбиқ менамояд.

## Нигоҳ доштани мавқеъҳои худ

Духтари калонии ман Келли боре аз шабнишиние ки дар хонаи як дугонааш ба муносибати хатми синфи 8 баргузор шуда буд, ба хона занг зад. Вай пурсид, ки оё мумкин аст, ки ӯ дар он ҷо шабро гузаронад. Ман хоҳиши ӯро гӯш кардам ва баъд якчанд савол додам. Келли гуфт, ки барои “давом додан“-и шабнишинӣ якчанд бачаҳо низ мемонанд, аммо ӯ кафолат дода наметавонад, ки машруботи спиртӣ нахоҳад буд. Ҳангоме ӯ баъзеи онҳоеро, ки баъди соати даҳ дар шабнишинӣ монданӣ буданд, номбар кард, ман номи писареро шинохтам, ки машруботи спиртӣ пайдо карда метавонист, агарчи ба монанди Келли ҳанӯз 14-сола буд.

Баъди гӯш додан ба суханони Келли ман ҷавоб додам: „Не, духтарам, ман фикр мекунам, ки ту набояд дар он ҷо монӣ. Ман мехоҳам, ки ту баъди дар соати 10 анҷом ёфтани шабнишинӣ дар хона бошӣ“

Дар давоми ним соати баъдина Келли боз се бор ба хона занг зад. Ҳангоми яке аз суханрониҳо ӯ ҳатто ба телефон гиря карданро сар кард, ва ин вақт ман фаҳмидам, ки асли воқеа чӣ будааст. Боз чор ё панҷ духтар шаб дар он хона монданӣ будаанд, аммо онҳо мебоист аз волидон иҷозат мегирифтанд, ва ҳамааш ба он вобаста буд, ки падари Келли Макдауэлл чӣ мегӯяд.

Маълум буд, ки Келли таҳти фишори ҳамсолон аст. Ӯ ба ман гуфт, ки ҳоҷати хавотир шудан нест. Дар хона волидон хоҳанд буд, дар атроф одамони бисёр ҳастанд — ва ҳеҷ кас бо дигаре танҳо монда наметавонад.

Ба ман маълум буд, ки Келли он чиро, ки дӯстон мегӯянд, такрор мекунад, ва дар мавқеи пештараи худ мондам.

„Афсӯс мехӯрам, Келли, — гуфтам ман, — аммо лозим меояд, ки ба хона баргардӣ“.

Ман ҳанӯз, ки гиристани духтарамро мешунидам, гӯшаки телефонро мондам. Ман намехостам ӯро дилмонда кунам, аммо медонистам, ки дуруст рафтор мекунам. Дертар, ҳангоме ки Келли ба хона баргашт, вай Дотти ва маро бедор кард ва барои иҷозат надоданамон ташаккур гуфт!

„Падар, — гуфт ӯ, — дар асл ман на он қадар мехостам дар он ҷо монам, хусусан баъди он ки ту «не» гуфтӣ, аммо дигар духтарон ба ман фишор меоварданд. Ташаккур, ки барои паси сар кардани ҳамаи ин ба ман ёрӣ додӣ“.

Ҳамин тавр ба ман ошкор шуд, ки агар волидон мавқеи устуворро ишғол намуда, онро нигоҳ доранд, ин ба фарзандон дар ду ҷабҳа

дастгирӣ медиҳад. Аввалан, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки ба фишори гурӯҳи ҳамсолон муқовимат кунанд, зеро онҳо метавонанд гӯянд: „Волидони ман иҷозат намедиҳанд“, Сониян, ва ин муҳимтар аст, ин ба фарзандон имкон медиҳад, то фаҳманд, ки арзишҳо ва меъёрҳои муайяне ҳастанд, ки онҳоро сарфи назар кардан ё қисман риоя кардан мумкин нест.

## На дар хашм, балки бо муҳаббат амал намоед

„Худо касонеро, ки дӯст медорад, ҷазо медиҳад“, — гуфта шудааст дар Китоби Муқаддас.[7] Диққат диҳед, дар он ҷо гуфта нашудааст, ки Худованд касонеро, ки бад мебинад, ҷазо медиҳад. Ӯ бо муҳаббат ҷазо медиҳад. Аммо на дар хашм.

Ҳар як падар гоҳо аз рафтори фарзандонаш хашмгин мешавад. Аммо падари хирадманд ҳангоми муқаррар намудани ҷазо дар чунин лаҳзаҳо хеле боэҳтиёт аст. Агар ман суп-сурх шавам ё дод гӯям, ба фарзанди худ огоҳии дуруст дода наметавонам. Агар ман дар сухан ё амал хашми худро ба ягон кас равона кардани бошам, фарзандро бо муҳаббат тарбия карда наметавонам.

Ана чаро барои ман муҳим аст, ки дар асоси муносибатҳо бо фарзандон огоҳӣ диҳам ва пеш аз ҷазо додан ҳатман пурсам: „Оё ту медонӣ, ки ман туро дӯст медорам?“ Ин суханон амалҳои маро ба заминаи муносибатҳои байниҳамдигарии мо мегузорад, ва дар айни замон боз як чизи муҳим ба даст меояд (ва гоҳо хеле муҳимтар); он тарбиякунандаи ман мешавад, ва ба ман ёдрас мекунад, ки агар ба шабоҳати Падари Осмонӣ падар шуданӣ бошам, бояд фарзандонамро на дар хашм, балки бо муҳаббат ҷазо диҳам.

## Ислоҳ намудани чораҳои тарбиявӣ

Баъзе волидон дар ягон марҳила истода мемонанд ва дигар пеш намераванд; онҳо ба навраси 16-сола айнан ҳамон тавре муносибат мекунад, ки ҳангоми 6-солагии ӯ мекарданд. Тарзи корбурди онҳо назорати фарзанд аз гаҳвора то марг мебошад... ё ақаллан то даме ки ӯ аз хона меравад. Аммо, чунин тарзи корбурд дар фарзанд ҳисси нафасгиршавӣ аз маҳдудиятҳоро пайдо карда, бисёр вақт боиси аксуламалҳои бефикрона ва носолими ӯ мешавад. Ӯ на фақат худназоратиро ёд намегирад, ӯ аз ҳама гуна назорат нафрат хоҳад намуд.

Аммо Падари Осмонӣ бо мо тамоман дигар хел муносибат мекунад. Муаллифи Нома ба Ибриён мегӯяд: „... Ӯ (Парвардигор) ин корро ба манфиати мо, то ки дар қудсияти Ӯ ширкат дошта бошем, анҷом медиҳад“ (Ибриён12:10). Дигар хел карда гӯем, Ӯ моро чунон ҷазо медиҳад, ки камол ёбем, ба қудсият наздик шавем ва ба Ӯ бештар шабоҳат пайдо намоем.

Падари хирадманд низ саъй мекунад симои Падарро ҳамин тавр инъикос намояд, ва ҷазоро мувофиқи синну сол ва таҷрибаи фарзанд ислоҳ намояд. Ӯ мефаҳмад, ки кай фарзанд ба санҷишҳо, масъулият ё имтиёзҳо тайёр аст, ва ҷазои берунии фарзандро ба фоидаи инкишофи интизомнокии дохилии ӯ суст мекунад.

Масалан, ягон рӯз падар ба рафтори фарзандони худ, ки аз боиси чизҳои намеарзида хархаша мекунанд, чунин аксуламал нишон дода метавонад: „Ман ба ин дахолат кардан намехоҳам; ман фикр мекунам, ки шумо ба қадри кофӣ калонсол ҳастед, то масъаларо мустақилона ҳаллу фасл намоед“. Падари наврас метавонад чунин гӯяд: „Ман чунин меҳисобам, ки ту ба қадри кофӣ калонсол ҳастӣ, то соати бедоркунакро мустақилона гузорӣ ва саҳарӣ барвақт бедор шавӣ“ ё „Агар ту дар мактаб хуб таҳсил намоӣ, дар вақти хостаат ба хоб рафта метавонӣ“.

Маънои ҳамаи ин дар он аст, ки интизоми самаранок пайдарпайӣ ва тағйирпазириро металабад — пайдарпайӣ дар истифодаи ҷазоҳо ва (бо мурури калоншавии фарзандон) тағйирпазирӣ дар дигаргун намудани қоидаҳо ва интизориҳо.

Фарзанде ки волидонаш интизомноккунии даркорӣ — дӯстдоранда, аниқ ва пайдарпайро истифода мебаранд, — бо имконияти бештар самари эҳтиром, осудагӣ ва росткориро ба даст меоваранд. Падаре ки хирадмандона тарбия мекунад, ба фарзандон ёрӣ медиҳад, то интизомнокиро дар худ инкишоф диҳанд. Ин сифатест, ки ба ҳаёти солимонаи эҳсосотӣ, иҷтимоӣ, рӯҳонӣ ва ҷисмонии онҳо мусоидат мекунад. Ӯ ба фарзандон ёрӣ медиҳад, то аз оқибатҳои аксаран фоҷиавии рафтори бефикрона эмин бошанд.

Ӯ ба онҳо имкон медиҳад, то аз баракати обрӯи нек ҳаловат баранд. Ӯ мекӯшад дар ҳамоҳангшавии ақл ва дили фарзандон ва дар муносибатҳои онҳо бо дигарон ёрӣ расонад.

Интизоми Паравардигор дар ман боиси ҳамин натиҷаҳо мешавад ва ин ҳамон чизест, ки ман барои фарзандонам мехоҳам.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Мувофиқи ин боб, чор типи асосии рафтори волидон ҳаст: автократӣ, ҳамабахшанда, бепарвоёна ва шавқмандона. Кадом услуб ҳангоми кӯдакиатон ба хонадони шумо хос буд? Кадом услуб муносибати худатонро ба интизом аниқтар тавсиф медиҳад?

2.* Дар Нома ба Ибриён (12:10) мақсади ҷазо аз Худо („то ки дар қудсияти Ӯ ширкат дошта бошем“) зикр карда мешавад. Дар сатрҳое ки дар зер пешбинӣ шудаанд, муайян намоед, ки шумо вақти ҷазо додани фарзандон чӣ мақсад доред:

   Ман фарзандонро ҷазо медиҳам, то ки ........................................

   Ман фарзандонро ҷазо медиҳам, то ки ........................................

   Ман фарзандонро ҷазо медиҳам, то ки ........................................

   Ман фарзандонро ҷазо медиҳам, то ки ........................................

3. Оё шумо натиҷаҳои табиӣ ё мантиқиро ҳамчун воситаи тарбиявӣ истифода бурдаед? Оиди мисолҳо фикр кунед. Агар истифода бурдани натиҷаҳои мантиқиро сар карданӣ бошед, инро оҳиста, андак-андак кунед ва ҳангоме ки натиҷаҳои мантиқӣ бояд ҷой дошта бошанд, ҳамеша дар мавқеъҳои худ бимонед.

4. Муносибати худро ба интизомнок кардани фарзандон тафтиш кунед. Он дараҷаеро, ки истифода бурданӣ ҳастед, дар хат бо аломати „х“ ишора кунед.

   ........................................................................................................

   Танқид                                                                                  Ислоҳ намудан

..........................................................................................

Маҳкум кардан — Омӯзондан

..........................................................................................

Тобеъ кардан — Роҳбарӣ

..........................................................................................

Назорат кардан — Озодӣ додан

Кадом иқдомҳо бояд намоед, то дар самтҳои дар боло зикршуда ба Падари мо бештар шабоҳат дошта бошед?

5.* Оё шумо ҷазоро аксаран бо муҳаббат истифода мебаред ё дар хашм? Кадом иқдомҳои мушаххас гузошта метавонед, то ки дар ин соҳа ба беҳбудӣ ноил шавед?

# Падар ва бахшидан



Ман қиссаи Донро аз як дӯсти умумиамон шунидам. Дон падари се духтар ва як писар аст. Ӯ фарзандонро дар партави калисо тарбия менамуд ва ҳамроҳи занаш ҳар як фарзандро мувофиқи принсипҳои Китоби Муқаддас бо боварӣ ва имон тарбия менамуд.

Аммо ҳангоме ки духтари хурдиаш ба синни наврасӣ расид, ҳаёти ҷинсиро сар кард.

Амалан, агар рости гапро гӯем, вай дар муносибатҳои ҷинсӣ бетартиб шуд. Дон ва занаш саъй намуданд барои ба ӯ ёрӣ додан ҳама корро кунанд, аммо ҳеҷ фоида надошт. Вай „бо ҳар каси рост омада“ алоқаи ҷинсӣ карданро давом медод, ва гоҳо ҳангоми набудани волидон дар хонаи худ ҳамроҳи хушдорон бо ин кор машғул мешуд.

Ниҳоят, Дон ӯро назди худ шинонда аз таҳти дилаш, ки аз дард қариб мекафид, сӯҳбат кардан хост.

„Кэти, — гуфт ӯ. — ман ва модарат ҳама имкониятҳоро санҷида дидем. Мо боз чӣ кор карданамонро намедонем. Аммо мо медонем, ки ту дигар наметавонӣ ҳамроҳи мо зиндагӣ карда, корҳои худро давом диҳӣ“. Дон аз духтараш хоҳиш кард, ки аз хона равад. Ӯ ва занаш бовар кунонданӣ шуданд, ки вайро дӯст медоранд, аммо исрор намуданд, ки ё вай ёрии онҳоро дар тағйир додани рафтори худ қабул мекунад, ё барои зистан ягон ҷои дигар пайдо мекунад.

Бегоҳии рӯзи дигар Кэти аз хона рафт. Вай чизҳояшро ба ҷомадон ҷой карда, хонаро тарк кард ва ба волидон нагуфт, ки ба куҷо меравад.

Баъди се моҳ, қарибии соати яки шаб Дон аз занги телефон бедор шуд.

„Падар, — гуфт овоз аз гӯшаки телефон, — ман аз автовокзал занг мезанам“. Ин Кэти буд. Вай боз якчанд суханони бесару нӯг ба

забон овард ва дар охир гуфт: „Ман ба хона баргаштан мехоҳам“.

Дон дар ҷои хоб нишаст ва занашро бедор кард. „Ба ҳеҷ ҷой нарав, — гуфт ӯ бо телефон, ва кӯшиш кард, ки овозаш ором бошад, — ман ҳозир меоям“.

Дон духтарашро дар автовокзал вохӯрда, пеш аз он ки ба хона оварад, вайро дурудароз оғӯш намуд. Ӯ духтарашро истинтоқ накард, ки дар куҷо буд. Ӯ ба вай оиди он ки сабабгори бисёр шабҳои бехобии ӯ буд, гап назад. Ӯ оиди қоидаҳое ки Кэти ҳангоми бозгаштан ба онҳо итоат намуд, ёдрас накард. Ӯ духтарашро фақат бахшид.

Ман ҳамин гуна падар буда метавонам. Ман падари қабулкунанда будан мехоҳам. Ман мехоҳам, то фарзандонам донанд, ки метавонанд гуноҳҳо ва корҳои бади худро эътироф намуда, бахшиши падарро ба даст оваранд. Ман мехоҳам, то фарзандонам донанд, ки падар нисбати онҳо хашму ғазабро нигоҳ намедорад. Ман мехоҳам, то онҳо донанд, ки агар ба ягон кори бад ҷалб шуда бошанд, метавонанд ҳама чизро аз нав сар кунанд.

Ман маҳз ҳамин гуна падар будан мехоҳам, зеро натиҷаҳои рӯҳи набахшиданро дар падарон дидаам. Ман дидаам, ки фарзандоне ки падаронашон нисбати рафтори онҳо нафрат ва талхӣ доранд, бисёр вақт аз худбаҳодиҳии паст азият мекашанд. Ман пайхас кардаам, ки фарзандоне ки падаронашон бо душворӣ онҳоро мебахшанд, худашон бисёр вақт нисбати дигарон оштинопазир ва набахшанда мегарданд. Ман мушоҳида кардаам, ки фарзандони падарони набахшанда аз дидани дурӯғгӯии волидон пур аз талхӣ шуда, бар зидди хонадон, оила ва калисо исён мекунанд.

Аммо аз тарафи дигар, ман дидаам, ки падари бахшанда дар фарзанди худ ҳисси солими худбаҳодиҳӣ ва боварӣ ба худро тарбия карда метавонад. Ман пай бурдаам, ки падарони бахшанда аксаран фарзандоне тарбия мекунанд, ки бахшида метавонанд ва ботаҳаммул мебошанд. Ман боварӣ дорам, ки падари бахшанда фарзандонеро, ки нисбати корҳои бади худ бовиҷдон ҳастанд ва айбу гуноҳҳои худро зуд эътироф менамоянд, осонтар тарбия мекунад, ва ин аксаран ҳам волидон ва ҳам фарзандонро аз фоҷиаҳо ва ҷонканиҳои тӯлонӣ эмин медорад.

Ана барои чӣ ман мехоҳам падари бахшанда бошам, чуноне ки Падари ман ҳаст.

## Бахшидани падар

Тасаввур кунед, ки шумо падари писаре ҳастед, ки бароятон чун гавҳараки чашм буд. Шумо аз рӯзи зода шуданаш ба ӯ муҳаббат ва

диққати худро фурӯ мерехтед. Шумо бори аввал ӯро оббозӣ дорондед. Шумо дучархарониро ба ӯ ёд додед. Шумо ба бисёр бозиҳои бейсбол рафтед. Шумо ҳангоми бемориаш ӯро нигоҳубин мекардед, ва ҳангоми ғамгиниаш кӯшиш мекардед, ки табъашро хуш намоед. Шумо барояш дастрас будед ва ба он чи ӯ шавқ дошт, шумо низ мароқ зоҳир менамудед. Шумо дар ҳаққи ӯ хуб ғамхорӣ менамудед ва барояш тӯҳфаҳои зиёд мекардед. Шумо ҳама кореро, ки падари дӯстдор карда метавонад, кардед.

Писар ба некиҳои шумо чӣ аксуламал нишон медод? Ӯ инро чун чизи ҳатмӣ қабул менамуд. Аксаран ӯ шуморо сарфи назар мекард ва фақат ҳамон вақт наздатон меомад, ки ба вай чизе даркор мешуд, масалан пул барои бензин ё пойафзоли нав барои теннис. Аммо гоҳо ӯ фаъолона ва бо исрор ба шумо итоат намекард. Ӯ бисёр вақт шуморо фиреб медод. Чунин менамуд, ки ӯ аз шумо нангу ор менамуд, ва бо бародарону хоҳаронаш бераҳмона муносибат мекард.

Шумо нисбати чунин писар чӣ ҳиссиёте медоштед? Оё шумо ӯро мебахшидед? Оиди ҷавоб бо диққат андеша кунед, зеро дар ин қисса шумо на падар, балки писар ҳастед.

Падари Осмонӣ ба шумо муҳаббат ва некӯӣ зоҳир намуд, аммо ҷавоби шумо ба Ӯ бо рафторе ки писари дар боло зикршуда дошт, хеле монанд аст (амалан, агар шумо ба ман монанд бошед, хеле бадтар аз он чи тасвир намудам, рафтор менамудед). Аммо ба ҳар ҳол Парвардигор озодона шуморо бахшид ва ҳоло ҳам мебахшад. Ҳайратовар, ҳамин тавр не? Не, дар асл не. Ӯ Худ чунин Падар аст. Ин ҷузъи табиати Ӯст.

> *Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад; ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад... ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст, ҷиноятҳои моро ба ҳамон андоза аз мо дур кардааст. Чунон ки падар ба фарзандон марҳамат мекунад, ончунон Худованд ба тарсгорони Худ марҳамат менамояд* (Забур 102:3.12,13).

> *Ман, Ман ҳамонам, ки гуноҳҳои туро ба хотири Худам маҳв менамоям, ва хатоҳои туро ба ёд нахоҳам овард* (Ишаъё 43:25).

Ӯ Падари бахшанда аст. Фармонҳои Ӯ иҷро намешуданд ва хости Ӯ бештар аз ҳар як падари заминӣ вайрон карда мешуд. Ӯ ҳоло ҳам чун пештара омода аст ва мехоҳад фарзандонашро бахшад. Чун падари

интизор дар масали Исо оиди писари гумроҳ, Худо на танҳо интизор аст, балки мешитобад бубахшад, ва дар марҳамати Худ ҳатто пеш аз садо додани суханони тавбаи мо бахшиданро сар мекунад (ниг. Луқо 15:11-32).

Ман маҳз чунин падар будан мехоҳам, агарчи ба ин бад омода гардидаам, аниқтараш тамоман омода нагардидаам. Ғурури ман садди роҳ мешавад. Ноустувории ахлоқии ман садди роҳ мешавад; гоҳо ман дар худ рӯҳи бахшиданро пайдо карда наметавонам. Тарси ман садди роҳ мешавад; ман хавф дорам, ки фарзандон маро нодуруст мефаҳманд, зеро гумон мекунанд, ки бахшидани ман бо таҳсин ҳаммаъност. Ман на зиёда аз одами сайёраи дигар падари бахшанда буда метавонам. Аммо ман маҷбур ҳам нестам, ки чунин бошам. Азбаски Рӯҳи Худо, Падари идеалӣ, ба воситаи дар Масеҳ наҷот доштанам дар ман сокин аст, ман метавонам ба Ӯ дуо ва таваккал намуда, симои Ӯро барои фарзандонам инъикос намоям. Баъзе хусусиятҳое ки ман онҳоро бо ёрии Парвардигор дарк намудам, инҳоянд:

## Мафҳуми бахшидан

Яке аз монеаҳо дар роҳи бахшидан фаҳмиши номукаммал оиди он аст, ки бахшидан чист ва он чӣ гуна амал мекунад. Бахшидани фарзандони худ маънои онро надорад, ки нисбати беитоатии онҳо саҳлангорӣ мекунам. Ин ҳамчунин маънои онро надорад, ки ман рафтори онҳоро таҳсин мекунам. Ин аз ҷазо озод кардани онҳо нест.

Аллен К. Гуэлтсо, ки барои маҷаллаи „Масеҳият имрӯз“ [„Christianity Today“] менависад, чунин иброз медорад:

> Бахшидан он аст, ки ҳангоме ба шумо бадӣ мекунанд, бо майли том бадбиниро тарк мекунед. Он на танҳо боздоштан ва ё маҳдуд намудани хашм аст, балки пурра аз он озод шудан аст...
>
> Бахшидан хеле бештар аз он вазъиятест, ки воқеаи рӯйдодаро сарфи назар кунед ва вонамуд намоед, ки ҳеҷ чиз нашудааст. Бахшиданро бо баъзе мафҳумҳои дигар, ки барои муқоиса баҳри пурратар намудани манзара истифода мешаванд, омехта кардан даркор нест. Бахшидан маънои афв карданро надорад. Бахшидан як чизи шахсӣ аст; он ба таъсири озори ба шумо расондашуда ва ба эҳтиёҷи аз нафрати пайдошуда озод гардидани шумо дахл дорад. Бахшидан аз шахсӣ дида бештар ба

> категорияи қонунӣ тааллуқ дорад ва на ба муносибатҳои байни озордода ва озордида, балки фақат ба статуси қонунии озори расонда дахл мекунад. Ва афв намудан, бар хилофи бахшидан, танҳо маънои раҳоӣ аз ягон хел вобастагии ахлоқӣ ва озодшавӣ аз ҷазои ҳаққониро дорад.
>
> „Боз як мафҳуме ки аз бахшидан комилан фарқ дорад, узр мебошад“, — менависад К.С. Люис.
>
> Байни бахшидан ва узр фарқи калоне ҳаст. Бахшидан мегӯяд: „Ҳа, ту ин корро кардӣ, аммо ман таассуфи туро оиди ин қабул мекунам, ва инро бар зидди ту нигоҳ намедорам, ва дар байни мо ҳама чиз чун пеш аз ин кор боқӣ мемонад“. Узр бошад чунин маъно дорад: „Ман мефаҳмам, ки ту бо ин ҳеҷ кор карда наметавонистӣ, ё ту на он чизро дар назар доштӣ, ва ту дар ин айбдор нестӣ“. Агар айби касе набошад, пас ҷои бахшидан ҳам нест. Ба ин маъно бахшидан ва узр қариб муқобили якдигар мебошанд.
>
> Агар ин рост бошад, пас, мо набояд аз он тарсем ки ҳангоми бахшидан мо рафтори нодурустро таҳаммул менамоем ё бадиро таҳсин менамоем. Бахшидан на „рафъи айбдорӣ“, балки аниқтараш „раҳоӣ аз нафрат“ аст.[1]

Дуруст фаҳмидани он, ки бахшидан чӣ мебошад ва чӣ намебошад, дар роҳи падари бахшанда шудан иқдоми муҳимест.

## Боздоштани хоҳиши аксуламали беҳад пурэҳсос нишон додан

Фарзандон гоҳо метавонанд моро аз ҳадди сабру таҳаммул берун кунанд, ва он гоҳ бахшидани онҳо душвор мешавад, хусусан дар ҳолатҳое ки гӯё ҳар як амали онҳо барои аз ҳадди эътидол берун кардани мо равона карда шудаанд. Аммо ман дарёфтам, ки чунин вазъиятҳоро барои худ ва барои фарзандон хеле осонтар карда метавонам, агар ба хоҳиши аксуламали беҳад пурэҳсос нишон додан муқобилат намоям.

Ҳар боре ки фарзандон маро водор менамоянд, то аксу ламали беҳад сахтгирона ва набахшанда нишон диҳам, ман саъй мекунам сӯҳбатеро ба ёд оварам, ки дӯсти ман бо як ҷуфти оилавӣ дошт. Ӯ мекӯшид ба ин волидон ёрӣ диҳад, то барои писари исёнкунандаи худ, ки ба кӯшишҳои роҳнамоии онҳо оҳиста ва бо душворӣ аксуламал нишон медод, илоҷе ёбанд.

Ҳангоми яке аз вохӯриҳо дӯсти ман аз онҳо пурсид: „Писаратон дар ҳафтаи гузашта чӣ гуна рафтор дошт?“

Онҳо дарҳол нақл карданд, ки рӯзи ҷумъаи гузашта корҳо хеле бад буданд. Баъд аз он ки дӯстам дар муддати 15 дақиқа нақли онҳоро оиди рафтори бади писарашон дар рӯзи ҷумъа гӯш кард, ӯ пурсид, ки рӯзи панҷшанбе чӣ тавр гузашт. Мӯътадил. Чоршанбе чӣ? Хуб. Оё рӯзи сешанбе бад гузашт? Не. Душанбе чӣ, рӯзи душанбе ӯ чӣ гуна рафтор дошт. Амалан дар рӯзи душанбе ҳамааш аъло буд.

Ниҳоят дӯсти ман натиҷагирӣ кард. Як рӯзи бад наметавонад чор рӯзи хубро тира гардонад. Ҳа, ҳақиқатан, рӯзи ҷумъа ҳама корҳо бад буданд. Аммо оё онҳо беҳбудии назаррасро дар рӯзҳои дигар пайхас накарданд, ва оё инро аз боиси он чи рӯзи ҷумъа рӯй дод, сарфи назар кардан мумкин аст? Онҳо ба фаҳмидани он сар карданд, ки аз афташ, аксуламали беҳад пурэҳсос нишон додаанд, ва умуман рафтори писарашон нисбат ба он ки буд, хеле беҳтар шудааст.

Азбаски муҳаббат бадиро дар ёд нигоҳ намедорад, мо метавонем рӯзҳои бадро бахшем ва фаромӯш кунем, ва аз нобарориҳои фарзандон дида, бештар ба муваффақиятҳои онҳо таваҷҷӯҳ намоем.

## Ёриро ба даст оваред

Зани ман Дотти ҳамеша ба ман дар бисёр ҷанбаҳо, аз ҷумла дар кӯшишҳои падари бахшанда шуданам ёрии бебаҳо мерасонд. Ман аз Дотти хоҳиш кардам, ки ҳангоме ба фарзандон хеле сахтгирона муносибат мекунам, ба ман гӯяд, ва низ агар ман нисбати онҳо бо рӯҳи набахшидан амал намоям, маро огоҳ кунад. Бовар кунед, вай дар ин соҳа корозмуда гардид. Масалан, ӯ чунин мегуфт: „Ҷош, ман чунин меҳисобам, ки ту бояд аз Кэйти бахшиш пурсӣ“ ё „Ҷош, оё ба ту чунин наметобад, ки бояд ба Ҳезер чизе гӯӣ?“ Шунидани ин на ҳамеша осон буд, аммо бе ин мумкин набуд.

Дар ёд нигоҳ доред, ки агар дар эътирофи масъулият назди фарзандон ёрии онҳоро ба даст оварда бошед, онҳо ҳамчунин метавонанд мақсади шуморо оиди падари бахшанда шуданатон ёдрас намоянд. Онҳо метавонанд чунин гӯянд: „Падар, ман гумон намекунам, ки ту маро барои мошини варзишиатро ранг карданам бахшидӣ“ ё „Падар, оё ту боварӣ дорӣ, ки маро барои дастпӯшакатро чун дастпӯшаки бейсбол истифода бурданам бахшидаӣ?“

## Гузаштаи худро фаромӯш накунед

Калоншавӣ масъалаи осон нест. Рости гап, ҳар кадоми мо бояд иқрор шавад, ки ҳангоми калоншавӣ ба монанди фарзандон (агар аз онҳо зиёдтар набошад) рафтори аблаҳона ё дидаву дониста хатоҳо содир менамудем. Рӯзҳои хеле бад ҳам доштем. Мо гоҳо зудранҷ мешудем. Беитоатӣ мекардем (гоҳо тамоман ба таври даҳшатовар!). Вақтҳое буданд, ки мо исён мекардем.

Мо ҳеҷ гоҳ андеша намекардем, ки Парвардигор моро барои волидон ҷазо дода, дар замонаш фарзандони мисли худамон беитоат ва исёнкор ато менамояд!

Бахшидан осонтар ба даст меояд, агар мо камбудиҳо ва нобарориҳои худро, ки на танҳо дар кӯдакӣ, балки дар гузаштаи наздик ҷой доштанд, фаромӯш накунем. Масалан, агар ҳангоми ба хона дер омадани писарам аз худ пурсам, ки оё дар ин ҳафта ба ягон вохӯрӣ дер намондаам, ин ба ман ёрӣ медиҳад (албатта, хоҳ нохоҳ лозим меояд, ки барои рафтори бад ҷазо муқаррар карда шавад — бо мақсади тарбия, аммо агар ман ба гузаштаи худ рӯ оварам, ин барои реша гирифтани рӯҳи бахшидан ёрӣ медиҳад). Агар духтарам квитансияи ҷаримаро барои бо суръати зиёд рондани мошин биёрад, ман ӯро бо осонии бештар бахшида метавонам, агар ба ёд оварам, ки ба қарибӣ худам ҳам қоидаро вайрон карда будам.

## Бахшиданро ёд гиред

Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонашро новобаста ба „бузургӣ"-и хатои содир кардаашон мебахшад. Аммо ман ҳамчунин мехоҳам чунон падаре бошам, ки фарзандонашро барои хатоҳои „хурд" низ мебахшад. Амалан таҷрибаи ман нишон дод, ки „истифода"-и бахшиш дар вазъиятҳои камаҳамияти ҳаррӯза ба падар ёрӣ медиҳад, то ҳангоми ба бӯҳронҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудан ба бахшидан омода гардад.

Ман барои худ ошкор намудам, ки ҳар рӯз барои истифодаи бахшидан имкониятҳои зиёде пеш меоянд. Масалан, агар фарзанд ба ман ё ба Дотти беэҳтиромӣ намояд, ман ба вай огоҳӣ медиҳам, ва баъд бошуурона бахшиданро истифода мебарам. Агар фарзанд ба огоҳии ман алсуламали дуруст нишон диҳад, ман бо табассум мегӯям: „Ман туро бахшидам" (ман кӯшиш мекунам „Ҳеҷ гап не" ё „Ин мушкилие ба миён намеоварад" нагӯям, зеро мехоҳам таъкид намоям, ки хатои содиркардаи ӯро мебахшам, аммо таҳсин намекунам).

Мисоли дигар ҳам овардан мумкин аст, масалан, ҳангоме ки яке аз фарзандон ба хона дер меояд, ман ин хатои камаҳамиятро барои ёд гирифтани бахшидан истифода мебарам. Ман кӯшиш мекунам на он қадар бо эҳсосот гап занам ва барои чунин рафтор ҷазои мувофиқ пешниҳод намоям („Ба фикрам, дар моҳи оянда лозим меояд, ки як соат пештар ба хона биёӣ"), ва баъд бахшиданамро изҳор менамоям.

Чунин имкониятҳои гӯё камаҳамияти ёд гирифтани бахшидан на танҳо дар кӯшишиҳои ба фарзандон зоҳир намудани рӯҳи бахшидан маро дастгирӣ мекунанд (бо ёрии Худо), балки имкон медиҳанд, то дар лаҳзаҳои душвор низ бахшам, ҳангоме вазъиятҳои бӯҳронӣ фаро мерасанд ва бахшидан хеле душвортар, аммо зиёдтар даркор аст.

## Гузарондани „Санҷиши магнитӣ"

Дик Дэй, ки ман ҳамроҳи ӯ китоби „Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон шавем"-ро навиштаам, чунин маслиҳатеро пешниҳод намуд, ки ба ин боб дахл дорад:

> Ҳангоме ки ман дар муносибатҳо бо фарзандон шиддатнокиро ҳис мекунам, ба фикрам, амали беҳтарин он аст, то ақиб гардам ва фарзандонро ҳамон тавре бубинам, ки Худо онҳоро мебинад: шахсиятҳои гаронбаҳо. Ин ба ман ёрӣ медиҳад, ки ба қабулкунӣ ва бахшидан омода шавам, ҳатто агар вазъият ҷазо доданро талаб кунад ҳам. Ман чун пештара метавонам онҳоро дастгирӣ намоям ва бахшам, агарчи лозим меояд, ки бо рафтори онҳо сарукор дошта бошам.
>
> Ин раванди ақибгардиро ман „Санҷиши магнитӣ" меномам. Ҳангоме ки ду магнит аз ҳам ҷудо ва дар майдонҳои гуногуни магнитӣ мебошанд, ба ҳамдигар ягон таъсир намерасонанд. Аммо агар шумо ду магнитро ба майдони умумии магнитӣ ҷойгир кунед, бо онҳо яке аз ду ҳодиса рӯй медиҳад: ё онҳо ба ҳам ҷазб мешаванд, ё ҳамдигарро тела медиҳанд.
>
> Эҳсосоти инсонӣ моро ба магнитҳо монанд мекунанд. Шумо қувваи магнитӣ надоред, аммо шумо эҳсосот доред, ва фарзандатон низ онҳоро дорад. Ҳангоме ки шумо дар оила зиндагӣ мекунед, гӯё ба „майдони эҳсосотӣ"-и умумӣ гузошта мешавед, ва вақте ки чунин мешавад, натиҷае ҳосил мешавад, ки ба рафтори магнитҳои наздикшуда монанд аст. Яке аз ду воқеа рӯй дода метавонад: ё шумо бо фарзанди худ наздик мешавед, ё ҳамдигарро тела медиҳед.

> Ҳар боре ки бо фарзандон ба вазъияти шиддатнок меафтам, ба худ саволҳои душвор медиҳам: „Чаро муносибатҳои ман ба стресс дучор шуданд? Чаро ман ба фарзанди худ чунин аксуламал нишон медиҳам? Чаро фарзандам ба ман чунин аксуламал нишон медиҳад?“ Ҳангоме ки вазъият дар оилаи шумо шиддатнок ё бад мешавад, метавонед хулоса бароред: дар ҳимоя будани фарзандатон ба хатар дучор шудааст ва фарзандро қабул кардани шумо ҳам дар зери хатар аст“.[2]

Албатта бояд дарк кард, ки гузарондани чунин „санҷиши магнитӣ“ на вазифаи фарзанд, балки вазифаи шумост. Азбаски шумо калонсол ҳастед, маҳз шумо бояд ақиб нишаста тавонед — то ки аз вазъият берун баромада, бинед, ки чӣ воқеа рӯй додааст. Баъд хашм ва ё нафрат пайдо шуда метавонанд, ки онҳоро зери назорат нигоҳ доштан даркор аст, ва, агар даркор шавад, шумо метавонед бахшиш ато намоед ва ё бахшиш пурсед, чуноне ки дар фасли навбатии мо гуфта мешавад.

## Худатон бахшиш пурсед

Ман духтари 16-солаи худ Кэйтиро назди худ шинонда, фаҳмондам, ки аз болои ин китоб кор мекунам ва аз ӯ ёрӣ мехоҳам. Баъд ба ӯ савол додам: „Оё мавридеро ба ёд оварда метавонӣ, ки ман туро ранҷонда бошам ва баъд наздат омада, аз ту бахшиш напурсида бошам?“

Вай панҷ ё шаш дақиқа ба фикр фурӯ рафта, хомӯш нишаст. Ман ба худ тасаввур мекардам, ки дар сари ӯ чархакҳо давр мезананд ва ӯ фикран каталоги суханон ва амалҳои беандеша ва бераҳмонаро, ки дар тӯли 16 соли падари ӯ буданам гуфтаам ва ё кардаам, варақ мезанад. Он вақт ба ман чунин метофт, ки ӯ фикран чандин мавридҳоеро аз назар гузаронда, ҳамонеро интихоб кардан мехоҳад, ки маро аз ҳама бадтар нишон медиҳад. Ниҳоят ман ба ин интизорӣ тоб наовардам. Кэйти сухане нагуфт. Ман ин хомӯшии ӯро қатъ карда, гуфтам: „Азизам, ақаллан ягон чизро ба ёд овар“.

Ӯ табассум намуд. „Хуб, падар, — гуфт ӯ, — шояд ин барои ту хуб бошад, аммо барои китобат мувофиқ намеояд“. Ногоҳ ман фикр кардам, ки ӯ ҳозир ягон чизи барои нашр кардан нолоиқро мегӯяд. Баъд ӯ китфонашро дарҳам кашид ва гуфт: „Ман ягон чизи ба ин монандро дар ёд надорам“.

Чӣ гуна сабукӣ! Ва — ман боварӣ дорам, ки занам албатта илова мекард — чӣ хел ҳайратовар!

Не, ман аз он фикр дурам, ки ҳамеша падари идеалӣ будам. Ман боварӣ дорам, мавридҳое буданд, ки мебоист аз Кэйти бахшиш мепурсидам, аммо ин корро накарда будам. Аммо Кэйти ин мавридҳоро ба ёд оварда наметавонист, ва, рости гап, ман ҳам ҳеҷ чизеро ба ёд оварда наметавонистам. Агар чунин мавридҳо ба ёд меомаданд, ман ҳама кори аз дастам меомадаро мекардам, то онро ба таври даркорӣ ҳаллу фасл намоям.

Хатоҳои худро эътироф карда тавонистан ва бахшиш пурсидан дар байни волидони масеҳӣ хеле кам вомехӯрад. Пурсише ки дар байни бачагони ба калисо тааллуқдошта дар чорчӯбаи „Хубро аз бад фарқ кунон“ гузаронида шуд, нишон дод: 37 фоизи пурсидашудагон гуфтанд, ки хеле кам ва ё *ҳеҷ гоҳ* нашунидаанд, ки волидонашон рафтори нодуруст ё ноҳақ будани худро эътироф карда бошанд. Метавон тахмин кард, ки миқдори боз ҳам камтари волидон аз фарзандони худ бахшиш мепурсанд. Ҷои ҳайрат нест, ки фарзандон бо душворӣ хатоҳои худро эътироф менамоянд! Ҷои ҳайрат нест, ки ба волидон пайравӣ намудани фарзандон хеле душвор аст! Ҷои ҳайрат нест, ки фарзандон аз худбаҳодиҳии паст азият мекашанд — охир, аз афташ, волидони онҳо намунаи камолот мебошанд!

Хушо фарзанде ки падараш ба хатокориҳои ӯ пурсабр буда, зуд мебахшад ва ҳеҷ гоҳ нобарориҳои гузаштаи ӯро чун шамшер дар болои сари ӯ нигоҳ намедорад. Чунин падар бештар ба он омода аст, ки дар фарзандонаш худбаҳодиҳии солим ва ҳисси ба худ боварӣ доштанро инкишоф диҳад. Чунин падар бештар ба он омода аст, ки зуд эътироф намудани хатоҳо ва аз гуноҳҳо тавба карданро ба фарзандон ёд диҳад. Чунин падар бештар ба он омода аст фарзандонеро ба воя расонад, ки метавонанд дигаронро бахшанд ва ботаҳаммул бошанд. Чунин падар бештар ба он омода аст, ки симои Падари Осмонии моро инъикос намояд ва, инро амалӣ намуда, фарзандони худро ба Падари идеалии мо наздик кунад.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Шумо дар гузашта то чӣ андоза падари бахшанда будед? Яке аз ҷумлаҳои дар зер овардашударо, ки муносибати шуморо ба бахшидан аниқтар инъикос мекунанд, бо қалам ишора кунед.

   Ман ҳамеша падари бахшанда будам

   Ман гоҳо пеш аз бахшидан дудила мешудам

   Ман гоҳо фарзандонамро мебахшам

   Ман фарзандони худро хеле кам мебахшам

   Ман ҳеҷ гоҳ фарзандонамро намебахшам

2. Дар сатрҳои зерин тасвир намоед, ки ҳангоми кӯдакиатон дар хонаи шумо вазъият бо бахшидан чӣ гуна буд. Ҳозир дар хонаатон чӣ чизи ба он монанд ҳаст? Чӣ дигаргун шудааст?

   ..........................................................................................

   ..........................................................................................

   ..........................................................................................

   ..........................................................................................

3. Шумо *дар ин ҳафта* чӣ кор карда метавонед, то ба фарзандонатон рӯҳи бахшиданро самаранок расонед? Муфассал ҷавоб диҳед ва фикрҳои пайдошударо дар зер номбар кунед.

   ..........................................................................................

   ..........................................................................................

......................................................................................................

......................................................................................................

4. Оё ягон хел вазъиятҳо ҳастанд, ки барои онҳо бояд аз фарзандон бахшиш пурсед? Агар ҳа, ин кадом вазъиятҳо мебошанд ва шумо кай бахшиш мепурсед?

# Падар ва эҳтиром




Оиди воқеае нақл мекунанд, ки бо архиепископ Тиллотсон ҳангоми сарвари калисои ҷомеи Кентербери буданаш рӯй додааст (яъне ӯ мартабае дошт, ки бо қудрат ва нуфуз алоқаманд буд); боре бегоҳӣ ӯ дар хонааш буд, ва касе ба боздиди ӯ омад.

Яке аз хизматгорони ӯ дарро кушода, дид, ки як шахси куҳансоли на он қадар тозалибос, аз афташ аҳли Йоркшир, омадааст. Мӯйсафед аз вай пурсид, ки оё Ҷон Тиллотсон дар хона аст. Хизматгор густохии мӯйсафедро, ки сарвари калисои Кентербериро „Ҷон“ номид, маломат намуд ва ӯро аз хона берун карда, баъди рафтани ӯ дастонашро афшонд, гӯё ҳозиракак ифлосиҳоро берун карда бошад.

Аммо Тиллотсон овози шахси номаълумро шунида, ӯро шинохт, ва айнан ҳамон вақте ки хизматгор дарро мепӯшонд, давида назди дар омад. Ӯ дарро калон кушод ва хизматгоронро ҳайрон намуда, нидо намуд: „Охир, ин шахс падари маҳбуби ман аст!“

Ходими обрӯманди калисо давида назди падар рафт ва пеши пои ӯ зону зад ва хоҳиш кард, ки ӯро баракат диҳад.

Агарчи Тиллотсон дар калисо мартабаи баландеро соҳиб шуда буд, ӯ падари худро, ки йоркширии оддӣ буд, дӯст медошт ва ҳурмат менамуд. Он тавре ки сарвари калисо эҳтиромашро ба падари худ зоҳир намуд, на фақат хислати ӯро инъикос мекард, балки оиди хислати падари ӯ тасаввурот медод.

Ман мехоҳам чунин фарзандонро тарбия кунам ва мехоҳам чунин падар бошам. Ман мехоҳам сазовори эҳтироми фарзандон бошам. Ман мехоҳам, ки онҳо маро ҳурмат кунанд. Ман мехоҳам, ки онҳо зани маро ҳурмат кунанд. Ман мехоҳам, ки онҳо калонсолонро ҳурмат кунанд. Ман мехоҳам, ки онҳо худашонро ҳурмат кунанд.

Ин идеалро ғайривоқеӣ номидан мумкин аст. Ман боварӣ дорам,

ки ин имконпазир аст. Аммо ман ба он низ боварӣ дорам, ки сабаби дар замони мо кам будани чунин эҳтиром дар он аст, ки фарзандони мо аксаран маҳсули аввалин нӯҳ сифати падарии дар ин китоб зикршуда ҳастанд. Падарон бо муҳаббат, қабулкунӣ, покӣ, ростӣ, вафодорӣ, дӯстӣ, бахшидан ва ғайра эҳтироми зану фарзандони худро ба даст меоваранд. Ҳар яки ин сифатҳо ифодакунандаи эҳтироми падар буда, ҳамчунин ба ин эҳтиром сазовор будани ӯро нишон медиҳад.

Эҳтиром ба чунон падаре пайдо мешавад (ва аз чунон падаре бармеояд), ки ба Падари мо монанд аст.

## Симои Падар

Китоби Муқаддас пур аз даъватҳо ба эҳтиром аст. Фарзандон бояд волидонро ҳурмат кунанд. Китоби Муқаддас ба мо амр мекунад: „Падари худ ва модари худро иззат намо...“ (Хуруҷ 20:12). Ба мо фармуда шудааст: „Пеши мӯйсафед бархез ва пирро эҳтиром намо...“ (Ибриён 19:32). Ба мо гуфта шудааст: „Ҳар шахс бояд ба ҳокимиятҳои боло итоат намояд...“ (Румиён 13:1). Павлус ба Тимотиюс навишта буд, ки „пироне ки нағз сардорӣ мекунанд, эҳтироми дучандро сазоворанд“ (1Тимотиюс 5:17).

Китоби Муқаддас ҳурматро мавъиза менамояд, зеро эҳтиром намудани дигарон дуруст аст; ҳар кадоми мо ягон сифати сазовори эҳтиром дорад, ки аз табиати Худи Худо бармеояд. „Худо рӯҳ аст... дар Ӯ ҳаёт [ҳаст]...“ (Юҳанно 4:24; Юҳанно 1:4), ва маҳз ҳамин қисми табиати Ӯро тамоми мавҷудоти инсонӣ доранд, зеро „Худованд Худо одамро аз хоки замин бисиришт, ва ба бинии вай рӯҳи ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд“ (Ҳастӣ 2:7). Одамон ба сурат ва ба шабоҳати Худо офарида шудаанд (Ҳастӣ 1:26-27); онҳо рӯҳҳои намиранда доранд, ки бо арзишнокӣ ва бо мақсади муайян офарида шудаанд. Бинобар ин ҳар як мавҷуди инсонӣ сазовори эҳтиром аст, зеро Худоеро, ки ба ҳамаи одамон ҳаёт ва нафас мебахшад, инъикос менамояд. Дар баробари эҳтиром намудани ҳар як шахс мо бояд ба ҳокимиятҳои боло эҳтиром ва итоат зоҳир намоем, зеро „ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд“ (Румиён 13:1). Эҳтиром ба ҳокимиятҳои шаҳрвандӣ ва калисоӣ қабул намудани ҳокимияти Худоро бар ҳама дар назар дорад.

Ҳайратовар аст, аммо Худованд на танҳо эҳтиромро аз мо ва дар байни мо талаб мекунад. Ӯ ҳамчунин Худаш эҳтиром зоҳир менамояд.

Ӯ моро „ба шабоҳати Худ“ офарид. Маҳз барои ҳамин Ӯ бо мо ба таври шоиста ва хеле боэҳтиромтар аз он ки мо сазовор ҳастем, муносибат мекунад.

> *Пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ* (Забур 8:5,6).

Худо Падари эҳтиромкунанда аст. Ҳамчунин Ӯ Падари савовори эҳтироми олист. Ман маҳз чунин падар будан мехоҳам. Албатта, ман мефаҳмам, ки чунин эҳтиромеро ба монанди Ӯ сазовор нестам — ва ҳеҷ гоҳ сазовор нахоҳам шуд. Ӯ қуддус аст. Ӯ тавоност; ман гуноҳкор ва нотавон ҳастам. Аммо ба воситаи фидокории Писари Ӯ ва амали Рӯҳулқудси Ӯ ман метавонам кӯшиш кунам, ки симои Ӯро дар вазифаи худ назди фарзандон инъикос намоям. Барои ин ман бояд ба Ӯ умед бандам, ба дуоҳо ва Калом диққат диҳам. Ҳамчунин дар ин ҷабҳа он чиз мусоидат хоҳад намуд, агар мо ба соҳаҳо ва малакаҳои зерин диққат диҳем:

## Зоҳир намудани эҳтиром

Шумо бо волидони *худ* чӣ хел муносибат мекунед? Шумо дар ҳузури фарзандон дигаронро чӣ гуна тавсиф медиҳед? Оё шумо ба ҳамсари худ эҳтиром зоҳир менамоед? Ба сардорон? Ба сарварони калисо? Ба ҳамкорон? Оё шумо қоидаҳои ҳаракати нақлиётро эҳтиром менамоед? Қоидаҳои шаҳрро? Офаридаҳои Худоро?

Яке аз усулҳои падари сазовори эҳтиром шудан он аст, ки бояд падари *зоҳиркунандаи* эҳтиром бошед, чуноне ки Худо Падар ба Худ эҳтиромро металабад ва Худаш онро зоҳир менамояд. Муносибатҳо ва рафтори эҳтиромонаи шумо дар пеши ҷавонон ба онҳо нишон медиҳад, ки эҳтиром чӣ гуна бояд бошад ва чӣ гуна зоҳир карда шавад.

Зоҳир намудани эҳтиром ҳамчунин муносибати эҳтиромона ба фарзандонро дар бар мегирад. Баъзе калонсолон эҳтиромро чун кӯчаи ҳаракати яктарафа тасаввур мекунанд; аммо фарзандон низ ба сурат ва ба шабоҳати Худо офарида шудаанд. Ман падаронеро дидаам, ки ба фарзандон баъди баромади нобарор дар майдончаи варзишӣ муносибати таҳқиромез мекунанд. Ман дидаам, ки падарон аз мулоҳизаи бегуноҳонаи фарзанд чашмонашонро ало мекунанд.

Ман дидаам, ки падарон фарзандони худро меранҷонанд ва лақабҳои хафакунанда медиҳанд. Ман дидаам, ки падар бо писари 17-солааш чун бо кӯдаки шашсола рафтор мекунад.

Роҳ сӯи эҳтиром аз пеши пойҳои мо сар мешавад. Ин роҳ аз он сар мешавад, ки мо бо фарзандон муносибати шоиста мекунем ва онҳоро чунон мебинем ки Худо онҳоро мебинад. Ин маънои онро дорад, ки мо ақидаи фарзандонро мепурсем ва ҷавобҳояшонро гӯш мекунем. Ин маънои онро дорад, ки мо ба фарзандон „илтимос“ ва „ташаккур“ мегӯем, чуноне ки ба ҳамаи дигарон мегӯем. Ин маънои онро дорад, ки мо *ба ҳама* эҳтиром зоҳир менамоем — ҳатто ба фарзандони худ — ва бо онҳо чун бо фарзандони Худо муносибат мекунем, зеро онҳо чунин ҳастанд.

## Мафҳуми эҳтиром

Ба баъзе фарзандон доимо мегӯянд, ки эҳтиром кардан даркор аст, аммо онҳо ҳатто тасаввуроне надоранд, ки ин чист. Волидон ҳеҷ гоҳ ба онҳо чӣ будани эҳтиромро нафаҳмондаанд.

Мафҳуми эҳтиром ба фарзандонатон фаҳмондани онро дар бар мегирад, ки Китоби Муқаддас эҳтиром намудани ҳамаи мавҷудоти инсониро, хусусан волидон, пиронсолон, ҳокимиятҳои шаҳрвандӣ ва калисоиро таълим медиҳад. Ҳамчунин бояд тарзи рафторро, масалан муроҷиати эҳтиромона ба калонсолон ва одати барои ягон кас кушодани дарро, ки нишонаи эҳтиром аст, фаҳмонед. Ман мавридеро ба ёд меоварам, ки ҳангоми ба маркази савдо рафтани ман ва Шон рӯй дода буд. Вақте ки мо ба майдончаи мошинмонӣ наздик шудем, бо сӯҳбат машғул будем, ва ман мошинро на он қадар бодиққат мондам.

Ман аз мошин қариб баромада будам, ки ҳамин вақт дар байни ду ҷои мошинмонӣ гузоштани мошинамонро дида мондам. Аввал ман хостам мошинро дар ҷояш гузорам, зеро мо андаке шитоб доштем. Аммо баъд ба худ гуфтам: *Не, охир ин маънои онро дорад, ки ба ягон кас лозим меояд дуртар равад, зеро барои мошинмонӣ ҷой намеёбад — пас ман ба писарам чӣ намунае нишон медиҳам?*

Ман аз Шон хоҳиш кардам, ки дар ҷояш шинад. Баъд мошинро бори дигар дуруст мондам. Дар айни ҳол имкони гуфтугӯ бо писарам пайдо шуд.

„Писарам, — гуфтам ман, — оё ту медонӣ, ки чаро ман бори дигар мошинро ба ҷои мошингузорӣ мемонам?“

„Чаро, падар?“ — пурсид ӯ.

„Медонӣ, — фаҳмондам ман, — дар аввал ман мошинро на он қадар дуруст ба ҷояш гузоштам, зеро ду ҷойро банд кардам. Мошинро дар чунин ҳолат мондан беэҳтиромӣ мебуд. Ягон каси дигар барои мошинмонӣ ҷой намеёфт, ва ба ӯ лозим меомад, ки барои ба магазинҳо рафтан роҳи дуртарро тай намояд.“ Ман аз имконият истифода бурдам, то мафҳуми эҳтиромро ба писарам тавзеҳ диҳам, ва низ ба ӯ фаҳмонам, ки муносибати эҳтиромона чӣ гуна буда метавонад.

## Тарбияи эҳтироми худ

Одати солими эҳтиром намудани дигарон аз эҳтироми худ сар мешавад. Барои ҷавоне ки худро эҳтиром намекунад, хеле душвор мешавад, ки ба падару модар, муаллимон ё ягон каси дигар эҳтиром зоҳир намояд. Падарон метавонанд дар фарзандон эҳтиром намудани худро тарбия намоянд, агар матолиби зеринро ба онҳо расонанд:

*Ман туро эҳтиром мекунам, зеро ту ба сурат ва ба шабоҳати Парвардигор офарида шудаӣ.* Ҳа, ҳақиқатан, гуноҳ ин симоро дигаргун ва тира намудааст. Бо вуҷуди ин, ҳар як кӯдак сазовори эҳтиром аст, зеро ӯ симои Худоро инъикос менамояд.

*Ман туро эҳтиром мекунам, зеро ту узви (шояд эҳтимолӣ) оилаи абадии Парвардигор ҳастӣ.* Павлус масеҳиёнро чун „офаридаҳои Парвардигор“[1] эътироф намудааст. Калимае ки Павлус дар ин оят барои ифодаи „офарида“ истифода бурдааст, *poiema* аст; он асосан ҳангоме истифода мешуд, ки сухан дар бораи маводи зебои эҷоди санъаткорона мерафт (калимаи русии „поэма“ аз ҳамин калима баромадааст). Дигар хел карда гӯем, фарзанди шумо „поэма“-и Худост. Асари бебаҳои санъаткоронаи Ӯст.

*Ман туро эҳтиром мекунам, зеро ту ҳаёти маро ғанитар гардондӣ.* Дар Забур 126:3 гуфта мешавад, ки „...фарзандон мерос аз ҷониби Худованд ҳастанд; самари батн муздест аз ҷониби Ӯ“. Эътирофи он, ки фарзандон ҳаёти шуморо ғанитар мегардонанд, на танҳо ҳақиқати воло ва абстрактӣ мебошад; онҳо беш аз ҳар каси дигар метавонанд моро ба он даъват намоянд, ки ба воситаи эҳсони Худо шахсияти беҳтарин гардем. Фарзандон донишҳоро аз мо қабул менамоянд, аммо онҳо ҳамчунин моро меомӯзонанд. Оё шумо медонед, ки ҳангоми ба маркази савдо рафтан, вақте автомобилро нодуруст мемондам, ба Шон чӣ гуфта истода будам? Ман чизе ба монанди ин: „Шон, охир, ту барои ман ҳақиқатан махсус ҳастӣ. Ман мехоҳам, то ту бидонӣ, ки ман аз имтиёзи падари ту будан фахр

мекунам. Ман яке аз хушбахттарин шахсони ин ҷаҳон ҳастам“ (ҷои ҳайрат нест, ки ӯ нодуруст мондани мошинро надида монд!).

*Ман туро аз боиси нотакрор будани ту, шахсияти ту, истеъдодҳо ва хусусиятҳои ту эҳтиром мекунам.* Ҳар як шахс — ҷавон ё пир — ба ҳисси мансубият, арзишнокӣ ва комил будани худ эҳтиёҷ дорад. Гӯш кунед, ки як зани ҷавон оиди волидони худ чӣ мегӯяд:

> „Ҳангоме ман бори аввал оиди он фикр кардам, ки волидонам чиро дуруст мекарданд, аввал ба ёдам омад, ки онҳо ҳар яки моро чун фардҳои дорои лаёқатҳои гуногун эҳтиром мекарданд.
>
> Таҳсили академӣ ба ману хоҳарам осон буд, мо дар ёд нигоҳ доштан, омӯхтан ва навиштани иншоро дӯст медоштем. Ду бародани мо санъат, назм ва насрро афзал мешумурданд. Онҳо аз эҷодкорӣ ҳаловат мебурданд. Волидон ҳамаи моро ҳавасманд менамуданд, ки омӯзем, малакаҳои хуб ба даст оварем, натиҷаҳои баландро дар мактаб ноил шавем. Дар айни ҳол мо озодии пурра доштем ва ягон хел фишорро ҳис намекардем, зеро волидонамон ба лаёқатҳои мо ягон хел баҳои сахтгирона намедоданд. Волидон моро ба таҳсили илм, ба намуна раҳнамун мекарданд, аммо ба ҳар ҳол лаёқатҳои эҷодии писарон ва дастовардҳои академии маро ба андозаи баробар таҳсину офарин мегуфтанд“.[2]

Чунин муносибат ба фарзандон барои инкишофи худэҳтиромии солимонаи онҳо саҳми босазое гузошта метавонад.

## Талаби эҳтиром намудани зани худ

Якчанд сол пеш, ҳангоме ки духтари калонии мо Келли тақрибан 11-сола буд, ӯ ва Дотти марҳилаи мураккаберо паси сар намуданд, ки дар давоми он борҳо дар байни онҳо шиддатнокшавии муносибатҳо рух медоданд. Келли ба модар беэҳтиромона муносибат карданро сар кард.

Баъди якчанд бор мушоҳида намудани ин гуна ҳолатҳо ман қарор додам, ки акнун бас аст. Ман Келлиро аз китфонаш дошта, меҳрубонона сӯи худ гардондам ва ба чашмонаш нигариста, гуфтам: „Хонумаи ҷавон, ту метавонӣ бо модарат ин тавр гап занӣ, аммо ман ҳеҷ гоҳ иҷозат намедиҳам, ки бо зани ман ин тавр гап занӣ! Ман ин занро дӯст медорам ва ӯро на танҳо аз онҳое ки берун аз оилаи мо мебошанд, балки ҳамчунин аз шумо, фарзандон, ҳимоя мекунам.

Дигар ҳеҷ гоҳ бо зани ман ин тавр гап назан!“

Келли якчанд бор чашмонашро пӯшонда кушода, нимғурма чизе гуфт ва берун баромад. Аммо натиҷаҳои баромади хурди ман дарҳол аён шуданд. Бори дигар, ҳангоме ки ӯ ба Дотти суханони нешдор гуфтанро сар кард, худро дар нисфи сухан боздошт ва ба ман нигариста, гуфт: „Оҳ, охир, ман наметавонам бо зани ту ин тавр гап занам, ҳамин тавр не?“

„Не, Келли, наметавонӣ“, — гуфтам ман ва ба ӯ чашмакӣ задам.

Бе шубҳа, фарзандон эҳтиромро дар хона меомӯзанд, ва агар ман ба онҳо имкон медодам, ки бо модар беэҳтиромона гап зананд, онҳо тамоман на он чизеро меомӯхтанд, ки ман мехоҳам.

## Эҳтироми байни бародарон ва хоҳаронро таъкид намоед

Бародарон ва хоҳарон вобаста ба синну сол, вақти рӯз ва табъашон метавонанд дӯстони беҳтарин, душманони ашаддӣ ва ё ину он дар якҷоягӣ бошанд. Бародарону хоҳарон метавонанд якдигарро хеле дӯст доранд, аммо ҳамчунин метавонанд нисбати якдигар бераҳмии ҳайратовар зоҳир намоянд.

Фарқиятҳо ва ихтилофот дар байни бародарону хоҳарон буда метавонанд, аммо ҳеҷ гоҳ ба беэҳтиромӣ дар байни онҳо роҳ надодан даркор аст. Агар онҳо якдигарро ранҷонанд, ба якдигар лақабҳои бад диҳанд, падари хирадманд дарҳол онҳоро бозмедорад ва мефаҳмонад, ки чунин рафтор ба меъёрҳои библиявии халқи Худо мувофиқат намекунад. Доктор Ҷеймс Добсон чунин ҳудудҳои эҳтиромро пешниҳод мекунад, ки онҳоро дар оилаи худ ҷорӣ намудааст:

Ҳеҷ як фарзанд *ҳеҷ гоҳ* набояд дигареро бераҳмона таҳқир кунад. Нуқта!

Ҳуҷраи ҳар як фарзанд (ё қисми ҳуҷра, агар фарзандон якҷоя дар он ҷо бошанд) ҳудуди шахсии ӯ мебошад.

Фарзанди калонӣ ҳақ надорад фарзандони хурдиро масхара кунад.

Фарзанди хурдӣ ҳақ надорад фарзандони калониро безор кунад.

Фарзандон вазифадор нестанд бо ҳам бозӣ кунанд, агар танҳо будан ё бо дӯстон мушоракат кардан хоҳанд.

Мо ҳар мунозираро ҳарчи зудтар бартараф карда, дар айни ҳол кӯшиш мекунем, ки бетараф ва боинсоф бошем.[3]

## Вазъиятҳои пандомӯзро истифода баред

Падароне ки дар тарбия ба дастовардҳо ноил мешаванд, ҳар як имкониятро барои ба фарзандон расондани ҳикмат ва дониш истифода мебаранд, вазъиятҳои пандомӯзро аз даст намедиҳанд ва саъй мекунанд аз онҳо самараи бештар гиранд.

Сӯҳбатҳои моҳирона равонашаванда ҳангоми хӯроки шом метавонанд ба андешаронии ҳо ҳавасманд карда, дар фарзандон тухми ҳақиқатро коранд. Албатта, ин дар ҳолате буда метавонад, ки оилаи шумо мунтазам якҷоя хӯрок мехӯрад. Агар чунин набошад, чаро сар накунед? Чунин лаҳзаҳо — ҳангоме ки радио ва телевизор хомӯш карда шудаанд — барои муҳокимаи рафтори эҳтиромона имкониятҳои беҳтарин пешкаш менамоянд. Агар дар оилаатон одати мунтазам якҷоя хӯрдани хӯроки шом набошад, саъй кунед онро ба ҳукми одат дароред.

Имкониятеро истифода баред, ки ҳангоме бо фарзанд ба ягон ҷо меравед ё ҳамроҳи ӯ ягон кореро анҷом медиҳед, бо ӯ оиди аҳамияти эҳтиром гап занед. Аз фарзанди худ пурсед, ки зоҳир намудани эҳтиромро ба ӯ чӣ гуна беҳтар карда метавонед. Шумо ҳамчунин метавонед бо эҳтиёт ақидаҳои худро баён намоед, ки чӣ гуна рафтори кӯдак метавонад эҳтиромонатар гардад.

Чуноне ки дар яке аз бобҳои гузашта нақл кардам, кӯшиш кунед ҳар як фарзандро ба „вохӯрӣ“ даъват намоед, то бо намояндаи ҷинси муқобил чӣ гуна муомила кардан ва чӣ гуна қабул намудани арзи эҳтиромро ёд диҳед. Ҳангоме дар супермаркет шоҳиди он мешавед, ки кӯдаке бо модараш дағалона муносибат мекунад, онро дар роҳи бозгашт ба хона бо фарзандатон муҳокима намоед. Ба ҷои шармгинона канораҷӯӣ кардан аз намоишҳои телевизионие ки дар онҳо кӯдакон ба волидон дағалона муносибат мекунанд, беҳтараш онҳоро якҷоя тамошо карда, ҳангоми танаффусҳои рекламавӣ аз фарзандон пурсед, ки оё рафтори дағалона персонажҳоро ҷолибтар, шавқовартар ё бобарортар мекунад (ва ба ҷавобҳои софдилона омода бошед!).

Ман мехоҳам чунон падаре бошам, ки Падари Осмонии ман ҳаст, зеро медонам, ки падари эҳтиромкунанда худ сазовори эҳтиром аст. Ва ман медонам, ки чунин падар бо эҳтимолияти бештар фарзандонеро ба воя мерасонад, ки ба ҳукуматдорон эҳтиромона рафтор менамоянд, худро, бародарон, хоҳарон ва ҳамсолонашонро ҳурмат мекунанд. Ва ман медонам, ки маҳз чунин падар метавонад духтареро ба воя расонад, ки боре чунин мегӯяд: „Ман чунин шахсеро ба шавҳарӣ интихоб мекунам, ки ба падарам монанд бошад ва ман ӯро дӯст

дошта ва эҳтиром намуда тавонам“. Маҳз чунин падар бо эҳтимолияти бештар писареро калон мекунад, ки боре мегӯяд: „Падар, ман мисли ту будан мехоҳам“. Ман медонам, ки чунин падар фарзандонеро ба воя мерасонад, ки ба эҳтироми ҳамсолон, оилаҳо, ҳамкорон, тобеон, ва — ягон вақт — фарзандони худашон сазовор мегарданд. Ман маҳз ҳамин гуна падар будан мехоҳам. Ва, бо мадади Худо, ман чунин падар хоҳам шуд.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Фаслҳои ин бобро мувофиқи тартибе ҷойгир кунед, ки дар кадом соҳаҳо ҳоло бояд вазъиятро дар оилаи худ беҳтар намоед (фаслҳоро аз 1 то 6 рақамгузорӣ намоед, дар айни ҳол рақами 1 бояд соҳаеро нишон диҳад, ки диққати бештаринро металабад).

   Зоҳир намудани эҳтиром.

   Мафҳуми эҳтиром.

   Тарбия намудани эҳтироми худ.

   Талаби эҳтиром намудани зани худ.

   Таъкид намудани эҳтироми байни бародарон ва хоҳарон.

   Истифода бурдани вазъиятҳои пандомӯз.

2. Дар сатрҳои дар зер пешбинишуда воситаҳоеро номбар кунед, ки ба шумо барои беҳтар зоҳир намудани эҳтиром ба дигарон (ба волидон, зан, роҳбар, сарварони калисо ва ғайра) ёрӣ медиҳанд:

   ..............................................................................................

   ..............................................................................................

   ..............................................................................................

3. Дар сатрҳои дар зер пешбинишуда воситаҳоеро номбар кунед, ки ба шумо барои беҳтар зоҳир намудани эҳтиром ба фарзандонатон ёрӣ медиҳанд:

   ..............................................................................................

...........................................................................................................

...........................................................................................................

...........................................................................................................

4.* Се иқдоми муайянро номбар кунед, ки дар ин ҳафта хоҳед гузошт, то ки муносибатҳои эҳтиромонаро дар худ ва дар фарзандони худ устувор намоед:

- 
- 
- 

Сипас ин иқдомҳоро ба амалҳои муайян табдил дода, дар рӯзномаатон сабт намоед.




# Падаре ки муддаои дили Худованд аст

Самуил, пайғамбари Худо, айнан ҳамон тавре ки ба ӯ гуфта шуд, рафтор намуд. Ӯ ба хонаи Йисой, чӯпон аз Байт-Лаҳм, омада, чун генерал ҳангоми намоиши ҳарбӣ, фарзандони ӯро аз назар гузаронд. *Аввал ӯ Элиобро дида, фикр кард. Ин бояд ӯ бошад! Ба ӯ нигаред. Ӯ шахси беҳтарин аст. Дар ӯ ҳама чиз ҳаст — қувва, қомат, ақл ва симои зебо.*

Аммо Худо гуфт: „Не, ин на онест, ки Ман интихоб кардаам".

Сипас Самуил ба Аминодоб нигарист, ва пайғамбар фикр кард, ки сабабҳои интихоби Худо барояш фаҳмо мебошанд. *На ба андозаи Элиоб қоматбаланд, аммо ӯ маҳз ҳамон касест, ки даркор аст, ин аён аст. Ман гӯё мебинам, ки ӯ лашкарро ба ҷанг мебарад, ва дар ваҷоҳати ӯ нишоне аз тарс нест.*

Аммо Худо гуфт: „Давом деҳ, Самуил, охир як рӯзи дароз бо ин кор машғул намешавӣ-ку".

Ва он гоҳ Самуил ба писари сеюми Йисой, Шаммо, рӯ овард ва ҳанӯз пеш аз он ки Парвардигор „Не, ин низ на он аст" гӯяд, ҷавоби Ӯро ҳис кард.

Самуил ҳамаи ҳафт нафар писаронро, ки Йисой бо ифтихор ба пайғамбари Худо пешниҳод намуд, аз назар гузаронд, аммо барои ҳар кадоми онҳо ҷавоби манфӣ гирифт. Самуил безобита шуд: *„Парвардигоро, оё ман ягон ғалат кардаам? Охир, Ту гуфтӣ, ки Йисой аз Байт-Лаҳм, ҳамин тавр не?"*

Дар охир Самуил аз Йисой пурсид: „Оё ту боз писарон дорӣ?"

Йисой китф дарҳам кашид ва даст афшонд. Боз писари хурдӣ ҳаст, — ҷавоб дод ӯ, — аммо ҳозир ӯ рамаро мечаронад".

„Кас фиристода, ӯро биёр", — фармуд Самуил бо чунон қудрате ки фақат пайғамбари Худо дошта метавонист.

Ва Йисой барои овардани писари хурдии худ кас фиристод.

Ҳангоме Самуил писараки омадаистодаро дид, ногоҳ ҳис кард, ки шарорае аз вуҷуди ӯ гузашт, ва ӯ назар ба шунидани ҷавоби Худо бештар онро ҳис кард: „Бархоста, ӯро тадҳин намо, зеро ки ҳамин аст“. Дар он рӯз Самуил Довудро чун подшоҳи ояндаи Исроил тадҳин намуд. Наметавон гуфт, ки сабабҳои интихоби подшоҳи нав возеҳ буданд. Бародарони калонии ӯ ҷанговарони обутобёфта ва сарварони озмуда буданд. Ҳар кадоми онҳо аз он касе ки Парвардигор ба подшоҳӣ интихоб намуд, баландтар, боқувваттар, донишмандтар буданд. Аммо таъиншавии Довуд ҳанӯз пеш аз он эълон шуда буд, ки подшоҳ Шоул фалиштиён ва амолеқиёнро тобеъ намуд, пеш аз он ки ӯ пайғамбарро хашмгин намуд, ва пеш аз он ки дар Ҷилҷол ба Парвардигор итоат накард. „Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва ӯро Худованд бар қавми худ раис таъин хоҳад кард“ (1Подшоҳон 13:14).

Довуд на аз барои қомати худ, шуҷоати ҳарбӣ ё ақли барҷаста подшоҳ шуд. Довуд барои он подшоҳ шуд, ки ӯ шахсе ба муддаои дили Худо буд. Довуд бо Худо муносибатҳои дуруст дошт, байни ӯ ва Худо умумияти махсусе буд, бинобар ин ба ӯ супурда шуда буд, ки Исроилро роҳбарӣ кунад.

Шахсе ки муддаои дили Худост. Ман мехоҳам маҳз ҳамин гуна одам бошам. Ман мехоҳам маҳз ҳамин гуна *падар* бошам. Ман мехоҳам падаре бошам, ки ба муддаои дили Парвардигор аст. Ман мехоҳам барои фарзандонам намунаи дили Падар бошам. Ман мехоҳам ба монанди Падарам муҳаббат ва қабулкунии бечуну чаро зоҳир намоям. Ман мехоҳам қудсият ва покии ӯро инъикос намоям. Ман мехоҳам падари ростгӯй ва шоистаи боварии фарзандон бошам. Ман мехоҳам барои фарзандонам тасалло ва паноҳгоҳ бошам, чуноне ки Ӯ — барои фарзандонаш. Ман мехоҳам чун Ӯ барои фарзандонам дӯст бошам. Ман мехоҳам дар фарзандонам интизомро таъмин намоям. Ман мехоҳам чунон бахшам, ки Ӯ мебахшад. Ман мехоҳам, ки фарзандонам маро эҳтиром намоянд, ва мехоҳам, ки онҳо дар назди дигарон эҳтиром ёбанд.

Падарӣ барои ҳар як насл вазифаи душвор ва мураккаб аст, аммо Ҷерри Адлер, ки барои маҷаллаи „Нюсуик“ менависад, чунин меҳисобад, ки „ҳамагӣ дар тӯли як насл падарӣ (ва модарӣ низ) ду баробар душвортар шуд“.[1] Ӯ талаботҳо ва интизориҳои баландеро номбар мекунад, ки ҷамъият (ва худи падарон низ) дар замони мо ба падарон вогузор менамояд.

Албатта, падарӣ дар асри XXI вазифаест, ки метавонад тамоми захираҳои инсониро талаб кунад ва тахайюлоти ӯро ба ҳадди ақсо расонад. Аммо агар шумо аниқ қарор додаед, то падаре бошед, ки ба муддаои дили Парвардигор аст, шумо фақат бо захираҳо ва тахайюлоти худ маҳдуд нестед. Моҳиятан, шумо умуман маҳдудият надоред, зеро Худо захираи шумост, ва Ӯ бо хушнудӣ „ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард“ (Филиппиён 4:19).[2] Ва агар шумо ба вазифаҳои падарӣ бо зиндадилии ҳақиқатан библиявӣ муносибат намоед, ӯ беш аз пеш чунин хоҳад кард.

## Муносибати дуруст

Каломи Худо моро таълим медиҳад, ки „инсон ҳамон аст, ки дар дили худ фикр мекунад“. Андешаҳо шуморо водор мекунанд, то чун киштии пурқуввате ки мавҷҳои уқёнусро дилпурона мешикофад, ба пеш ҳаракат кунед, ё дудила шуда, дар ҳар як мушкилӣ душманеро бинед, ки киштии шуморо ғарқ карданист. Рӯҳияи мусбати андешаронӣ барои сазовор паси сар намудани вазъиятҳои нотакрор ва маҳдудиятҳои шахсӣ, ки метавонанд садди роҳи падарии шумо гарданд, ҳаётан муҳим аст.

Агар шумо ҳанӯз чунин накарда бошед, худи ҳозир қарор диҳед, ки ба падарӣ бо зиндадилии ҳақиқатан библиявӣ муносибат хоҳед намуд. Ҳаворӣ Павлус гуфтааст: „Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади [Исои] Масеҳ, ки маро қувват мебахшад“ (Филиппиён 4:13). Дар ин изҳорот ин „ҳама“ дар вазъиятҳои мураккаби гуногун падари шоиста ва писандидаи Худо шуданро дар бар мегирад.

Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки ба Падари дӯстдорамон ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти мо маълуманд. Ӯ вазъиятҳои моро медонад, ва мехоҳад ҳар як вазъиятро барои он истифода барад, ки моро устувор намояд ва ҳавасманд намояд, то ҳар яки мо пурра „одами Парвардигор“ шавем. Бинобар ин, ҳама гуна сангҳои пешпо, маҳдудиятҳо ё душвориҳоро имконияте барои рушду нумӯ ҳисоб кунед. Ман боварии қатъӣ дорам, ки падарӣ яке аз роҳҳои асосиест, ки Парвардигор ба воситаи онҳо шахсро ба камолот меоварад. Ин барои зиндадил будан сабаби кофист.

Аксар вакт рӯҳияи фикрии мо на он қадар мусбат аст, зеро мо оиди вазифаҳои волидӣ чун масъулияти *ман*, малакаҳои *ман* ва донишҳои *ман* фикр мекунем. Мо ӯҳдадории Парвардигорро оиди иштироки Ӯ дар ҳар як ҷанбаи ҳаёти мо аз назар соқит мекунем.

Аммо ҳангоме ки мо оиди муроҷиат ба хиради Ӯ, қувваи Ӯ, муҳаббати Ӯ, ҳамдардии Ӯ фикр мекунем, дурнамоҳои мо дигаргун мешаванд. Танҳо Рӯҳи Ӯ метавонад сифатҳо ва малакаҳоеро офарад, ки ба мо даркоранд, то падароне ба муддаои дили Ӯ шавем. Нақши мо аз он иборат аст, ки ҳар рӯз иштироки фаъолонаи Ӯро шодбош гуфта ва пешакӣ ҳис карда, ҳамроҳи Ӯ аз таҷрибаи падарӣ гузарем.

Биёед ақидаҳои баёншударо дар ҷумлаҳои зерин хулоса кунем:

1. Рӯҳияи фикрронии мусбат самаранокии маро чун падар хеле тақвият медиҳад.
2. Падарӣ имкониятест барои нумӯи назаррас дар ҳаёти ман.
3. Душвориҳои падарӣ маро ба дарки вусъат ва воқеияти табиати Худо мебаранд ва захираҳоро дар ҳаёти худам ошкор менамоянд.
4. Ин имконпазир аст — падаре ба муддаои дили Парвардигор шудан!

## Ба душвориҳо аксуламали шоиста нишон диҳед

Падар будан кори ниҳоят душвор буда метавонад. Ин ҳатто дардовар буда метавонад. Аммо дар назди душвориҳо ва дардҳои падарӣ ба даҳшат афтодан лозим нест. Фарқ надорад, ки бо кадом мушкилиҳо дучор мешавед, кӯдакии худатон чӣ гуна буд, чӣ гуна сустиҳо доред, шумо ба ҳар ҳол метавонед қувваи навкунандаи Парвардигорро ҳис кунед, то ки симои Ӯро инъикос намоед — симои Падар — дар худ ва ба воситаи худ.

Бисёр падарон ба ҳолатҳое дучор мешаванд, ки хеле шиддатнок ва мураккабанд. Шумо метавонед аз боиси интихоби кардаатон ба вазъиятҳои мураккабе рӯ ба рӯ шавед, ки аз ҳудуди назорати шумо берунанд. Дар ҳар ҳолат, барои падари шоиста шудан лозим меояд, ки ба мушкилӣ ҳақиқатнигорона назар намоед ва ҳамаи дигаргуниҳои даркориро ба ҷо оваред.

## Падаре ки беҳад зиёд кор мекунад

Мардон дар насли бобоёни мо асосан бо меҳнати ҷисмонӣ машғул мешуданд. Кори имрӯза аксаран ба инсон талаботи зеҳнӣ ва эҳсосотӣ пешниҳод менамояд. Дар назди шахс доимо чорчӯбаи маҳдудиятҳои замонӣ, зарурати иҷро намудани нормаи ҳаррӯза ё ҳармоҳа ва стрессҳои зеҳнии вобаста ба ҷаҳони электронӣ ва суръати

афзояндаи ҳаёт пайдо мешаванд. Агар шумо ба бисёрии падарон монанд бошед, эҳтимол, баъди рӯзи корӣ ба хона аз ҷиҳати зеҳнӣ ва эҳсосотӣ хаста шуда бармегардед ва ҳанӯз оиди он фикр мекунед, ки рӯз чӣ тавр гузашт ва пагоҳ чӣ бояд рӯй диҳад. Ва бисёрии мо хеле зиёдтар аз 40 соат дар як ҳафта кор мекунанд. Дар бисёр ҳолатҳо мо барои иҷрои ӯҳдадориҳои волидӣ захираҳои маҳдуд боқӣ мегузорем.

Бисёриҳо ба ғайр аз кор боз шавқу ҳавасҳои дигар доранд, ки ҳамчунин метавонанд вақти моро аз оила гиранд. Ҳар гуна намудҳои варзиш, машғулиятҳои дӯстдошта, кор дар хона, фаъолият дар калисо ва дар ҷамъияти маҳаллӣ ва низ як қатор машғулиятҳои дигар барои диққати мо бо ҳам рақобат мекунанд.

Агар шумо падаре бошед, ки ӯҳдадориҳои зиёд дорад, мушкилоти шумо дучанд мешаванд. Пеш аз ҳама бояд *шахсият ва афзалшумориҳои худро аз нав баҳо диҳед*. Шояд, шумо ҳангоми машғули коре будан худро бештар аҳамиятнок ва ҳимояшуда ҳис мекунед. Ё шумо аз он сабаб ӯҳдадориҳои беҳад зиёд доред, ки *худатон инро мехоҳед*? Ё шояд шумо афзалшумориҳоро нодуруст ҷо ба ҷо гузоштаед, то муайян намоед, ки (аз нуқтаи назари масеҳӣ) чӣ бароятон аҳамияти бештарин дорад? Шумо ба ин саволҳо ҷавоб доданӣ шуда, худро андаке нороҳат ҳис мекунед? Онҳо метавонанд бароятон ҳатто таҳдидкунанда тобанд. Аммо фаҳмидан муҳим аст, ки кӯшиши сарфи назар намудани ин саволҳо боиси халалдор гардидани муносибатҳо бо фарзандонатон шуда метавонад.

Афзалшумориҳои мард санҷида мешаванд, ҳангоме ба ӯ пешравии дурахшон дар вазифаи корӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба манфиатҳои аъзоёни оилааш мухолифат дорад. Рэй чунин одам буд. Боре ӯ ба ман оиди чунин вазъият нақл кард:

„Ноиб-президенти ширкате ки ман дар он кор мекардам, маро ба офиси худ даъват намуда, гуфт, ки ба ман вазифаи нав пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дошт, ки оилаи мо мебоист ба шаҳри дигар мекӯчид ва ман ӯҳдадориҳои иловагӣ медоштам. Аввал ман хеле шод шудам, зеро дар назди имкониятҳои нав худро ҳеҷ гоҳ боздошта наметавонистам.

Аммо чуноне ки ҳамеша ҳангоми қабули қарорҳои муҳим мекунам, ман ин дафъа низ барои маслиҳат ба Худо муроҷиат намудам. Ҳангоме ки ман ба Ӯ оиди вазифаи нави худ гуфтам, Ӯ ба ман ёрӣ дод, то бинам, ки он ба оилаи ман таъсири судбахш намерасонад. Муносибатҳои ман бо ду писарам чунон хубанд, ки ман фаҳмидам: ман онҳоро баъди кор дар ҷои дуюм гузошта наметавонам.

Аз вазифаи нав даст кашидан душвор буд, зеро дарк мекардам, ки шояд дигар ҳеҷ гоҳ чунин имконият пайдо нашавад. Аммо дар умқи дил ман медонистам, ки интихоби дуруст кардаам!“

Ана ин шахс ба муддаои дили Худо мебошад! Қарори Рэй дуруст гузоштани афзалшумориҳоро инъикос менамояд, ки самари онро ӯ то ҳол меғундорад.

Душвории дуюм, ки дар назди падари бо кори зиёд машғул пайдо мешавад, зарурати дар вазъиятҳои мураккаб роҳи ҳалро ёфтан аст. Масалан, Нейл бо тиҷорат машғул аст ва доимо дар тамоми штат сафар мекунад. Ӯ бисёр вақт дар тӯли ҳафтаи корӣ дар хона нест, аз душанбе то ҷумъа. Ҳангоме ки Нейл чунин ҳафтаҳои корӣ дорад, ӯ кӯшиш мекунад, ки рӯзи шанберо пурра ба оила бахшад. Фарзандони Ӯ интизори ин рӯз ҳастанд, зеро медонанд, ки он вақт тамоми диққати падарро ба даст меоваранд.

Падари хирадманде ки бисёр вақт машғул аст, роҳҳоеро меҷӯяд, ки ҳатто фосилаҳои хурди вақтро пурра истифода барад. Бист дақиқа бо духтари худ сайругашт кардан хеле самарабахш буда метавонад, агар тамоми диққатро ба вай равона кунед. Пеш аз хӯроки шом дар назди хона бист дақиқа бо писар баскетболбозӣ кардан барои муносибатҳои шумо ва низ барои дили шумо (ва миён) фоидабахш буда метавонад. Доимо бо тамоми аҳли оила хӯроки шом хӯрдан — ҳангоме ки телевизор ва телефон хомӯш карда шудааст — ба ҳар як узви оила имконияти хубе барои мушоракати самимӣ ва хурсандибахш дода метавонад.

Ин метавонад кӯшишҳои иловагиро талаб кунад ё зарурати аз нав ҷо ба ҷо гузоштани афзалшумориҳоро ба миён оварад, аммо ҳатто падари хеле бо кор машғул метавонад падаре ба муддаои дили Парвардигор шавад.

## Падари ҷудошуда

Шояд, ба падарии шумо ҷудошавии волидон таъсир расондааст. Ҷудошавӣ муносибатҳои падару фарзандро суст мекунад ва гоҳо тамоман қатъ менамояд. Дар бисёрии ҳолатҳо фарзанд бо модар зиндагӣ мекунад. Агар модари ҷудошудаи ӯ нисбати падар ҳиссиёти талх ва аламноке дошта бошад, муносибатҳои падару фарзанд душвортар мешаванд. Бисёрии падарон аз боиси вохӯриҳои кам дар таъмин намудани муносибатҳои мӯътадил бо фарзандон душворӣ мекашанд. Огоҳии муҳим барои падарону модарони ҷудошуда: ҳеҷ гоҳ фарзандонро дар маркази мушкилоти худ нагузоред. Агар яке аз

волидон нисбати дигаре нафрат зоҳир намояд, фарзанд низ бо эҳтимолияти бештар чунин ҳиссиёт хоҳад дошт.

Дӯсти ман Дик Дэй, маслиҳатчӣ дар масъалаҳои оила ва никоҳ, боре ба ман нақл кард, ки ба назди ӯ як зани ҷудошуда барои маслиҳат оиди духтари 13-солааш омад. Падар ин оиларо пеш аз зода шудани ин духтар тарк карда буд, ва акнун духтар нисбати падар ҳиссиёти талх дошт. Дик аз модар пурсид, ки дар ин 13 сол духтар чанд муддат бо падар буд. Модар тахминан ҳисоб кард, ва маълум шуд, ки қариб ду моҳ будааст. Дик дарҳол ба вай гуфт: „Ҳиссиёте ки духтаратон нисбати падар дорад, дар муддати ин ду моҳи муоширати онҳо инкишоф ёфта наметавонистанд. Ман тахмин мекунам, ки муносибати духтар бо падараш на аз таҷрибаи худи ӯ, балки аз муносибати шумо бармеояд“.

Зан ба хонааш рафт, то ки оиди ин андеша кунад, ва баъд ҳафтаи оянда омад. „Ҳақ ба ҷониби шумост, — гуфт ӯ ба Дик, — ман доимо аламҳо ва нафрати худро ба духтарам мерасондам, ва ин ба ӯ зарар кард. Ман бояд нисбати падари ӯ беҳтар муносибат карданро сар кунам“.

Ман бисёр падарони ҷудошударо медонам, ки душвориҳоро ба таври шоиста паси сар намуда, ба фарзандонашон таъсири мусбат расонданро давом додаанд. Чунин падарон мувофиқи хирад ва нуктасанҷии Падари мо рафтор менамоянд.

*Падарони ҷудошудаи хирадманд бо диққат ва эҷодкорона нақша мекашанд*. Рекс яке аз чунин шахсон аст. Ӯ ду духтар дорад: ҳангоме ки вай аз занаш ҷудо шуд, яке 11-сола ва дигаре 13-сола буд. Агарчи ба Рекс лозим меомад, ки эҳсосоти наврo аз сар гузаронад, ӯ доимо ба духтаронаш муҳаббат ва садоқати худро зоҳир менамуд — ҳеҷ чизи ғайриоддиро не, балки танҳо ғамхорӣ ва муҳаббати падариро. Ҳангоме ки рӯзҳои шанбе онҳо ба хонаи ӯ меомаданд, ӯ бо онҳо вақт мегузаронд — ҳамроҳи онҳо бо коре машғул мешуд, ки ба онҳо маъқул буд. Бо мурури вақт зани собиқи ӯ дарк намуд, ки дар ҳаққи фарзандон ба таври даркорӣ ғамхорӣ карда наметавонад, ва духтарон ба хонаи Рекс, ки он вақт бори дуюм оиладор шуда буд, кӯчиданд. Ҳозир ҳар ду духтар ба шарофати падаре ки дар рӯ ба рӯи душвориҳо ақибнишинӣ накард, ҳаёти мӯътадил ба сар мебаранд.

Агар худи падарони ҷудошуда ҳаёти солими мукаммал ба сар баранд, метавонанд фарзандонашонро хеле беҳтар тарбия намоянд. Ҳангоме ки дар зиндагии мард холигӣ, маъюсӣ ва нафрат ҳаст, онҳо ҳатман берун баромада, ба атрофиён сироят менамоянд. Аммо шахсе

ки ниятҳои устувор дорад, дар гурӯҳҳои дастгирӣ дӯстии наздик пайдо мекунад ва қувваи худро ба он равона мекунад, ки дар ҳаққи дигарон ғамхорӣ намояд, ва барои фарзандон намунаи хубе мешавад.

## Падарандар

Дар муддати якчанд соли охир миқдори волидони бори дуюм оиладоршуда ва оилаҳои „омехта" хеле афзудааст. Зиёда аз 40% ҳамаи никоҳҳое ки дар ИМА ба қайд гирифта мешаванд, дубора оиладор шудани як ё ҳар дуи волидонро дар бар мегиранд. Ҳар амрикоии сеюм — 60 миллион калонсолон ва 20 миллион кӯдакон[3] — модарандар ва падарандар, писар ва духтари ӯгай мебошанд ё бародарону хоҳарони ӯгай доранд. Панҷяки амрикоиҳо дар синни то 18-солагӣ писар ё духтари ӯгай[4] мебошанд. Аз афташ, дар соли 2000-ум оилаҳои дар натиҷаи никоҳҳои дубора пайдошуда, ки дар онҳо танҳо яке аз ҳамсарон фарзандони худро дорад, ва низ оилаҳои омехта, ки дар он ҳар дуи ҳамсарон фарзандони худро доранд, аксариятро ташкил хоҳанд дод[5].

Падар будан хеле мушкил аст, аммо падарандар будан хеле мушкилтар аст. Фарзанди ӯгайи шумо метавонад аз боиси забти ҳудуд (модараш), ки вай аз они худ меҳисобид, ба хашм ояд. Вай метавонад шуморо чун ҳарифе ҳисобад, ки ба диққат ва меҳри модари вай даъво доред. Эҳтимол, кӯшишҳои роҳбарӣ намудани ҳаёти вай низ рад карда мешаванд. Вай метавонад донистан хоҳад, ки шумо бар вай кадом қудрати қонунӣ доред, зеро падари ҳақиқии ӯ нестед. Ва ҳатто дар ҳолате ки шумо ба кӯдак маъқул ҳастед, ӯ ба ҳолати бӯҳронӣ дучор шуда метавонад, зеро гумон мекунад, ки ба шумо муносибати дӯстона ё меҳр доштан хиёнат ба падари ҳақиқӣ мебошад.

Барпо намудани муносибатҳои хуб бо фарзанди ӯгай дар як рӯз ба амал омада наметавонад. Дар айни ҳол ман дарёфтам, ки падари ӯгай аз тарбияи кӯдак хурсандӣ пайдо карда метавонад. Ман ҳамчунин муносибатҳои пурмеҳр ва бардавоми падари ӯгай ва фарзанди ӯгайро дидаам. Ман мехоҳам баъзе самтҳоеро тасвир намоям, ки барои шумо фоиданок буда метавонанд, агар шумо падари ӯгай бошед.

*Дар ёд нигоҳ доред, ки дохилшавӣ ба оила вақти зиёдро металабад.* Ба кӯдакон вақт даркор аст, то оиди ҳиссиёти худ андеша кунанд ва ба муносибатҳо бо шумо омода гарданд. Агар

шумо хоҳед, ки дар муносибатҳо беҳад тез пеш равед ё бар кӯдак ҳукмронии сахт ҷорӣ карданӣ шавед, шояд, вай аз шумо дур мешавад. Ба вай вақт диҳед, то шуморо аз наздик шиносад, бо шумо муносибатҳои боваринок барпо намояд ва аз ӯҳдаи ҳиссиёти хавотиромези худ барояд.

Дар бисёр оилаҳои омехта вазъият чунин аст:

1. Дар аввал кӯдак хуш қабул мекунад: „Ӯ ба ман маъқул аст. Бо ӯ оиладор шав“. Кӯдакон метавонанд ақидае дошта бошанд, ки ҳар он чи модари онҳоро хушбахт мекунад, хуб аст.
2. Тамом шудани „моҳи асал“ барои кӯдак: „Ту ба ман маъқул не! Ту падари ман нестӣ! Ман гуфтаҳои туро *ба ҷо намеоварам*“. Хеле муҳим аст, ки дар ин марҳила ин чиз шасти шуморо нагардонад ва рӯҳафтода накунад. Дар ёд нигоҳ доред, ки дар дохили кӯдак ҳиссиёти гуногун ғалаён карда метавонанд, ки ҳатто худаш сару нӯги онҳоро ёфта наметавонад. Шумо метавонед объекти хашми ӯ шавед, ки аз боиси падари худаш ба амал омадааст. Ё ӯ метавонад шуморо санҷад, ки оё *ҳақиқатан* дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ мекунед ва ӯ бароятон азиз аст. Ҳамдардӣ, сабр ва ошкороии ҳатмии шумо, эҳтимол, дар ниҳояти кор ғолиб меоянд.
3. Меҳри кӯдак дар асоси санҷидашуда ва боваринок. Кӯдак медонад, ки шумо ӯро чун шахсият қабул мекунед ва новобаста ба фарзанди кӣ буданаш дӯст медоред.

Марҳилаи сеюм ва охирин якчанд ҳафта ё якчанд моҳ давом карда метавонад. Дар мавридҳои махсус он солҳо давом карда метавонад. Аммо падарандаре ба *муддаои дили Худо*ро низ мукофотҳои падарӣ интизоранд, чуноне ки падари ҳақиқиро.

## Падари нокомил

Ҳамаи мо ба ин гурӯҳ тааллуқ дорем, агарчи эътирофи ин на он қадар хуш буда метавонад. Ҳар кадоми мо ба падарӣ бо ин ё он камбудӣ дохил мешавад. Аммо Худо метавонад нокомилӣ, маҳдудиятҳо ва ба талабот ҷавобгӯ набудани моро мағлуб намояд ва ё ҳатто истифода барад, то ки моро падарони муддаои дили Худо гардонад.

Баъзе мардон *маҳдудиятҳои шахсӣ* доранд, ки самаранокии онҳоро чун падарон кам мекунанд. Масалан, Эл ба ёд меоварад, ки хашми кайҳо дар ӯ реша давондаро, ки доимо дар сухан ва амалҳои

ӯ зоҳир мегашт, ҳамеша фурӯ менишонд. Карл мағлубияти худро ҳис мекунад, зеро ҳеҷ гоҳ „не“ гуфта наметавонад ва оилаи худро дар муқоиса бо хоҳишҳои дигарон ба ҷои дуюм мегузорад. Ӯ аз ҳисси айбдорӣ азият мекашад. Пол дар байни ҳамсолон чун „шахси ҳамеша айбдор“ калон шудааст ва доимо шарм медошт, ки далертар буда наметавонад.

Дигар мардон *дар малакаҳо маҳдудият* доранд. Онҳо тамоман намедонанд, ки чӣ тавр падарони сазовор бошанд. Марк олими шинохта аст ва дар байни ҳамсолон обрӯю эътибор дорад, аммо агар бо ӯ оиди фарзандон гап занед, чеҳрааш тира мегардад. „Ба фикрам, ман аз ӯҳдаи ин хуб намебароям, ман намедонам чӣ кор кунам“, — оҳ мекашад ӯ.

Ҳангоми семинарҳои зиёд барои волидон, ки дар давоми солҳои зиёд мегузарондам, ман бисёр вақт ҳамон як шикоятро мешунидам: „Кошки ҳамаи инро пештар медонистам, ҳангоме ки фарзандонам хурдтар буданд. Ман бисёр рафторҳои беақлона кардаам“.

Яке аз сабабҳои он ки мардон норасоии малакаҳои падариро ҳис мекунанд, он аст, ки онҳо намунаи ибрат надоштанд. Бисёрии мардон бе падар калон шудаанд. Дигарон дар оилаҳое калон шудаанд, ки падарон аз боиси кори бисёр, машғулиятҳои дӯстдошта ва ё бепарвоӣ аксаран дар хона набуданд. Ҷамъияти бешахси мо бошад имконияти берун аз хона барои фарзандон пайдо намудани намунаи ибрат — марди калонсолро хеле кам мекунад. Бисёр падарон ҳеҷ гоҳ надидаанд, ки падари хуб будан чӣ маъно дорад. Ман оиди он дуо мекунам, ки ин китоб ба онҳо ёрӣ диҳад.

## Маҳдудиятҳо — имкониятҳо барои нумӯ мебошанд

Биёед софдилона иқрор мешавем: ҳар яки мо маҳдудиятҳои шахсӣ дорад. Ҳаёти масеҳиёна нумӯи (калоншавӣ) тадриҷӣ мебошад. Худованд ҳар яки моро даъват менамояд, ки роҳҳои нави озод шуданро аз гуноҳҳо ва одатҳои бад, ки моро аз шодӣ ва пуррагии ҳаёт маҳрум мекунанд, пайдо намоем. Агар мо дар назди худ софдил бошем, бояд иқрор шавем, ки сустиҳо ва нобарориҳои мо дар амалӣ гардондани вазифаҳои падарӣ даъват менамоянд, ки мо имкониятҳои нумӯи шахсиро баҳо диҳем. Мо метавонем ё онҳоро рад кунем, ё дар онҳо даъватро ба он бинем, ки шавҳарон ва падарон ба муддаои дили Худо шавем.

Ман бовар мекунам, ки ҳаёт тӯҳфаи махсусест аз Падари дӯстдори мо. Кафорати Парвардигор, ки ба воситаи Исои Масеҳ ифода ёфт,

ишораи равшанест ба он, ки Ӯ мехоҳад дар дохили мо дигаргуниҳо ба амал оварад. Захираҳои Ӯ ҳамеша тайёранд. Ҳамаи он чи Ӯ мехоҳад. — он аст, ки мо ба ӯ ҷавоб диҳем, ҳангоме ки Ӯ моро назди Худ мехонад, то имкони дӯст доштан, роҳнамун сохтан, ғанӣ гардондан, озод намудан, баракат додани моро дошта бошад. Ва вазифаҳои падарӣ яке аз масъалаҳои амалие мебошанд, ки Ӯ дар ҳалли онҳо бо мо иштирок карда метавонад.

Шумо маҷмӯи вазъиятҳои худ ва тарафҳои суст ё боқуввати фақат ба шумо хосро доред. Бигузор падарӣ барои шумо вазъияти ҳаётие шавад, ки дар он худро ба марди Худо шудан бахшида тавонед, чуноне ки Парвардигор шуморо даъват менамояд. Ва он гоҳ на танҳо ҳаёти худатон пурратар мешавад, балки шумо метавонед ташнагии ибтидоӣ ба росткориро ба писарону духтаронатон расонед. Ва ин, албатта, барои ҳама касоне ки шумо ба онҳо ато карда метавонед, тӯҳфаи бузургтарин хоҳад буд.

Хоҳ донед ва хоҳ надонед, аммо даҳ сифати падарӣ, ки ман дар ин китоб муҳокима намудам, аллакай ба шумо хосанд, агар шумо „аз Рӯҳ таваллуд ёфта бошед“ (Юҳанно 3:8; 2Таслӯникиён 2:13). Ба шарофати дуоҳо, амалӣ гардондан ва нумӯ дар Масеҳ ҳар яки ин сифатҳо сайқал ёфта, дар муносибатҳо бо фарзандонатон амалӣ гашта метавонад. Ба Ӯ ҳар рӯз умед баста ва таваккал намуда, шумо метавонед чунон падаре шавед, ки Падари Осмонии мо мебошад.

# Меандешем, муҳокима мекунем ва амал менамоем

1. Муносибати умумии худро ба мураккабиҳои падарӣ, ки бо фарзандонатон вобаста аст, баҳо диҳед. Оё ин муносибат мусбат, манфӣ ё чизе дар байни инҳо аст? Сабаби ҷавоби худро фаҳмонед.

2. Занатон муносибати шуморо ба вазифаҳои падарӣ, ки бо фарзандонатон вобаста аст, чӣ гуна қабул мекунад? Ҷавоби худро фаҳмонед.

3. Ҷумлаи зеринро давом диҳед ва дар ёд нигоҳ доред: „Ба фарзандони худ падари дӯстдор ва ғамхор будан барои ман хеле хуб аст, зеро...“

4.* Кадом ду консепсияеро, ки дар ин боб таҳлил мешаванд, барои худ ҷудо мекунед? Фаҳмонед, ки чаро онҳо диққати шуморо ҷалб намудаанд ва кадом амалҳоро ба ҷо овардани ҳастед, то онҳоро ба ҳаёт татбиқ намоед.

5.* Ҷои оромеро ёфта, даҳ ё понздаҳ дақиқаро барои анҷом додани ҷумлаи зерин бахшед: „Дар натиҷаи хондан, андешидан ва таҳлил намудани ин китоб ман мақсад дорам...“ То ҳадди имкон муфассал ва ҷиддӣ нависед. Баъд навиштаатонро ба дигар аъзоёни гурӯҳатон хонда диҳед. Баъди он ки ҳама навиштаҳои худро хонданд, дуоҳои худро муттаҳид намоед, то ки Худованд ба шумо барои амалӣ гардондани ин нақшаатон ёрӣ диҳад. Агар шумо китобро дар гурӯҳ таҳлил мекарда бошед, навиштаатонро ба занатон ё ба дӯсте ки ба вай боварӣ мекунед, хонда диҳед.

6. Кадоме аз даҳ сифати дар ин китоб таҳлилшаванда дар ҳаёти шумо қавитар аст? Кадоми онҳо бештар ба инкишоф эҳтиёҷ дорад? Дуо кунед, то ки Худованд ба шумо барои инкишоф додани ҳар як сифат қувват диҳад.



# Илова

## Падар бо фарзандонаш бо чӣ машғул шуда метавонад

Дар ҳар се моҳ як бор барои ҳар яки фарзандон „вохӯрӣ бо падар“ ташкил намоед.

Дар нимаи дуюми рӯзи якшанбе „марафони оилавӣ“-и бозиҳои рӯимизӣ гузаронед.

Дар арафаи иди Мавлуди Масеҳ дар атрофи маҳал сайругашт кунед, то ороишот ва чароғакҳои мавлудиро тамошо кунед.

Якҷоя бо ягон кори хона ё бо таъмири мошин машғул шавед.

Барои модар наҳорӣ, хӯроки нисфирӯзӣ ва ё хӯроки шоми махсус тайёр намоед. Бигузор фарзандон меню тартиб диҳанд ва чун пешхизматон хизмат намоянд (Баъди хӯрок ба тартиб овардани рӯи мизро аз ёд набароред!)

Берун аз хона, дар кафе наҳорӣ кунед. Бигузор фарзандатон барои шумо хӯрок фармоиш кунад.

Якҷоя модел созед... аммо бигузор фарзандатон қисми бештари корро кунад.

Ба табиат ба сайругашт бароед.

Поход бо хаймаҳо ташкил кунед — барои як шаб ё ба муддати ҳамаи рӯзҳои истироҳат.

Барои зиёфат намудани дӯстони фарзандатон печение бо шоколод пазед.

Ду фотоаппарати арзон ва миқдори зиёди навор гиред. Ҳангоми сайругашт, дар боғи ҳайвонот, дар хона ва ғайра якҷоя сурат гиред. Суратҳои беҳтаринро интихоб намуда, фотоалбом кунед.

Оятҳои асосии Навиштаҳоро интихоб намуда, якҷоя аз ёд кунед; муҳокима кунед, ки ҳар як оят бароятон чӣ маъно дорад. Ҳар боре ки даҳ ояти навро аниқ аз ёд гуфта тавонед, якдигарро бо яхмос зиёфат кунед.

Бо фарзандонатон мусобиқаи крикет ё бадминтон ташкил намоед.

Ҳамроҳ бо бозии видеоӣ машғул шавед.

Якҷоя дар компютер кор кунед.

Ба бозиҳо ё мусобиқаҳои варзишӣ, ки фарзандатон дар онҳо иштирок дорад, равед. Ӯро дастгирӣ ва таъриф кунед (чун тренери дилмонда рафтор накунед).

Ба фарзандатон гӯед: „Ман мехоҳам бароят дар ин ҳафта дуо кунам. Дар сари ту чӣ андешаҳо ҳастанд — дуоҳои маро оиди чӣ шунидан мехоҳӣ?“

Лоиҳаи гулзорро тартиб дода, дар боғ якҷоя гулҳо шинонед.

Як сабад меваҳо, нон, печение ва консервҳоро ҷамъ карда, дар остонаи хонаи оилаи эҳтиёҷманд гузоред.

Ба фарзанд чунин савол диҳед: „Аз он чи имрӯз бо ту рух дод, кадоме беҳтарин аст?“

Аз фарзандон хоҳиш кунед, ки бароятон дуо кунанд.

Якҷоя барои модар ё бобову бибӣ барномаи „Ин ҳаёти туст“-ро бо воқеаи ғайричашмдошт ташкил намоед.

Ба фарзандонатон гӯед, ки чаро модари онҳоро дӯст медоред. Аз

онҳо хоҳиш кунед, то ба шумо гӯянд, ки чаро модарашонро дӯст медоранд. Сипас як варақи ватманро гиред ва ҳамаи фарзандонро ҷамъ карда, хоҳиш кунед, ки ин гуфтаҳояшонро оиди дӯст доштан бо фломастерҳо нависанд, то ки табрикномаи калон ҳосил шавад. Бигузор фарзандон онро оро дода, ба модар тӯҳфа кунанд.

Бо як ё ду оилаи дигар муттаҳид шуда, шаби истеъдодҳоро ташкил намоед, то ки ҳар яке иштирок намояд. Видеокамераро ба иҷора гиред, то ки ин воқеаро барои хотира сабт намоед.

Ҳангоми хӯроки шом аз ҳар яке пурсед, то оиди лаҳзаи нохуштарини ҳаёташ нақл кунад.

Варақчаҳои андозаашон 8x13 тайёр кунед ва ба ҳам часпонед, то ки барои ҳар як фарзанд китобчаи худсохти купонҳо ҳосил шавад. Ҳар як купон барои як поход бо падар, масалан, ба питсерия, ё барои яхмосхарӣ, ё бозии бейсбол, ё кегелбан, ё роликбозӣ ҳуқуқ медиҳад. Қоидаи пешниҳодшаванда: маҳдудият дохил кунед — як купон барои як фарзанд ба муддати як моҳ.

Яке аз китобҳои Навиштаҳои Муқаддасро хонед ва дар давоми хондан таҳлил намоед.

Ба осорхонаи маҳаллӣ ё шаҳрӣ равед.

Ҳамроҳи фарзандон барои модар духие интихоб намоед, ки ба ҳамаатон маъқул шавад.

Боғи олуча ё себро пайдо намуда, ҳамроҳи фарзандон рӯзи ҷамъоварии меваҳо ташкил намоед.

Ба магазин сафар ташкил кунед, то барои худ ва фарзандон либосҳо харед.

Фаҳмед, ки оё дар шаҳри шумо консертҳо дар ҳавои кушод гузаронда мешаванд. Пикник (зиёфат) ташкил кунед ва ҳамаи инро ба як шабнишинии хубе табдил диҳед.

Ба китобхона равед. Ҳар як фарзандро ба абонемент нависонед ва барои донистани олами китобҳои хуб ёрӣ диҳед.

Видеокассетаеро бо барномаи аэробика харед ё ба иҷора гиред ва ҳамроҳи фарзандон машғул шавед.

Якҷоя ба спектаклҳо ва консертҳое равед, ки дар коллеҷҳо ё донишгоҳҳои маҳаллӣ гузаронда мешаванд.

Бо тамоми аҳли оила сайр бо дучархаҳо ташкил кунед.

Якҷоя бодбарак сохта, онро ба ҳаво сар диҳед.

Ҳамроҳ ба сохтмони наздиктарин рафта, рафти корҳоро мушоҳида кунед, ва гӯед, ки чӣ гуна тадриҷан бино, хона ё роҳ ҳосил мешавад.

Агар фарзандонатон бобоҳову бибиҳои барҳаёт дошта бошанд, „Рӯзи бобоҳо ва бибиҳо"-ро бо табрикномаҳои махсус, ки ҳамроҳи фарзандон тайёр кардаед, ташкил намоед. Баъд ҳамин гуна идро барои модар, сипас — барои ҳамсояҳо ё дӯстон, барои шубон ва ғайра ташкил намоед.

Ҳамроҳи фарзандон кошинкорӣ (мозаика) карда бинед.

Баъди хӯроки шом ягон хел бозӣ ташкил кунед ва барои ба тартиб овардани ошхона ёрӣ диҳед; ғолиб интихоб мекунад, ки чӣ кор мекунад.

Ба фарш нишаста, барномаи дӯстдоштаи фарзандатонро ҳамроҳаш тамошо кунед.

Фарзандонро ҳамроҳ ба боғ бурда, барои модар ё ягон шахси наздики дигар гул чинед.

Барои духтаратон дастагуле тартиб диҳед.

Ҳамроҳи писаратон рафи китобмонӣ ё собунмонаки овезон созед.

Шом бо шамъҳо ташкил намоед. Тамоми чароғҳои барқиро хомӯш кунед ва дар камин оташ гиронед, поп-корн муҳайё намоед ва бигузор ҳар кас қиссаи худро нақл кунад.

Ҳамроҳи фарзандон барои одамоне ки дар ҳаётатон аҳамияти зиёд доранд, дуо кунед.

Пешакӣ занг занед ва ба истгоҳи сӯхторхомӯшкунӣ экскурсия ташкил намоед.

Якҷоя ҳубобҳои ҳавоӣ сар диҳед.

Ҳангоми иди Мавлуди Масеҳ, Фисҳ, иди Истиқлол ва дигар идҳо спектакли хурди хонагӣ ташкил кунед, то ки фарзандон аҳамияти идро дарк намоянд.

Ҳангоме ки ҳар яки фарзандонатон 12-сола мешавад, ба ӯ қуттичаеро бо 52 варақ, ки барои „муносибати махсус" ҳуқуқ медиҳанд, тӯҳфа намоед. Фарзандатон метавонад ҳар ҳафта як варақро барорад. Дар варақҳо ваъдаҳо ё иҷозатҳои осон ва мураккабро нависед (масалан, „Ин ҳафта ту метавонӣ як соат дертар ба хоб равӣ", ё „Дӯст (дугонаатро) барои шабгузаронӣ ба хонаамон даъват кун", ё „Ҳамроҳи падар ба кафе-яхмос рав").

Якҷоя дар ягон маъракаи калисоӣ ё иҷтимоӣ кор кунед. Дар паноҳгоҳи шахсони бехона хӯрок тақсим кунед ё ихтиёрӣ дар беморхонаи калисо ёрмандӣ кунед.

Якҷоя ба ягон хел курсҳо равед: суратгирӣ, чӯбтарошӣ, автомобилдонӣ, таъмири хона ва ғайра.

Ба шахсоне аз калисои шумо, ки аз имон рӯ гардондаанд, мактубҳо нависед ё ба беморхонаҳои маҳаллӣ равед ва бо худ сагчаеро баред, то ки беморон онро сила ва навозиш карда тавонанд.

Якҷоя хондани „Хроникаҳои Нарния"-и К.С. Люисро сар кунед.

Фарзандатонро дар назди мактаб вохӯрда, барои ӯ тӯҳфаи ғайричашмдошт кунед, яъне ӯро ба кино, ба сайру зиёфат, ба питсерия баред.

Дар мактаб ҳамроҳи фарзандатон хӯроки нисфирӯзӣ ташкил кунед.

„Хӯроки шоми пинҳон кардашуда" ташкил намоед. Хӯрокҳои зуд

тайёршавандаро дар тамоми хона пинҳон карда, бо сухан ишора кунед, ки хӯроки якум дар куҷост (ишора ба макони хӯроки дуюм ҳамроҳи якум пай бурда мешавад ва ғайра). Хӯрокҳои ёфтаро якҷоя пазед.

Барои ҳар як узви оила „Шоми иззату эҳтиром“ ташкил кунед. Хӯроки дӯстдоштаи ин шахсро пазед, дар сари миз барои ӯ ҷои махсуси фахрӣ муқаррар намоед, лавҳачае часпонед, ва бигузор ҳар як узви оила фикри худро баён кунад: „Он чи ба ман дар рафтори ин шахс маъқул аст...“

Ҳар моҳ як бор хӯроки шоми расмиро ба нақша гиред. Ҳар яке ба таври муносиб либос мепӯшад, дар рӯи миз зарфҳои гаронбаҳо гузошта мешаванд ва ғайра. Ин имкониятро барои омӯзондани қоидаҳои одоби муошират (этикет) истифода баред.

# Эзоҳот




### БОБИ 1

1. Compiled from figures published by the Children's Defense Fund and the book, 13th Generation, by Neil Hove and Bill Strauss, and a Fortune Magazine special report, "Children in Crisis: The Struggle for America's Kids", 10 August 1992.
2. Lois O. Caldwell, When Parents Become Parents (Grand Rapids, Mich.: Barker Book House, n.d.).
3. Claudia Wallis, "Stress: Can We Cope?" Time (June 5, 1983): 48-54.
4. Kathleen Fury, "Sex and the American Teenager," Ladies' Home Journal (March 1986): 60.
5. Armand Nicholi Jr., "Changes in the American Family," White House Paper (October 25. 1984): 7-8.
6. Josh McDowell and Bob Hostetler, Right from Wrong (Dallas: Word Publishing, 1994), 255.

### БОБИ 3

1. Dan Benson, The Total Man (Wheaton, Ill.: Tyndale House Publishers, 1977), 26.

### БОБИ 4

1. Jerry Adler, "Building a Better Dad," Newsweek (June 17, 1996):61.
2. Kathleen Fury, "Sex and the American Teenager," Ladies' Home Journal (March 1986): 60.
3. Marilyn Elias, "Parents' Divorce Affects Sex Lives of Collegians," USA Today (November 8, 1989): 1D.
4. Christopher P. Anderson, Father: The Figure and the Force (New York: Warner Books, 1983), 86-87.
5. Frank Martin, The Kid-Friendly Dad (Downers Grove, Ill.: InterVarsity Press, 1994), 85.
6. Leslie Jane Nonkin, I Wish My Parents Understood (New York: Penguin Books, 1982), appendix 2, 58.
7. Reginald W. Bibby and Donald C. Posterski, The Emerging Generation — An Inside Look at Canada's Teenagers (Toronto: Irwin Publishing, 1985), 39.

8. Stewart Powell, "What Entertainers are Doing to Our Kids," US News and World Report (October 28, 1985): 46.
9. Carol Towarnicky, "Positive images need to combat teenage pregnancy," Houston Chronicle (January 12, 1986): 17-18.
10. As quoted in Why Wait? by Josh McDowell and Dick Day (San Bernardino, Calif: Here's Life Publishers, 1987), 45.
11. Thomas L. Trevethan, The Beauty of God's Holiness (Downers Grove, Ilt: InterVarsity Press, 1995), 13.
12. Josh McDowell and Dick Day, How to Be a Hero to Your Kids (Dallas: Word Books, 1991), 132.

## БОБИ 5

1. "Top High School Students Admit They Have Cheated," Associated Press story appearing in the Hamilton Journal-News (October 20, 1993).
2. George Barna, The Invisible Generation (Glendale, Calif: Вата Research Group, 1992), 81.
3. See 1 Thessalonians. 4:11-12.
4. Dennis Rainey, Pulling Weeds, Planting Seeds (San Bernardino, Calif: Here's Life Publishers, 1989), 29-30.
5. Psalm 23:3.

## БОБИ 6

1 James L. Schaller, The Search for Lost Fathering (Grand Rapids, Mich.: Fleming H. Revell, 1995), 142-43. (NOTE: Gordon MacDonald, in his book, The Effective Father, attributes this story to the life of James Boswell, the famous biographer of Samuel Johnson, whose father was a distinguished judge).
2. Two new resources can be helpful for a father who wishes to clearly define his promises to his children: Tell Me the Promises, Joni Erickson Tada and Ron DiCianni (Wheaton, Ilt: Crossway Books, 1996), ё A Father's Covenant (173 Promises for Consideration and Reflection), Stephen Gabriel (San Francisco: Harper SanFrancisco, 1996).

## БОБИ 7

1. Dr. David Ferguson and Dr. Don McMinn, Top 10 Intimacy Needs (Austin, Tex.: Intimacy Press, 1994), 5253.
2. See Phillip Keller's classic , A Shepherd Looks at Psalm 23 for further description of the shepherd's rod and staff (Grand Rapids, Mich.: Zondervan Publishing House, 1970).
3. Dan Benson, The Total Man (Wheaton, Ill.: Tyndale House Publishers, 1977), 183.

## БОБИ 8

1. Cited in "The Facts About Teen Suicide,: by David Elkind, Parents' Magazine 65, no. 1 (January 1990): 111.
2. The 24`" Annual Survey of High Achievers by Who's Who Among American High School Students, cited in "Top High School Students Admit They Have Cheated," Hamilton Journal-News, (October 20, 1993).

3. Nadine Brozan, “New Look at Fears of Children,” New York Times (May 2, 1983): B5.
4. Ephesians 4:15.

## БОБИ 9

1. Jerry Adler, “Building a Better Dad,” Newsweek (June 17, 1996): 60.
2. Genesis 17:4-5; Romans 4:17-18.

## БОБИ 10

1. Genesis 2:17
2. McDowell and Day, How to Be a Hero to Your Kids, 29.
3. John Redmond, “Successful Discipline,” Better Homes and Gardens 72, no. 4 (April 1994): 32.
4. Ibid.
5. McDowell and Day, How to Be a Hero to Your Kids, 199-200.
6. Ibid., 201.
7. Proverbs 3:12a.

## БОБИ 11

1. Allen C. Guelzo, “Fear of Forgiving,” Christianity Today 37, no. 2 (February 8, 1993): 42.
2. McDowell and Day, How to Be a Hero to Your Kids, 204.

## БОБИ 12

1. Ephesians 2:10.
2. As quoted in What They Did Right, Virginia Hearn, ed. (Wheaton, Ill.: Tyndale House Publishers, 1974), 166-67. 3. Dr. James Dobson, The Strong-Willed Child (Wheaton, Ill.: Tyndale House Publishers), 132.

## БОБИ 13

1. Jerry Adler, “Building a Better Dad,” Newsweek (June 17, 1996): 59.
2. Philippians 4:19.
3. Myriam Weisang Misrach, “The Wicked Stepmother and Other Nasty Myths,” Redbook 181, no. 3 (July 1993):88.
4. Connie Schultz, “Separating Fact, Fiction of Blended Family,” Cleveland Plain Dealer (January 28, 1995): 1 E.
5. Virginia Rutter, “Lessons from Stepfamilies,” Psychology Today, 27, no. 3 (May-June 1994): 30.

# Мундариҷа




Пешгуфтори муаллиф . . . 2

Миннатдорӣ . . . 5

1 Падар будан дар замонҳои душвор . . . 6

2 Робита бо падар . . . 18

3 Муҳаббати беқайду шартва қабули падар . . . 28

4 Покии падар . . . 41

5 Ростии падар . . . 56

6 Падаре ки сазовори боварӣ аст . . . 71

7 Падаре ки тасалло медиҳад ва дастгирӣ менамояд . . . 81

8 Падар чун ҳимоятгари асосӣ . . . 93

9 Падар — дӯст . . . 107

10 Падаре ки интизомро талаб мекунад . . . 120

11 Падар ва бахшидан . . . 138

12 Падар ва эҳтиром . . . 150

13 Падаре ки муддаои дили Худованд аст . . . 161

Илова: Падар бо фарзандонаш бо чӣ
машғул шуда метавонад . . . 173

Эзоҳот . . . 179

## Қувваи робита бо падарро барои худ ошкор намо

*„Ҳангоме ки ман падари ҷавон будам, маро тарс фаро гирифта буд. Ман худро тамоман нокомил ҳис мекардам ва метарсидам, ки фарзандонам ба таъсири маданияти ҳозира дода мешаванд. Ман мефаҳмидам, ки ҳеҷ кафолате буда наметавонад, аммо чунин ҳисобидам, ки агар модели ибтидоии падариро ёфта, ба он пайравӣ намуда метавонистам, барои пирӯзӣ имконияте медоштам“.*

Ҷош Макдауэлл

**Ҳар як падар мехоҳад, ки фарзандонаш:**

- худро маҳбуб ва ҳимояшуда ҳис кунанд;
- дар худ пуррагии хислатро тарбия намоянд;
- гуфта тавонанд, ки падари онҳо ҳамеша ба ваъдаҳояш вафо мекунад;
- ба таъсири носолими ҳамсолон муқобилат кунанд;
- аз истеъмоли май ва маводи мухаддир канораҷӯӣ кунанд;
- ҳаёти ҷинсиро танҳо дар никоҳ сар кунанд;
- ба падар барои маслиҳат муроҷиат намоянд;
- ноҳақ будани худро эътироф карда тавонанд;
- ҳангоме ки мушкилот ба миён меоянд, назди падар оянд;
- аз падар ба ваҷд оянд ва ӯро эҳтиром намоянд;

Дар китоби худ „Робита бо падар“ Ҷош Макдауэлл оиди модели ибтидоии падарӣ сухан меронад: оиди даҳ сифате ки ба якдигарфаҳмӣ ва мувофиқат дар муносибатҳо бо фарзандон мусоидат мекунанд. Бо ёрии ваҳйҳои Китоби Муқаддас ва намунаҳои равшан шумо оиди тарзи нави муносибат ба падарӣ мефаҳмед, ки боиси барпо гардидани системаи мустаҳками арзишҳо дар фарзандонатон мегардад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳамеша дар зиндагӣ интихоби дуруст кунанд.



Ҷош Макдауэлл, апологети маъруфи масеҳият, ташаббускори маъракаи умумимиллии Right from Wrong мебошад, чун нависанда ва воизи ташкилоти масеҳии Campus Crusade for Christ шӯҳрати байналмилалӣ дорад. Ӯ беш аз 40 китоб навиштааст, аз ҷумла „Далелҳои эҳё“ ва „Чӣ гуна барои фарзандони худ қаҳрамон шавем“. Ҷош ва зани ӯ чор фарзанд доранд.